**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 9+930.1 (575.3).**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МУҲАММАДСАФОИ ИСМАТУЛЛОИ САЪДУЛЛОЗОДА**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ (1991-2016)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор Убайдулло Н. К.

**ДУШАНБЕ – 2026**

# МУНДАРИЧА


**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО** ............................................................. 3

**МУҚАДДИМА**................................................................................. 4

**БОБИ I. ИНЪИКОСИ РАВАНДИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ**.......................................................... 22

1.1. Таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ ............................................. 22

1.2. Мақоми созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар асарҳои илмӣ ....................... 41

**БОБИ II. БОЗТОБИ ИСЛОҲОТИ АГРАРӢ ВА РАВАНДИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР АСАРҲОИ ИЛМИИ ТАЪРИХӢ** .. 56

2.1. Ислоҳоти аграрӣ ва инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқон .......... 56

2.2. Омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар асарҳои таърихӣ ............................................................................................. 69

**БОБИ III. ТАҲҚИҚИ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ МИЛЛӢ**.......................................................... 86

3.1. Бозтоби рушди маориф ва илми ҷумҳурии соҳибистиқлол дар асарҳои таърихӣ .......................................................................... 86

3.2. Дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ва инъикоси онҳо дар таърихнигории миллӣ........................................................................ 105

3.3.Инъикоси равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ .................................................................. 122

**ХУЛОСА**........................................................................................ 138

**РУЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ...... 154

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИҶШС – Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

КМ – Кумитаи Марказӣ

КОМ – Комиссияи Оштии Миллӣ

МАС – Маҷмуаи агросаноатӣ

МНСММТ – Миссияи нозирони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон

ФБГК ИДМ –Фонди байнидавлатии гуманитарии кишварҳои ИДМ

СААД – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

СААШ - Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ

САҲА - Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

СҲИ – Созмони Ҳамкории Исломӣ

СҲШ – Созмони Ҳамкории Шанхай

ҲК – Ҳизби Коммунистӣ

ҲКИШ - Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ҶИЭ – Ҷумҳурии Исломии Эрон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶХХ – Ҷумҳурии Халқии Хитой

ЮНЕСКО – Ташкилоти махсуси СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Иттиҳоди Шуравӣ дар натиҷаи зиддиятҳои буҳронии дохилӣ ва омилҳои берунӣ ибтидои солҳои 90-уми асри XX ҳамчун давлати ягона аз байн рафт ва дар қаламрави он давлатҳои нави мустақилу соҳибихтиёр ташкил ёфтанд. Муҳимтарин вазифаи ҷумҳуриҳои тозаистиқлол баробари таҳкими истиқлоли сиёсии бадастомада, роҳандозӣ намудани сиёсати мустақил: ҳам дар масъалаҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ буд. Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистонро низ ба мисли дигар ҷумҳуриҳои навташкилёфта зарур буд, ки ба бунёд ва таҳкими истиқлоли сиёсӣ ва асосҳои сиёсати мустақилонаи дохилию хориҷӣ, эҳёи унсурҳои миллии давлатдорӣ вобаста ба талаботи ҷаҳони муосир шуруъ намояд.

Парокандашавии Иттиҳоди Шуравӣ ба даст овардани истиқлоли давлатӣ (9 сентябри соли 1991) ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддӣ ворид намуд, аммо сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фазои нобасомони кишвар ҷиҳати иҷрои вазифаҳои муҳимми сохтмони асосҳои давлати мустақил монеаи ҷиддӣ гардиданд. Ҳаводиси ба миён омада баробари талафоти зиёди ҷонӣ ва хисороти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, хатари парокандашавии миллат ва аз байн рафтани ҷумҳурии мустақилро ба миён оварданд. Ҳокимияти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ пурра фалаҷ гардида, ҷумҳурӣ ба минтақаҳои гуногун ва маҳалҳои задухӯрдҳои мусаллаҳ табдил ёфт, қувваҳои носолим ва ифротгаро кӯшиши ғасби пурраи ҳокимияти сиёсиро пеш гирифтанд, молу амволи давлатӣ ва ҳатто хусусии шаҳрвандон мавриди ғорату тороҷ қарор гирифта буд. Ба ин раванди нобудсозандаи ҷумҳурию миллат танҳо Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) тавонист хотима гузорад. Маҳз дар ҳамин иҷлосия ҳокимяти қонунии конститутсионӣ барқарор гардида, роҳбарияти нави олии ҷумҳурӣ бо сарварии

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид. Ин иҷлосияи таърихӣ оғози марҳалаи эъмори давлатдории навини тоҷикон ва таҳкими истиқлоли сиёсию давлатӣ, ибтидои бунёди асосҳои давлатдории соҳибистиқлол дар ҷумҳурӣ гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз назари рушди иқтисодию иҷтимоӣ то расидан ба истиқлол дар байни ҷумҳуриҳои шуравӣ яке аз ҷойҳои охирро ишғол менамуд, дар замони бозсозӣ ва давраи даргириҳои сиёсию ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боз ҳам хисороти зиёд бардошт. «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо хисороти моддии ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро ба беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ баробар намудаанд» [5, с.156-158].

Зарари ҳаводиси ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ба ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ якранг набуд. Таъсири он ба баъзе ноҳияҳо, хусусан ноҳияҳои ҷанубӣ бештар гардида, сабаби мураккабии вазъи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ гардид, ҳатто дар баъзе ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ ба фоҷеаи миллӣ табдил ёфт. Давлат ва ҳукумати тозаистиқлоли Тоҷикистонро зарур буд, ки баробари ба эътидол овардани вазъи сиёсии ҷомеаи ҷумҳурӣ, инчунин масъалаҳои душвори иқтисодию иҷтимоиро ҳалл намуда, сиёсати хуб тарҳрезишудаи дохилӣ ва созандаю бунёдкоронаро ба роҳ монад.

Сиёсати бонизом ва муътадили дохилӣ, робита ва ҳамкории пайваста бо кишварҳову созмонҳои ҷаҳонӣ барои барқарор намудани хоҷагии халқ, ислоҳоту таҳаввулоти ҷиддӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Ҷумҳурӣ таҳти парчами сиёсати хирадмандона ва созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо пайомадҳои манфии иқтисодию фарҳангиро бартараф сохт, балки ба роҳи рушд ва тараққиёт ворид гардида, дар муддати кӯтоҳ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Вазъи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, зарари калони нобасомониҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, таҷрибаи таърииии Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлатдории навин, раванди ба даст овардани сулҳу субот, ислоҳот ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар таърихи давлатдории ҷаҳон ва минтақа, ки ҳамчун як намунаи ибратомӯзи таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ эътироф шудаанд, то андозае дар адабиёти илмӣ, корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ, махсусан илми таърихшиносӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва инъикос қарор гирифтаанд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки сатҳ ва дараҷаи бозтоби дигаргунсозию ислоҳот, тараққиёту комёбиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони истиқлол дар таърихнигории ватанӣ мавриди таҳлил қарор ёбад ва, дар ин замина, доираи инъикоси масъала, паҳлуҳои ҷудогонаи он дар адабиёти илмӣ муайян карда шавад. Вобаста ба ин интихоби мавзӯи таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сифати масъалаи таҳқиқотии як рисолаи илмӣ мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Мубрамии мавзӯи интихобшуда боз дар он аст, ки таҳқиқи илмии раванди дигаргунсозиҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар давраи истиқлоли давлатӣ, ташаккули муносибатҳои комилан нави истеҳсолӣ, суръати тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва мавзеҳои ҷудогонаи он алъон ба масоили муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ табдил ёфтааст. Инчунин, баррасии масъала имкон медиҳад, ки аз лиҳози илмӣ роҳҳои асосӣ ва манобии асосии рушди ҷумҳурӣ дар давраи истиқлол муайян карда шаванд. Бе накди таърихии адабиёти илмӣ, муайян намудани дараҷаи инъикоси раванди рушд ва комёбиҳои ҷумҳурии тозаистиқолол, татбиқи сиёсати давлатӣ ва ҳадафҳои стратегию барномаҳои дурнамои давлатӣ имкон надорад.

Маҳз бо назардошти ин нуктаҳо муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати баррасии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар даврони истиқлол, вижагиҳои он таҳқиқоти зиёдеро анҷом додаанд ва

онҳо то имрӯз мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор нагирифтаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти маҷмуӣ оид ба таҳлили таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлолӣ то ҳанӯз вуҷуд надорад. Вале асарҳои бунёдию дастаҷамъӣ, асару мақолоти зиёди илмӣ, публитсистӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар таърихшиносии ватанию хориҷӣ таълиф ёфтаанд, ки дар онҳо самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии замони истиқлол мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Адабиёти илмии мавҷударо метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

**Ба гурӯҳи аввал** асару мақолаҳо, суханрониҳо ва Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] шомил мебошанд, ки дар онҳо Сарвари давлат ба масоили гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли ислоҳоти аграрӣ, ташаккули муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, марҳалаҳои рушди босуботи кишвар, иҷроиши ҳадафҳои стратегии давлат, саноатикунонии босуръат, рушди илму маорифи Тоҷикистон, масоили гуногуни фарҳангӣ, густариши ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳову созмонҳои хориҷӣ дар доираи ИДМ, минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ инъикос ёфтаанд.

Пеш аз ҳама, яке аз арзишмандтарин асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Уфуқҳои истиқлол» маҳсуб меёбад, ки ба таҳлили масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ равона шудааст. Таҳқиқоти мазкур аз 5 боб иборат буда, дар он дастоварду мушкилиҳои Тоҷикистон дар даврони Истиқлоли давлатӣ, марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллӣ, рушди иқтисодии мамлакат, сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои самарабахши он, Ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ, афзоиши мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Пешвои миллат ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои истиқлоли давлатӣ дахл карда, тамоми бурду бохти ин равандро воқеъбинона ба риштаи таҳлил кашидаанд [8].

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳои бунёдӣ ва дастаҷамъӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмии доир ба масоили гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон таълифгардидаро дохил кардан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ асарҳои дастаҷамъии «История таджикского народа» [67, с.438], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [130], «Бунёди давлатдории навин» [48, с.286-287] ва асарҳои муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла Ғ.Ҳ. Ҳайдаров [163], И.Усмонов [160], А.Холиқзода [164], Н.М.Назаршоев [114], Р. Масов [209], Ҳ.Пирумшоев [131], Д.Назриев ва И.Сатторов [116], Ғ.Ғоибов [53], Н.Б. Ҳотамов [128], Р. Абулҳаев [30,179], Ш.Султонов [148], Т. Назаров [111], Н.М.Мирзоев [96], Ф. Абдурашитов [27], В.В. Дубовитский [192], В.М.Набиев [101], ва дигарон дохил мешаванд. Дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни масоили иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷассум ёфтаанд, ки ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти маҷмӯии таърихнигорӣ имконияти хуб медиҳанд.

Таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа» [67]; «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» (маҷмӯи мақолаҳо) [130]; «Бунёди давлатдории навин» [48]; «Маданияти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [74], «Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» [160] ба шакли пурратар инъикос ёфтаанд. Дар ин асарҳо дар баробари таърихи сиёсӣ, инчунин, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли мухтасар таҳлил шудаанд.

Ҷилди шашуми «История таджикского народа», ки соли 2011 зери назари академик Р.Масов ба нашр расид, таърихи халқи тоҷикро аз оғози ҶБВ то соли 2010 фаро мегирад. Дар ин асар бобҳои IV - VII ба замони истиқлол бахшида шуда, шароити таърихии соҳибистиқлол

гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанг ва сулҳи тоҷикон, азнавсозии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар солҳои истиқлол равшан таҳлил шудааст. Муаллифон кӯшидаанд, то тамоми масъалаҳоро аз диди нав ва мувофиқ ба тақозои замони истиқлолу манфиатҳои миллӣ таҳлил намоянд.

Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ба шакли мукаммалтар дар «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» инъикос шудааст. Раванди ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар ин маҷмуа дар шакли мақолаҳои алоҳида инъикос ёфтааст ва ин маҷмуа нахустин китоби дастаҷамъӣ ба забони давлатӣ маҳсуб меёбад. Бартарии китоби мазкур боз дар он аст, ки муаллифон тавонистаанд раванди дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва вазъи ҳаёти фарҳангию аввалин дастовардҳои ҷумҳуриро дар ин саматҳо бо истифода аз далелу маълумоти муътамади оморӣ нишон диҳанд. Аммо мутаассифона, китоби мазкур инъикоси масоили зикршударо танҳо то соли 2010 фаро мегирад.

Монографияи профессор Н.Б. Ҳотамов «Дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибихтиёрӣ», ки соли 2008 ба табъ расидааст ба таҳлили дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар давоми солҳои 1991-2006 равона гардидааст. Арзиши илмии ин асар дар он аст, ки муаллиф раванди ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодиро воқеъбинона баҳо дода, дастовардҳо ва нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳуриро дар ин раванд пурра таҳлил намудааст [166].

Монографияи Ф.Абдурашитов «Ислоҳоти замину об дар Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI» [33], ба масоили аграрии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуда, нахустин таҳқиқоти алоҳида ва пурра дар ин самт мебошад. Дар монография раванди ислоҳотҳои замин, таҷдиди муассисаҳои хоҷагии қишлоқ,

ташаккул ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибидои асри XXI инъикос ёфтаанд. Инчунин дар асоси маводи фаровони расмию бойгонӣ масоили ислоҳоти соҳаи об, таъсиси ниҳодҳои нав дар раванди танзими истеъмоли об, ассотсиатсияи истеъмолкунандагони обро мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Илова бар ин, асосҳои ҳуқуқии ислоҳотҳои замину об, натиҷаҳои озодсозии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии таносуи соҳаи аграрии ҷумҳурӣ аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Дар рисолаву мақолаҳои профессор Р.Абулҳаев масоили таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар даврони истиқлолият таҳлил шудааст. Муаррих дар китоби «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000)» дар заминаи маводи фаровони бойгонӣ, сарчашмаву адабиёти илмӣ таърихи муҳоҷиратро дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ ва даврони истиқлол ба риштаи таҳқиқ кашида, таърихи муҳоҷиратро ба се марҳала: 1924-1941; 1946-1960; 1961-2000 тақсим намудаааст. Дар марҳалаи сеюм, ки солҳои истиқлолиятро фаро мегирад, ҷанги шаҳрвандӣ ва дар натиҷаи он оғоз ёфтани раванди муҳоҷирати иҷборӣ ва ба Ватан бозовардани муҳоҷирони иҷбориро воқеъбинона таҳқиқ намудааст [34]. Муаллифи мазкур доир ба таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон асару мақолаҳои зиёд навишта [30], мавзуи раванди муҳоҷират дар манотиқи гуногуни ҷумҳуриро низ ба риштаи таҳлил кашидааст.

**Ба гурӯҳи сеюм** метавон корҳои илмӣ-таҳқиқотии як зумра олимони иқтисодшиноси ҷумҳурӣ, ба мисли Абдусаматов М., Орифов Х.О., Аҳмадов Х.М., Аминҷонов М.А., Аминҷонов Р.М., Ғаниев Т.Б., Ҷӯраев Д.К., Исоев Р.С., Исайнов Х.Р., Қудратов Р.Р., Муҳаббатов Х.М., Одинаев Х.А., Петров Г.Н., Холиқов Ш.Х., Умаров Ҳ.У. ва дигаронро ворид намуд. Олими шинохта, академик Т.Н. Назаров дар монографияи калонҳаҷм ва чандҷабҳаи худ [111] ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди

равобити бозорӣ ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ диққат дода, ҷараёни ҷустҷӯи роҳҳои барқарорсозии баъдинизоии объектҳои харобгардидаи соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ ва зербиноҳои онҳоро таҳлил намудааст. Ҷанбаъҳои иқтисодии туризм дар монографияи Ҷ. Ёров [61], хусусиятҳо, масоил ва авомили рушди иқтисодӣ, афзалиятҳои стратегии сиёсати макроиқтисодӣ ва амнияти иқтисодии кишвар дар асарҳои Н.Қ.Қаюмов, Р.К.Каримов, Ҳ.У.Умаров, масоили пулию қарзӣ дар корҳои Ҳ.У.Умаров, Р.К.Каримов, В.Бобоев, хусусиятҳои вижа, мароҳил ва масоили инкишофи иқтисоди бозорӣ дар таълифоти А. Абдуғафаров, Г. Абдусамадов, А.А. Бойматов, масоили «иқтисоди хурди бозор» ва баъзе ҷанбаъҳои равандҳои таваррумӣ дар китобҳои Л.Ҳ.Саидмуродов ва тағйироти сохтории иқтисоди Тоҷикистон дар навиштаҳои А.М.Раҳимов, Н.Х.Хоналиев инъикос ёфтаанд. Албатта, олимони зикршуа бештар ҷанбаъҳои иқтисодию иҷтимоии масъаларо дар мадди назар гузошта, ҷанбаъҳои таърихӣ, пеш аз ҳама омилҳои сиёсию ташкилии таъсиркунанда ва раванди татбиқи ислоҳотро он қадар ба инобат нагирифтаанд.

Масъалаҳои ҷудогонаи раванди рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар рисолаҳои гуногуни илмии самти илмҳои иқтисодӣ, ба мисли рисолаҳои Р. Маҳкамов[85], З.Юсуфҷонов [302], С. Д. Комилов ва С.А. Камолов [200], И.С. Донахонов [264], Н.Т.Насриддинов [278], З.Р.Шарифов [301], К.Б. Шамсиев [297], Х.Б.Раҳматов [284] баррасӣ гардидаанд.

Яке аз масъалаҳои ҷолиб ва таваҷҷуҳшаванда ин таҳқиқ ва баррасии баҳисобгирии захираҳои энергетикии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, гидроэнергетикӣ маҳсуб меёбад, ки дар ин самт як қатор асарҳои муаррихон [83], иқтисодшиносон [44], муҳаққиқони бевоситаи соҳаи энергетика [123], инчунин баъзе асарҳои илмию оммавӣ [60] ба табъ расидаанд. Ба таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи ҳаёти иқтисодӣ рисолаҳои

илмии А.С. Раҳимов [285], М.Н.Зардибекова [266], Ш.Х. Холиқов [295], Ш.А.Атобоева [253], С.Р. Бобоҷонов [256] ва дигарон бахшида шудаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** рисолаҳои илмиеро дохил кардан мумкин аст, ки ҷиҳати таҳқиқи масоили гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ анҷом дода шудаанд. Ба ин гурӯҳ рисолаҳои номзадии И.Р.Абдуллоев [249], А.Абдуқодиров [248], Р.Бобоҷонова[257], А.А. Муродов [276], М.Ганҷакова [260], Д.Урунова [294], О. Х. Шарафиева [298], Ғ.Р. Мирзоев [274], М. Равшанзод [283], У.А. Бобоҷонова [257], С.А. Қурбонов [270], И.Х. Афандихонов [255], А.В. Архангельский [252], Р.Х. Мирзоев [273], Г.В. Коваленко [268], В.В. Егозарян [265], П.А. Пирназарова [282], Ф. Розиқов [287], Ҷ.Ҷураев [263] ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти таърихнигорӣ манбаи арзишманд маҳсуб меёбанд.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти таърихнигориро асосан таълифоти муҳаққиқони самтҳои гуногун, ки марбут ба омӯзиши равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол равона шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқ бештар ба асарҳои таърихии инъикоскунандаи таърихи замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд, аммо баробари он аз дастовардҳои самтҳои дигари илм, пеш аз ҳама илмҳои иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ ва таърихи дипломатия низ фаровон истифода гардид. Манбаи муҳим ва нишондиҳандаи дараҷаи воқеияти тасвири ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлоли давлатӣ ин асару мақолаҳо ва паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Инчунин, ҳамчун сарчашмаи таҳқиқот аз маводи бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаҳои омории солона ва таҳлилӣ, матбуоти даврӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар муддати 25 соли истиқлол садҳо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки бархе аз онҳо вобаста ба масоили баррасишаванда дар

рисола истифода шуданд. Ба ин, пеш аз ҳама Конститутсия, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳо ва дигар асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ шомил мебошанд. Аз ҷумла, ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ дар самти инъикоси ҳаёти хоҷагии деҳот Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» (30 июни соли 2006 № 1775) ва «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба азнавсозӣ ва ислоҳоти корхонаҳои кишоварзӣ» (27 октябри соли 2014), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ» (соли 1992, № 544) ва «Низомнома дар бораи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1 октябри соли 1993, №499), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» (10 майи соли 2002, № 48 ва 19 майи соли 2009, № 526), қонун «Дар бораи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об» (соли 2006), «Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» (1 августи соли 2012) ва дигар сандҳои меъёрию ҳуқуқӣ истифода гардиданд. Ва ё дар самти таҳқиқу баррасии масоили ҳаёти фарҳангӣ ва маорифи халқ асноди ҳуқуқии зиёд, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993, 2004), Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2004, таҳти №425, «Барномаи давлатии омода кардани кадрҳои педагогӣ барои солҳои 2005-2010», аз 30 июни соли 2004, таҳти №291, «Дар бораи нақшаи татбиқи ислоҳоти низоми маориф дар солҳои 2004-2009», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (2 декабри соли 2002, таҳти №80), «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ», «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Дар бораи ҳунарҳои бадеӣ- халқӣ», «Дар бораи фаъолияти косибию ҳунармандӣ», «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» ва «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии

Тоҷикистон» (аз 30 декабри соли 2005, таҳти №501) мавриди истифода қарор дода шуданд.

Инчунин, ба ин гурӯҳи сарчашмаҳо «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020», барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва ғайраро шомил намудан мумкин аст.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир) барои солҳои 2016-2020» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ ба таҳлили умумии таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистони дар солҳои 1991-2016 равона гардидааст. Барои иҷрои ҳадафи асосии таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шуд:

- таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ;

- таҳлил ва нишон додани сатҳи инъикоси раванди рушди саноат ва омилҳои пешбаранда ва монеасози он, дараҷаи омӯзиши ҷараёни ислоҳот ва дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ, ислоҳоти замину об дар шароити соҳибистиқлолӣ ва хусусиятҳои хоси он дар адабиёти илмӣ;

- аз мавқеи таърихнигорӣ муайян намудани дараҷаи инъикоси сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ дар соҳаи гуногун, баррасии дараҷаи таҳлили нақши ташкилотҳои гуногуни сармоягузор ва соҳибкор дар пешрафти иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ;

- таҳлили дигаргунсозиҳои ҷиддӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ, таҳаввулот дар низоми маорифи халқ, равшан намудани нақши

муассисаҳои фарҳангӣ дар рушди ҷомеа, сатҳи баррасии имкониятҳои мавҷудаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти пажӯҳандагон;

- муайян намудани масоили гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз мадди назари муҳаққиқон берун мондаанд ва пешниҳоди тавсияҳо барои вусъат додани инъикоси онҳо дар адабиёти илмӣ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ асарҳои илмӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ, ки ба инъикоси ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар адабиёти илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва асарҳои ёддоштӣ ба ҳисоб меравад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот.** Марҳалаи таҳқиқот солҳои 2018-2021-ро дар бар гирифта, ба давраи таҳсил дар зинаи унвонҷӯйиро дар бар мегирад. Дар ин марҳала интихоби мавзуи диссертатсионӣ ва роҳбари илмӣ, таҳияи нақшаи инфиродии кор, ҷамъоварӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ ва маводи матбуоти даврӣ, таҳлил ва низоммандии маълумоти гирдовардашуда, навиштани матни диссертатсия, интишори мақолаҳои илмӣ аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин иштирок дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ амалӣ гардид.

Макони асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Доираи замонавии таҳқиқот солҳои 1991-2016, яъне аз замони ба даст овардани истиқлоли давлатӣ-то ҷашни 25-солагии Истиқлоли давлатиро фаро мегирад, ки аз марҳалаҳои расидан ба Истиқлоли давлатӣ (9 сентябри соли 1991)-Иҷосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1994-27 июни соли 1997) ва давраи рушду пешрафти

Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 2000-2016) иборат меошад. Аз ҷиҳати ҷуғрофи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, масъалаҳои марбут ба рушди умумии ҷумҳурӣ, тамоюлҳо ва комёбиҳои сатҳи ҷумҳуриявиро инъкос менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар диссертатсия муаллиф усулҳои илмии омӯзиширо доир ба ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991- 2016 ба роҳ мондааст. Бахусус ба истифодаи усули воқеияти илмӣ – ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмуи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба амсоли таърихият, муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар асоси усули муқоисавӣ - таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони даврони истиқлолият дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони шуравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масоили мазкур муайян шуда, равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии якдигарро ивазкунанда, ки таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлолро таркиб додаанд, таҳқиқ гардидаанд. Яке аз омилҳои асосӣ ин назари интиқодӣ ва воқеӣ ба таълифоти муҳаққиқони даврони истиқлол мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки мавзуи мазкур бори нахуст ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб шуда, раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дараҷаи инъикоси онро дар адабиёти илмӣ фаро гирифтааст. Ба шакли накди таърихӣ ва ё аз макеи таърихнигорӣ бори нахуст дараҷаи инъикоси таърихи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар

таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама, таърихшиносии тоҷик мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст. Ба замми ин навгонии таҳқиқоти мазкур боз дар нуктаҳои зерин низ ифода меёбанд:

- маротибаи нахуст дараҷаи мубрамииии таҳқиқ ва баррасии таърихи халқи тоҷики замони истиқлол, таҳлили таърихнигории асарҳои илмии таърихӣ доир ба инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо муайян намудани сатҳ ва фарогирии паҳлуҳои асосии таърихи муосири халқи тоҷик муқаррар карда шудаанд;
- сатҳи инъикоси раванди рушди саноат ва омилҳои пешбарандаю монеасози он, дараҷаи омӯзиши ҷараёни ислоҳот ва дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ, ислоҳоти замину об дар шароити соҳибистиқлолӣ ва хусусиятҳои хоси он дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд;
- дараҷаи инъикоси сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ дар соҳаи гуногун, баррасии сатҳи таҳлили нақши ташкилотҳои гуногуни сармоягузор ва соҳибкор дар пешрафти иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ аз мавқеи таърихнигорӣ муайян гардидаанд;
- дигаргунсозиҳои куллӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ, таҳаввулот дар низоми маорифи халқ, муайян намудани нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар пешрафти ҷомеа, дараҷаи баррасии имконоти мавҷудаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти пажӯҳандагон мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд;
- бори нахуст мавқеъ ва назари муҳаққиқон, махсусан самти илмҳои таърих дар таҳлил ва тасвири гузариш аз як низом ба низоми нав, ташкаккули шакли нави муносибатҳои истеҳсолӣ, раванди ислоҳот дар ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф ва илм, таҳаввулоти куллӣ дар ҳаёти фарҳангӣ, милликунонии арзишҳои фарҳангӣ, арҷгузорӣ ва эҳёи унсурҳои миллӣ дар адабиёти илмӣ муайян гардидаанд;
- ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давраи соҳибистиқлолӣ, ки аз мадди назари муҳаққиқон берун

мондаанд, муқаррар гардида, тавсияҳо барои инъикоси ҳамаҷонибаи онҳо дар адабиёти илмии таърихӣ пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муайян карда шуда, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ марҳалаи мураккаб ва печида мебошад, ки дар ин давра ҷумҳурии тозаистиқлол ба даргириҳои тӯлонии сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки ин ҳаводис ба хоҷагии халқ хисороти таъсирбахш ворид намуда, суръати рушди ҷоеаи ҷумҳуриро ба даҳсола қафо партофт, вале пас аз Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ ва гузаштан ба муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва бунёди ҷомеаи наву озоди демократӣ шуруъ гардид;

- мушаххас гардид, ки раванди дигаргунсозиҳо ва пешравиҳо, раҳо ёфтани ҷумҳурӣ аз вазъи мураккаби сиёсию иқтисодӣ, истиқрори сулҳу оромӣ, ягонагию ваҳдати ҷомеа ва дастовардҳои беназири ҷомеаи муосири тоҷик таҳти сарварӣ ва роҳбарии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба амал омада, маҳз бо ибтикороту ташаббусҳои пайвастаи Сарвари давлат ҷумҳурӣ ба татбиқи ҳадафҳои калони стратегӣ шуруъ намуда, фарҳангро ҳамчун инъикоскунандаи симои маънавии ҷомеа ва неруи бузурги муттаҳидсозанда дар меҳвари сиёсати давлат гузошта шуд;

- собит гардид, ки новобаста аз мушкилоту мураккаботи дохилӣ ва таъсири фишорҳои беруна ҷумҳурии тозаистиқлол дар муддати кӯтоҳ тавассути зина ба зина гузаронидани ислоҳот, пеш аз ҳама ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ, замину об, маориф ва фарҳанг тавонист аз ҳолати ақибмондагию харобӣ берун омада, дар самтҳои асосии ҳоҷагии халқ раванди рушд ва пешравии муназзамро соҳиб гардад;

- исбот гардид, ки фазои осоишта ва ваҳдати миллӣ пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии хоҷагии халқи ҷумҳуриро омода сохт ва истифодаи ҳаматарафаи дастовардҳои илму техника, кашфиётҳои технологии

ҷаҳони имрӯза сабабҳои асосии рушди маорифу илм ва фарҳанг гардида, рушди иқтисодиёт, ба эътидол омадани вазъи дохилии ҷомеа ва орому осоиштагии он, таъриху фарҳанги қадима ва табиати зебо ба рушди сайёҳӣ ва туризм дар ҷумҳурӣ заминаи хуб фароҳам оварданд ва имрӯз имконоти рушди сайёҳии фарҳангӣ, экотуризм, сайёҳии экстремалӣ дар ҷумҳурӣ бештар мебошанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои бунёдӣ роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2016), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихи фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихнигории таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол» васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия, инчунин, аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи муосири ҷумҳурӣ муфид мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин, истифодаи маводи бойгонӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар

асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 1, 2, 4, 6, 9 шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводи нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи ислоҳоти аграрӣ дар охири асри ХХ – ибтидои асри ХХI, дар таҳқиқи сабабҳои пастравии саноати Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри ХХ ва рушди минбаъдаи он дар ибтидои асри XXI, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, дар таҳқиқи таърихи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маъруза шудаанд. Аз ҷумла дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир» (Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе, 2022), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон» (Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе, 2023), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар шароити муосир» (Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе, 2023).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (протоколи № 6 аз 13 июни соли 2025) муҳокима гардида, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 186 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манобеъ ва адабиёти илмӣ таркиб ёфтааст.

# БОБИ I. ИНЪИКОСИ РАВАНДИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ

## 1.1. Таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз ҷиҳати рушд ва иқтидори иқтисодӣ дар байни кишварҳои собиқ шуравӣ яке аз мавқеҳои охирро ишғол менамуд. Раванди нисбатан босуръати рушди иқтисодии солҳои 1960-1985-ро дар ҷумҳурӣ тадбирҳои ислоҳотхоҳонаи аз соли 1985 оғозёфта, ки бештар бо номи «бозсозии горбачёвӣ» маълум аст, на танҳо боз дошт, балки онро ба буҳрони сахти иқтисодию иҷтимоӣ овард. Ин буҳрон яке аз омилҳои асосии нобасомониҳо ва даргириҳои сиёсӣ ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ гардиданд, ки ба суръат ва пешрафти иқтисодии ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон дар даҳсолаи аввали соҳибихтиёрӣ латмаи сахт ворид намуданд. Аз ин рӯ, марҳалаи нави таърихӣ дар ҷумҳурӣ бо бартараф намудани оқибатҳои вазнини буҳрони охири замони шуравӣ ва хисороти ба миён овардаи даргириҳои сиёсию ҷанги таҳмилшудаи шаҳрвандӣ оғоз ёфт.

Вале, новобаста аз мушкилоту мураккаботи ҷойдошта Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи гузариш ба низоми нави сиёсӣ, сохтмони давлати соҳибистиқлол, ислоҳоти низоми идорӣ ва иқтисодию иҷтимоиро дар муддати кӯтоҳ паси сар намуда, ба роҳи рушд ва пешравиҳо ворид гардид. Бионан, таҷрибаи Тоҷикистон дар самти берун шудан аз ҳолати мураккаби сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар як муддати кӯтоҳ ва рӯй овардан ба рушд дар замони муосир дорои аҳаммияти вижа ва муносиб ба омӯзиш гардид.

Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки дар замони шуравӣ ба кишвари саноатию аграрӣ табдил ёфта буд, аз ҷиҳати

суръати тараққиёт ва иқтидори истеҳсолӣ дар байни 15 ҷумҳурии шуравӣ ҷойи даҳумро ишғол менамуд [239, с.117]. Аммо бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, кандашавии робитаҳои дуҷониба бо собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ, даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, берун рафтани шумораи зиёди мутахассисон, аз кор мондани муассисаҳои калони саноатию кишоварзӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриро боз ҳам душвортар сохт. Бо таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ин нобасомониҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ «ба маблағи зиёда аз 10 млрд. доллари амрикоӣ хисороти моддӣ расонида, мамлакатро ба даҳсолаҳо ба қафо кашид» [230, с. 14]. Академик Т. Назаров вазъи иқтисодии ҷумҳуриро дар аввали солҳои 2000-ум таҳлил намуда, ишора ба он менамояд, ки «ҳаҷми иқтисодиёти миллӣ ду баробар паст гардида, корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ фаъолияти худро қатъ намуданд ва вазъи баъзе аз муассисаҳо дар ҳолати риққатовар қарор дошт, даромади умумии аҳолӣ хеле паст ва тафриқаи ниҳоят бузург дар низоми даромади онҳо ба миён омад ва ҳатто хатари қашшоқшавии саросари аҳолӣ таҳдид мекард» [220, с. 220].

Вобаста ба ҳолати ба миён омада, Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади боз доштани раванди пастравии иқтисодиёт ва муътадил гардонидани вазъи он тадбирҳои ҷиддӣ ва саривақтӣ, аз ҷумла, татбиқи Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои солҳои 1995-2000-умро қабул намуд, вале баъдтар онро барномаи мубориза ба муқобили камбизоатӣ ва рушди иқтисод барои солҳои 1998-2004 иваз намуд [67, с. 489]. Ҳамзамон ба имзорасии Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ (соли 1997) имконият муҳайё намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон зиёдтар ба масъалаҳои иқтисодӣ, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва ба эътидол овардани вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ бештар диққат диҳад. Дар натиҷаи татбиқи ислоҳот муътадилгардонии вазъи макроиқтисодии ҷумҳурӣ ва амалӣ намудани баъзе дигаргуниҳои сохторӣ бо мақсади бунёди пойгоҳи иқтисоди бозорӣ ҳолати умумии иқтисодии ҷумҳурӣ рӯ

ба беҳбудӣ овард.

Авзои иқтисодию иҷтимоӣ, ислоҳот ва дигаргунсозиҳо дар ин самт, роҳҳои асосии гузариш ба низоми нави муносибатҳои истеҳсолӣ ва, инчунин, дастовардҳои ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон дар самти иқтисодию иҷтимоӣ пайваста таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илми кишвар, пеш аз ҳама, илмҳои ҷомеашиносиро ба худ ҷалб намудааст. Таҳлили таърихнигории мавзуъ нишон медиҳад, ки асосан пажӯҳишгарони самти таърих, бо назардошти ҷанбаъҳои таърихӣ ва иқтисодшиносони ҷумҳурӣ бо ба инобат гирифтани раванди татбиқи ислоҳот ва натоиҷи ниҳоии он ба таҳқиқу баррасии раванди рушди ҷумҳурӣ дар ин марҳала таваҷҷуҳ намудаанд. Дар таҳқиқоти муҳаққиқони соҳаи иқтисод бештар масоили гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ташаккулёбии муносибати нав ба моликият, ташаккул ва рушди бахши хусусӣ, ҳамчун падидаҳои нави ҷомеа, раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва татбиқи барномаҳои хусусигардонӣ мақоми махсусро ишғол менамоянд.

Дар асарҳои таърихӣ бештар ба авзои иқтисодию иҷтимоӣ, омилҳои монеасози рушди иқтисоди кишвар, сиёсати давлатӣ дар самти иқтисод ва раванди татбиқи он, дастовардҳои аввалини иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Вале, ҳам дар асарҳои таърихӣ ва ҳам дар асарҳои иқтисодшиносон марҳалаи гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба низоми дигар, ислоҳоти фарогири иқтисодию иҷтимоӣ, баромадан аз ҳолати буҳрони сахт, раванди ғайридавлатӣ гардонидани моликияти давлатӣ, баргаштан ба моликияти хусусӣ, рушди иқтисоди бозорӣ ва асосҳои он мавқеи асосиро соҳиб мебошанд.

Таҳлили таърихнигорӣ бармеояд, ки дар даҳсолаҳои аввали истиқлоли давлатӣ баррасии масъалаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар самти илмҳои иқтисодӣ нисбат ба илмҳои таърихшиносӣ афзалият дошта, муаррихон камтар ба ин масъала диққат додаанд.

Албатта, инъикос ва таҳлили ҳамаҷонибаи авзои иҷтимоию

иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва мақсадҳои он, ҳадафу барномаҳои давлатӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи сиёсати иқисодию иҷтимоии давлат, дастовардҳои нахустини ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, дар суханронӣ ва асару мақолаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон [9] омадааст. Маҳз асару мақолот ва суханрониҳои Пешвои миллат барои пажӯҳишгарони таърих ва рушди раванди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳамчун манбаъ ва дастур мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба замми он вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ҳар сол дар Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили ҳамаҷонибаи раванд ва дастовардҳои он, инчунин, дурнамои рушди ҷумҳурӣ дар солҳои оянда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Аз соли 2000 сар карда то имрӯз ҳамасола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи мукаммали сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми амалӣ манзур намуда, аз бурду бохт ва дастоварду мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои асосии ҳалли онҳо ба мақомоти давлатию иҷроия роҳнамоӣ менамоянд [84].

«Ҳукумати Тоҷикистон маҳз дар заминаи дастуру нишондод ва вазифаҳои пешгузоштаи Президенти кишвар ба соҳаи иқтисод таваҷҷуҳи ҷиддӣ намуда, баҳри таъмини пешрафти муназам ва пайвастаи ҷумҳурӣ кӯшиш менамояд. Зеро пешрафти ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ умуман даст ёфтан ба сатҳи ҷаҳонии техника ва технология, илм ва фарҳанг аз рушди босуботи иқтисод вобастагӣ дорад»[214]. Бинобар ин омӯзиши таърихнигории таҳқиқоти таърихшиносии ҳаёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба хусусиятҳои инкишофи иқтисодии кишвар равшанӣ андохта ба муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва самараноки рушди он мусоидат намояд [214]. Аз тарафи дигар, маҳз дар натиҷаи бардошти нақди таърихнигорӣ дастовардҳои илми таърихшиносии миллиро дар самти

инъикоси ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурии тозаистиқлол дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ метавон арзёбӣ намуд ва дараҷаи пешрафти онро муайян сохт.

Аз ҷумлаи масоили иқтисодию иҷтимоии давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташаккулёбии низоми нави муносибатҳои моликият, ташаккулёбӣ ва рушди бахши хусусӣ, ба ҳайси яке аз падидаҳои низоми сармоядорӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Дар робита ба ин масоили иқтисодию иҷтимоӣ ҳамчун яке аз мавзуҳои муҳим мавриди таҳқиқи пажуҳандагон қарор гирифт.

Воқеан, раванди хусусигардонӣ, ки ҳанӯз дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ таҳти парчами сиёсати ғайридавлатӣ гардонидани моликияти давлатӣ оғоз ёфта буд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ривоҷ ёфта, боиси қабули як силсила санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ гардид. Тибқи санадҳои Иттиҳоди Шуравӣ раванди ғайридавлатӣ намудани моликияти давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ бояд дар давоми солҳои 1990-1995 гузаронида мешуд ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон низ мувофиқи ин барнома амал намуда, вобаста ба хусусиятҳои иқтисодии худ пояи ҳуқуқии ин маъракаро муҳайё менамуданд.

Аз муаррихон қадами нахустро дар омӯзиши таърихи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии даҳсолаҳои аввали соҳибистиқлолӣ доктори илмҳои таърих Н.Б. Ҳотамов гузошта, дар ин самт монографияи арзишманде [166] таълиф намудааст. Гарчанде доираи хронологии монография маҳдуд буда, солҳои 1991-2006-ро дар бар мегирад, аммо муҳаққиқ таърихи масоили дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ вобаста соҳаҳои энергетика, саноат, роҳсозӣ, тиҷорати дохилию берунӣ, фаъолияти бонкҳо ва низоми қарздиҳӣ, низоми андозбандӣ, нақлиёт ва роҳсозӣ, комплекси агросаноатӣ, алоқа, тиҷорати дохилию берунӣ, маблағгузории хориҷӣ, фаъолияти бонкҳо ва низоми қарздиҳӣ ва ҳаёти иҷтимоиро муфассал инъикос намудааст.

Нашри монографияи Н.Б.Ҳотамов на танҳо барои таърихшиносон, балки барои иқтисодчиён, унвонҷӯёну донишҷӯёни низ хеле муфид буда, дар вақташ ҷойи холии адабиёти мукаммали таҳқиқию таҳлилиро доир ба раванди дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар ибтидои замони истиқлол пур карда буд. Аз тарафи дигар, муаллиф тавонистааст дар заминаи маводи мавҷудаи расмию оморӣ, таълифоти сатҳи гуногуни таърихию иқтисодӣ ҷанбаҳои асосии вазъи иқтисодӣ ва раванди ислоҳоти соҳа, хусусият ва мушкилоти ҷойдоштаро нишон диҳад. Дар заминаи таҳлили таълифоти илмии таърихию иқтисодӣ муаллиф таъкид менамояд, ки «ҳангоми эълони истиқлолият Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ барномаи мушаххаси аз лиҳози илмӣ асоснокшудаи дигаргунсозиҳои иқтисодиро надошт» [166, с.4].

Муаллиф роҳи 15-солаи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро таҳлил намуда, хулоса менамояд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ислоҳоти соҳаҳои алоҳидаи иқтисод, бавижа саноат, соҳибкорӣ, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт ва бунёди роҳҳо, алоқа, тиҷорати дохилию берунӣ, низоми андозбандӣ, ҷалби маблағҳои хориҷӣ, ташаккули низоми бонкӣ ва қарздиҳӣ, дигаргунии ҳаёти иҷтимоӣ, танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ва пешравиро ба миён оварданд. Дар натиҷаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ на танҳо пастравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ боз дошта шуд, балки бо ташаббуси Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ҳолатҳои буҳронӣ ва мушкилот бартараф гардиданд [166, с. 260].

Қадами ҷиддии таърихшиносӣ дар омӯзиши масоили иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар солҳои 1991-2010 дар асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» (ба забони русӣ) [67] гузошта шудааст. Дар боби «Дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибихтиёрӣ (1991-2010)»-и ин асар [67], ки он низ ба қалами профессор Н.Б. Ҳотамов тааллуқ дорад, раванди бистсолаи рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мавриди таҳлили таърихшиносӣ қарор

гирифтааст. Муаллиф, асосан дар пояи монографияи дар боло зикршудааш, бо истифодаи манобеи наву адабиёти фаровони таърихию иқтисодии мавҷуда раванди дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии дар ҷумҳурӣ ба вуқуъ омадаро то давраи соли 2010 мавриди инъикос қарор додааст. Ӯ қайд менамояд, ки «Пеш аз ҳама, таҳлилу баррасии дастовардҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар ду даҳсолаи аввали замони соҳибистиқлолӣ муаллифро ба хулосае меорад, ки ҳадафи стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ибтидо расидан ба дараҷаи рушди иқтисодии то замони соҳибистиқлолӣ буд ва новобаста ба мушкилоту мураккаботи мавҷуда бо андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва оғози татбиқи ислоҳоти соҳа охирҳои солҳои навадум суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) рӯ ба инкишоф ниҳод»[67, с.490]. Бино ба таҳқиқти ӯ «суръати рушди ММД соли 1998 баробар 5,3% ва соли 2003 баробар ба 10,2% буд, ки ин 49,1% дараҷаи соли 1990-ро ташкил медод» [67, с.490]. Дар пояи таҳқиқоти иқтисодӣ ва рақамҳои оморӣ муаллиф тавонистааст, ки ҳалли се вазифаи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи пас аз ба даст омадани истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар самти рушди иқтисоди ҷумҳурӣ муайян намояд: «1) таъмини истиқлоли энергетикӣ; 2) бехатарии озуқаврии мамлакат; 3) гузаштан ба ҳадафи стратегии паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ равона гардида буд. Зеро иҷрои вазифаи аввал ба рушди иқтисоди кишвар мусоидат менамуд ва татбиқи ду вазифаи дигар бевосита аз дараҷаи рушди иқтисодӣ вобастагӣ дошт» [67, с.493].

Дар зербобҳои ин китб рушди энергетика, саноат, соҳибкорӣ, тиҷорати дохилӣ ва берунӣ, сохтмони роҳҳо, нақлиёт ва алоқа, дигаргуниҳо дар низоми андоз ва андозбандӣ, маблағгузории дохилию хориҷӣ, ташаккули низоми мустақили бонкии ҷумҳурӣ, вазъи иҷтимоӣ ва муҳоҷират мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Яке аз масъалаҳое, ки муаллиф ба таври муфассал ба таҳлили он даст задааст, ин рушди саноат ва раванди ғайридавлатӣ гардонидани

муассисаҳои саноатӣ мебошад. Хусусигардонӣ (приватизатсия), яъне сиёсати ба моликияти хусусӣ гардонидани амволи давлатӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ҳанӯз моҳи майи соли 1990 оғоз ёфта буд. Дар ҷумҳурии мо пас аз қабули қонун «Доир ба ғайридавлатӣ ва хусусигардонии амволи давлатӣ» (феврали соли 1991) ин таҳаввулот оғоз ёфт ва ба яке аз самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ табдил меёфт. Баъдан бо қабули як зумра қонунҳои дигар доир ба фаъолияти соҳибкорӣ, маблағгузории хориҷӣ ва муфлисшавӣ дар давоми солҳои 1991-1992 раванди хусусигардонӣ дар кишвар суръат гирифта бошад ҳам, соли 1995 ҳиссаи моликияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ 97,7%-ро ташкил медод [67, с.494].

Раванди хусусигардонии муассисаҳои саноатӣ аз соли 1997, пас аз ҷониби Парлумон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ муқаррар намудани категорияҳои асосии муассисаҳои давлатӣ тибқи қонуни алоҳидаи «Доир ба тартиби ба ҷамъиятҳои аксионерӣ табдил додани муассисаҳои давлатӣ» [21] вусъат пайдо намуд. Асосан муассисаҳои саноатӣ вобаста ба теъдоди кормандонашон ба се категория тақсим карда шуданд ва ин тадбир ва дигар чораҳои саривақтии Ҳукумати ҷумҳурӣ имконият доданд, соли 2001 раванди хусусигардонӣ асосан ба сатҳи анҷомёбӣ ворид гардида, ҳамин сол ҳиссаи моликияти хусусишудаи давлатӣ ба 40% моликияти умумии давлатӣ расад. Раванди хусусигардонии муассисаҳои давлатӣ солҳои минбаъда низ идома ёфтанд ва, умуман, аз соли 1991 то 1 апрели соли 2009 дар ҷумҳурӣ 10748 муассиса, ки 9485-тои он муассисаи хурд ва 1263 муасссисаи миёна ва калони саноатӣ буданд, хусусӣ гардонида шуданд [67, с.490].

Ба замми ин дар асари бунёдии мазкур вазъи саноати ҷумҳурӣ дар давраи гузариш ва ислоҳот, суръати рушд ва самтҳои асосии он низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла, таъкид мешавад, ки баъзе соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ, махсусан истеҳсоли неруи барқ, сӯзишворӣ, металлургия, мошинсозӣ, масолеҳи сохтмон, саноати коркарди

маъданҳои кӯҳӣ, бофандагӣ, хӯрокворӣ ва чанди дигар дар ҷумҳурӣ бештар фаъол буданд. Умуман ғайр аз соҳаҳои энергетика ва металлургия дигар соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ то соли 1999 дар ҳолати карахтӣ ва ҳатто пастравӣ қарор доштанд. Тадриҷан пешравии соҳаи саноати ҷумҳурӣ аз солҳои 2000-ум ибтидо мегирад [67, с501-502].

Дар китоби дастаҷамъонаи «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [129] низ як боби алоҳида ба инъикоси дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки он низ ба қалами профессор Н. Б. Ҳотамов тааллуқ дорад. Фарқи асосии ин таълифот аз ду таҳқиқи дар фавқ овардаи мо дар он аст, ки аввалан аз ҷиҳати хронологӣ ин таҳлил то соли 2016 идома ёфтааст ва, баъдан, таҳқиқро аз мавзуи хусусигардонӣ дар соҳаи саноат оғоз намуда, раванди онро ба се давра тақсим менамояд. Тибқи таҳлили муҳаққиқ «дар ду марҳалаи аввал бештар корхонаву муассисаҳои хурд ва дар марҳалаи сеюм асосан корхонаву муассисаҳои калону миёна хусусӣ гардонида шуданд» [129, с.130]. Муҳаққиқ дар пояи сарчашмаҳои мавҷуда, бавижа манбаъҳои оморӣ бурду бохти раванди хусусигардониро дар ҷумҳурӣ таҳлил намуда, натиҷаи ниҳоии онро дар ибтидо ба манфиати давлат на он қадар фоидабахш ҳисобидааст [129, с. 131-132].

Ба андешаи муҳаққиқ дар давраи якум амволи давлатӣ асосан ба кормандони худи корхонаҳо фурӯхта мешуданд ва бо ин роҳ корхонаҳои хурди соҳаи тиҷорат, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ хусусӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла, аз ибтидои давраи хусусигардонӣ то соли 1997 қариб 37% чунин корхонаҳо ғайридавлатӣ гардиданд ва баробари онҳо як гурӯҳ корхонаҳои миёна (дорои 100-199 нафар коргар) ва, инчунин, коргоҳҳои калонтар (дорои зиёда аз 200 нафар коргар) низ ба кормандонашон фурӯхта шуданд [129, с. 130]. Дар давраи дуюми хусусигардонӣ шакли асосии фурӯши амвол барои ҳар як корхона танҳо тариқи музояда (аукцион) ва тендер муқаррар шуд ва бо ин роҳ суръати

ба моликияти хусусӣ табдил ёфтани корхонаҳои хурд хеле суръат гирифта, асосан соли 1998 ба анҷом расид. Дар ин давра то соли 2002 дар ҷумҳурӣ 96% муассисаҳои хизмати маишӣ, 90% соҳаи тиҷорат ва 85% -и иншооти соҳаи хӯроки умумӣ хусусӣ гардонида шуданд [129, с. 130]. Марҳалаи сеюми хусусигардонӣ асосан аз соли 1998 ибтидо мегирад, ки бештар ба коронаҳои калон дахл дошт ва роҳи асосии ғайридавлатӣ намудани онҳо музоида буд. Дар солҳои 1998-2001 бо усули музояда зиёда аз 300 корхона фурӯхта шуд [129, с. 131].

Аммо натиҷаи ниҳоии хусусигардониро профессор Н.Б. Ҳотамов начандон хурсандиовар ҳисобидааст. «Ҳамзамон бо роҳи хусусигардонӣ, - менависад муаллиф, - бояд хазинаи давлат ғанӣ мегардид, аммо ин раванд ҳам натиҷаи хуб ба бор наовард, зеро ба он раванди беқурбшавии пул монеа гардид ва, инчунин, на ҳамаи маблағи дар натиҷаи ғайридавлатӣ гардонидани корхонаҳо ба буҷаи давлат ворид шуд. Падидаҳои аз арзиши аслӣ камтар фурӯхтани корхонаҳо дар ибтидои маърака низ мушоҳида мешуд ва дар ниҳоят як гурӯҳи муайяне соҳибони чунин амвол гардиданд» [129, с. 132].

Н. Б. Ҳотамов доир ба рушди соҳибкорӣ ва сабабҳои дар ибтидо рушд наёфтани он, вазъи саноати ҷумҳурӣ бо нишон додани соҳаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла, матоъҳои пахтагин, қолинбофӣ, истеҳсоли яхдон, трансформатор, арзиз, энергетика ва рушди он, бо тавсифи мухтасари алоҳидаи неругоҳҳои барқи обӣ, нафту газ, ангишт ва марказҳои гармидиҳӣ таҳқиқот гузаронида, дар маҷмуъ раванди рушди иқтисодии кишварро қаноатбахш меҳисобад. Илова ба ин дар очеркҳо раванди рушди нақлиёт ва сохтмони роҳҳо, мусофиркашонӣ, сохтмони нақбҳо низ инъикоси худро пайдо намудаанд [129, с.184]. Бартарии таҳқиқоти муаллифи мазкур, пеш аз ҳама дар он зоҳир меёбад, ки тавонистааст маводи зиёди сарчашмавӣ, махсусан санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқӣ ва омориро бори аввал ба гардиши илмии таърихшиносии ватанӣ барорад ва дар заминаи онҳо вазъи умумӣ ва роҳҳои рушди самтҳои гуногуни

онро инъикос намояд.

Махсусан, таҳлили профессор Н.Б. Ҳотамов доир ба сабабҳои дар аввал раванди муътадил пайдо накардани соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бештар ҷолиб мебошад. Муаллиф сабабҳои асосии монеашавандаро дар чунин омилҳо мебинад: 1) муайян набудани ҳадафи ягонаи иқтисодӣ дар байни давлат ва соҳибкорон, зеро тадбирҳои андешида давлат барои рушди соҳа аз ҳисоби буҷа боз пас намегардид ва даромади буҷа танҳо аз ҳисоби андозҳо ба миён меомад; 2) номувофиқии сиёсати молиявию қарзӣ барои рушди соҳибкорӣ, ки он дар пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ифода меёфт, аммо банкҳо ба ивази қарз кафолати бузурги молу мулкиро талаб менамуданд, ки аз ҳаҷми қарзи манзуршаванда ду - се маротиба зиёд буданд; 3) ин набудани пояи мустаҳками иқтисодӣ ва заминаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои соҳибкорӣ мебошад, ки норасоиҳо дар ин самт ҷой дошта ҳангоми санҷиши Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (солҳои 2003-2006) рӯи об омаданд [129, с. 135-136].

Дар самти илмҳои иқтисодӣ низ ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама таъмини амнияти обию энергетикӣ, сохтмони неругоҳҳои барқӣ, истифодаи самараноки имконот ва иқтидори захиравии неруи об дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Масалан, корҳои илмӣ-таҳқиқотии як зумра олимони иқтисодшиноси тоҷик, пеш аз ҳама Раҳимов Р.К. [229], Назаров Т.М. [105; 107; 109; 111;112], Каюмов Н.К. [76], Ғаниев Т.Б. [51], Ҷӯраев Ҷ.К. [263], Холиқов Ш.Х. [295], Умаров Ҳ.У. [156; 240], Нидоев Н.Ф. [118], Тағоев Ҷ.С. [152] ва чандин нафари дигар маҳз ба баррасии ҳамин мавзуъҳо бахшида шудаанд, ки бархе аз онҳоро мо дар рафти таҳқиқи хеш вобаста ба масоили барасишаванда мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Аммо зарур ба таъкид аст, ки дар ин корҳо яке аз мавзуоте, ки дар илми иктисодшиносии Тоҷикистон самтҳои асосии табаддулоти

иқтисодӣ ва ҷамъиятиро дар марҳалаи кунунӣ муайян намудааст, оғоз ва густариши ислоҳоти низоми иқтисодӣ бо ворид кардани он ба низоми муносибатҳои бозорӣ мебошад. Ҳаллу фасли ин масъала, аз дидгоҳи олимони иқтисоддони тоҷик, аз бисёр ҷиҳат, аз татбиқи барномаҳои хусусигардонӣ ва рушди бахши хусусӣ дар иқтисодиёт вобаста мебошад.

Пеш аз ҳама, олими шинохта, академик Т.Н. Назаров дар монография калонҳаҷми худ [105] ба масъалаи ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, ҷараёни ҷустҷӯи роҳҳои барқарорсозии баъдинизоии объектҳои харобгардидаи соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ ва зербиноҳои онҳоро таҳлил намудааст [210, с.86].

Масоили марбут ба ҷанбаъҳои иқтисодии туризм дар монографияи Ҷ. Ёров [61] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар монографияи мазкур самтҳои асосии рушди туризм дар шароити бозор дар Тоҷикистон, мушкилоти мавҷуда ва ҷараёни батанзимдарории давлатӣ ва вазъияти дастгирии соҳаи туризм таҳлил ва арзёбӣ гардида, имкониятҳои инкишофи соҳаи мазкур дар иқтисодиёти кишвар муайян гардидааст [210, с.86].

Умуман, ҷумҳурӣ дар ин самт дорои имкониятҳои васеъ ва объектҳои барои сайёҳи зарури табиӣ ва таърихию фарҳангӣ мебошад. Аммо барои рушди он, пеш аз ҳама зарур аст, ки инфрасохтори зарурӣ ва ёрирасон, шароиту имконияти мувофиқ ба талаботи сайёҳон муҳайё карда шавад. Яке аз самтҳои воқеан ҷолиби индустрияи сайёҳӣ ин экосайёҳӣ мебошад, ки барои равнақи он дар шароити кунунии ҷумҳурӣ имконоту иқтидори зарурӣ, пеш аз ҳама вазъи орому фазои осоишта мавҷуд мебошад ва табиати ҷумҳурӣ аз лиҳози ҷолибият имрӯз шумораи зиёди сайёҳони кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст.

Дар солҳои истиқлолият дар илми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таваррум ва бекорӣ ҳамчун объекти нави таҳқиқ дар корҳои

иқтисодшиносон инъикос ёфтаанд, ки мо онҳоро вобаста аз мавзуи таҳқиқ метавонем ба самтҳои зерин гурӯҳбандӣ намоем:

- хусусиятҳо, масоил ва авомили рушди иқтисодӣ дар шароити иқтисоди гузариши Тоҷикистон (дар асарҳои Н.Қ. Қаюмов, Р.К. Каримов, Ҳ.У.Умаров);

- афзалиятҳои стратегии сиёсати макроиқтисодӣ дар партави суръати босуботи инкишоф ва амнияти иқтисодии кишвар (дар асарҳои Н.Қ.Қаюмов, Р.К.Каримов, Т.Н.Назаров, Ҳ.У.Умаров);

- масоили пулию қарзии инкишофи иқтисоди миллӣ ва манобеи монетарии карахтӣ (стагнатсия) дар шароити кунунии Тоҷикистон (дар таълифоти Ҳ.У.Умаров, Р.К.Каримов, В.Бобоев);

- хусусиятҳои баъзе механизмҳои фискалии батанзимдарории иқтисод дар шароити кунунӣ ( дар асарҳои Р.К.Раҳимов, Т.Н.Назаров);

- марҳалаҳо ва масоили инкишофи иқтисоди бозорӣ, инчунин хусусиятҳои он дар Тоҷикистон (дар асарҳои А. Абдуғаффоров, Г. Абдусамадов, А.А. Бойматов);

- масъалаҳои «иқтисоди хурди бозор» ва баъзе паҳлуҳои раванди таваррумӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ (таҳқиқоти ҷолиби Л.Ҳ. Саидмуродов);

- тағйироти сохтории иқтисоди Тоҷикистон ва хусусиятҳои сиёсати саноатӣ дар давраи гузариш ба бозор (дар таълифоти А.М.Раҳимов, Н.Х.Хоналиев).

Рисолаҳои илмии барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар самти илмҳои иқтисодӣ низ бештар ба инъикоси масоили зикршуда равона гардидаанд. Масалан, дар рисолаи Р. Маҳкамов [84] раванди татбиқи ислоҳоти иқтисодии дар ҷумҳурӣ ва ташаккулёбии бахши хусусӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ мавриди таҳқиқ карор гирифтааст. Муаллиф, ба шароити иктисодию иҷтимоии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ таваҷҷӯҳ намуда, самтҳои асосии таҳаввулоти иқтисодиро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар бобҳои

алоҳида раванди хусусигардонӣ дар ҷумҳурӣ, шаклҳои он, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳолати бозори дохилии истеъмолии охири солҳои 90-уми асри XX дар кишвар инъикос ёфтаанд [210, с.83].

Дар таҳқиқоти илмии З.Юсуфҷонов [302] низ ба масоили ташаккули бахши хусусии иқтисод ва мақоми соҳибкории хурду миёна дар истеҳсолоти ҷамъиятии ҷумҳурӣ, вобаста ба қонунҳои амалкунандаи кишвар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқони ҷавон дар заминаи методологии таҳлили раванди рушди иқтисодии ҷумҳурӣ бо истифода аз маводу сарчашмаҳои зарурӣ ба ҳаллу баррасии масоили мубрами иқтисодию иҷтимоӣ кӯшиш намудаанд.

Пажӯҳишгарони дигар, аз ҷумла С. Д. Комилов ва С.А. Камолов [200] низ дар таҳқиқоти муштараки худ ба масъалаи рушди бахши хусусӣ дар давраи истиқлол, И.С. Донахонов [264] ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, хусусиятҳо ва қонуниятҳои рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар бахши аграриро мавриди таҳлил қарор дода, чандин пешниҳод ва тавсияҳои заруриро барои беҳтар намудани суръати рушд, баланд бардоштани самаранокии соҳаҳо дар марҳалаҳои истеҳсол, табдил, нигоҳдорӣ ва расондани маҳсулоти кишоварзӣ ба истеъмолкунандагонро манзур намудаанд. Инчунин, вазъи рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди ҷумҳурӣ ва масоили дигари марбут ба Комплекси агросаноатӣ (КАС), рушди соҳибкории инфиродӣ дар деҳот ва аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии он аз мадди назари ин муҳаққиқон берун намондааст [209, с.84].

Муҳаққиқ Н.Т.Насриддинов ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ташаккул ва рушди иқтисоди бисёрсоҳавӣ дар бахши агросаноатии Тоҷикистон диққат дода, дар рисолаи илмии худ [278] асосҳои назариявию методологии ташаккули иқтисоди бисёрсамтии бахши хусусии кишоварзии ҷумҳуриро таҳлил намуда,

самтҳои асосии ин соҳаи хоҷагии халқро муайян намудааст.

Умуман, мавзуи ташаккул ва рушди механизмҳои бозории хоҷагидорӣ дар низоми агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр таҳқиқотҳои олимони самти иқтисодӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ З.Р.Шарифов пажӯҳиши чандинсолаи худро [301] ба таҳлили асосҳои иқтисоди бозорӣ, механизми муносиби хоҷагидорӣ дар бахши агросаноатии ҷумҳурӣ бахшидааст. К.Б. Шамсиев, бошад ба рушди соҳибкорӣ дар самти истеҳсолоти агросаноатии ҷумҳурӣ таҳқиқот гузаронида, дар асоси таҳлилу таҳқиқи ҳолати воқеии ин соҳа дар солҳои истиқлол самтҳои ояндадори онро, ки ҷавобгӯи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва суръати рушду мувозинати иқтисодии ҷумҳурӣ мебошанд, муайян намудааст [297]. Ислоҳоти соҳаи агросаноатӣ ва истиқрори муносибатҳои бозорӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ дар рисолаи илмии Х.Б.Раҳматов [284] низ баррасӣ гардидаанд, ки муаллиф бештар ба ҷанбаъҳои ташаккул ва инкишофи бахши хусусӣ дар ин самт диққат додааст.

Таҳлили таърихнигорӣ ошкор менамояд, ки муаррихони таърихи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ мунтазам вобаста ба инкишофу пешравии ҷумҳурӣ доираи мавзуҳои илмӣ-таҳқиқотии худро васеътар намуда, ба таҳқиқу баррасии паҳлуҳои дигари ҳаёти иқтисодӣ ва дастовардҳои аввалини замони соҳибистиқлолӣ машғул шудаанд. Яке аз масъалаҳои ҷолиб ва таваҷҷуҳшаванда ин таҳқиқ ва баррасии баҳисобгирии захираҳои энергетикии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, гидроэнергетикӣ маҳсуб меёфт. Аз ҷумла, масъалаҳои рушди саноати энергетикию сӯзишворӣ дар як қатор асарҳои муаррихон [83], иқтисодшиносон [44], муҳаққиқони бевоситаи соҳаи энергетика [123], инчунин баъзе асарҳои илмию оммавӣ [60] мушоҳида мегардад. Дар ин асарҳо захираҳою иқтидори энергетикии ҷумҳурӣ, раванди азхудкунии онҳо, дастовардҳо, махсусан,

сохтмони иншооти саноатӣ, неругоҳҳои хурду азими ҷумҳурӣ ва дурнамои рушди самти мазкурро мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифтаанд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон муҳимтарини омили рушди иқтисодӣ ин соҳиб будан ба иқтидори зарурии энергетикӣ мебошад ва маҳз захираҳои энергетикӣ, аз ҷумла нафт, газ, ангишт ва неругоҳҳои барқи обӣ ва истифодаи бомароми онҳо метавонанд пешрафти босуръати иқтисодии кишварро таъмин намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин захираҳои табиӣ дар байни кишварҳои дунё яке аз ҷойҳои баланд ва ифтихориро ишғол менамояд. Аз ҷумла, иконияти захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ба 527 млрд кВт мерасад, ки аз ин имонияти пурра истифода намудани 220,6 млрд кВт мавҷуд мебошад. Дар айни ҳол, имрӯз ҷумҳурӣ танҳо 6,5% -и ин имкониятро истифода менамояд [129, с. 146].

Новобаста аз мавҷудияти захираи бойю имконият ва иқтидори зарурӣ ҷумҳурӣ то замони соҳибистиқлолӣ талаботи дохилии худро бо неруи зарурӣ аз ҳисоби имконияти дохилӣ ҳамагӣ дар доираи 48-49% таъмин менамуд ва зиёда аз 50% неруи даркориро аз дигар ҷумҳуриҳо ворид менамуд. Аз ҷумла, то ибтидои асри XXI ба ҷумҳурӣ воридшавии неруи барқӣ-32,5%, гози табиӣ-72%, маҳсулоти нафтӣ -88,5% ва ангишт 95% кам гардид [129, с. 146].

Пажӯҳишгарони ҷавони самти илмҳои иқтисодӣ низ ба таҳқиқи ин масъалаҳо тавассути шумораи зиёди рисолаҳои илмии худ барои дарёфти дараҷаи илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Соли 2009 А.С. Раҳимов рисолаи илмии худро ба таҳқиқи масъалаҳои беҳтар сохтани равияҳои баҳисобгирии захираҳои гидроэнергетикии хурди ҷумҳурӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ равона намуд. Муаллиф, дар асоси таҳлили бонизом, тавонист ҳолати кунунӣ ва рушди оянадаи

комплекси сӯзишворию энергетикии ҷумҳурӣ, аҳаммияти истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикаи хурдро дар шароити маҳдудиятҳои шадид дар давраи тирамоҳ ва зимистон, ҳамчунин ташкили низоми самараноки таъмини ғайримарказонишудаи низоми барқи кишварро, ки ба он 73% аҳолии кишвар шомил аст, асоснок намояд [285].

Рисолаи илмии М.Н.Зардибекова [266] ба мавзуи ташаккули стратегияи маҷмуи энергетикии Тоҷикистон ва нақши он дар ҳамгироии низоми энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Муаллиф ҳадафи асосии пажӯҳиши худро дар омӯзиши ҳолати мавҷуда ва муайян намудани самтҳои стратегияи рушди энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини инкишофи собит бо назардошти ташаккулёбии ҳамгироии энергетикӣ ҷиҳати ҳаллу фасли идораи захираҳои обию энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва истифодабарии оқилонаи тавони энергетикии минтақа муқаррар намудааст [210, с.85].

Инкишофи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил карда, муаллиф нишон додааст, ки иқтисоди ҷумҳурӣ дар давраи мавриди омӯзиш тамоюли инкишофи яктарафаро соҳиб будааст ва воридоти асосӣ ба буҷаи он танҳо аз ҳисоби истеҳсоли арзиз (алюминий) ва пахта ба амал мебаромадааст. Дар ҳоле ки саноати алюминий ба истифодаи нерӯи зиёд ниёз дошта, мустақиман аз рушди соҳаи энергетика, асосан электроэнергетика вобаста мебошад. Барои ҳамин муаллиф хулоса менамояд, ки «яке аз самтҳои асосии инкишофи иқтисодии ҷумҳурӣ, ки метавонад на танҳо маҳаки ҳаракати тамоми соҳаҳои кишвар ва баровардани ҷумҳурӣ аз буҳрон бошад, балки инчунин рушди босуботи онро дар оянда таъмин намояд, ин бешубҳа азхудкунии васеи иқтидори гидроэнергетикии кишвар мебошад» [266, с.10]. Гарчанде Тоҷикистон

дорои захираҳои бойи газ ва нафт набошад ҳам, вале дорои захираҳои ниҳоят азими неруи обӣ ва ангиштсанг мебошад. Маҳз ҳамин мавҷуд будани захираҳои бузурги обӣ рушди электроэнергетикаи кишварро тавассути сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ муайян кардааст.

Масъалаи инкишофи электроэнергетикаи Тоҷикистон дар заминаи истифодабарии комплексии захираҳои обӣ дар рисолаи илмии Ш.Х. Холиқов низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ вазъи захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ва ҷойгоҳи онро дар иқтидори минтақавию ҷаҳонӣ таҳлил карда, раванди инкишофи истеҳсоли неруи барқи обӣ ва сатҳи истифодабарии захираҳои обии ҷумҳуриро арзёбӣ намудааст. Ба замми ин муаллиф тавонистааст дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ҷараёни руш ва дурнамои пешрафти соҳаи истеҳсоли барқи обиро бо истифодаи захираҳои мавҷудаи обию энергетикӣ дар замони истиқлол пешбинӣ намояд [295].

Афзалиятҳои инкишофи иқтисодии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлол дар рисолаи Ш.А.Атобоева [253] баррасӣ гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки «бо вуҷуди доштани зарфияти қобили таваҷҷуҳ барои таъмини инкишофи пурсамари саноат, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи аввалияи таҷдиди соҳаҳои низоми миллии иқтисодӣ қарор гирифтааст» [210, с.87]. Дар кор ҳолати кунунии саноати Тоҷикистон таҳлил гардида, моҳияти равандҳои таҳаввулотии батанзимдарории зарфияти захиравии соҳаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар асоси таҳлили рақамҳои оморӣ ва хусусиятҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар инҳисорияти соҳаҳои энергетикӣ ва металлургӣ, вобастагӣ аз воридоти ашёи хоми сӯзишворию энергетикӣ қарор дошт, самтҳои таҳаввули зернизоми саноатии иқтисоди кишвар муаррифӣ шудааст [210, с.87].

Бобоҷонов С.Р. дар рисолаи худ [256] асосҳои ниҳодии ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои инсониро дар шароити иқтисоди гузариш

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қайд карда мешавад, ки давраи кунунии инкишофи Тоҷикистон бо гузариш ба шаклҳо ва сатҳҳои нави батанзимдарории муносибатиҳои иқтисодӣ бо мақсади инкишофи минбаъдаи ҷомеа тавсиф меёбад. Муаллиф таъкид менамояд, ки самаранокии инкишофи давлатҳои муосир ба дараҷаи зиёд аз он вобастагӣ дорад, ки онҳо чӣ қадар воситаҳоро барои шаҳрвандони худ маблағгузорӣ мекунанд ва яке аз нишондодҳои муҳимми сатҳи маблағгузорӣ ба захираҳои инсонӣ дар ҷаҳон ба таври мусбат бо нишондодҳои баландтарини сатҳи инкишофи иқтисод дар ҷаҳон пайвастагӣ доранд. Бо ҳамин мақсад муҳаққиқ дар рисолаи мазкур ҳолати муҳити ниҳодӣ ва масъалаҳои доираи захираҳои инсонӣ дар сатҳи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, баъзе самтҳои такмилсозии ин раванд дар чаҳорчӯбаи барномаҳо ва стратегияҳои инкишофи иқтисодии кишварро пешниҳод менамояд [210, с.87].

Ҳамин тавр, таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар замони истиқлоли давлатӣ яке аз мавзуъҳои ҷолиб ва диққатҷалбкунандаи раванди корҳои илмӣ-таҳқикотӣ маҳсуб меёбад. Ба таҳлилу таҳқиқи мавзуъ бештар аз ҳама муҳаққиқони самтҳои илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодшиносӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Агар таърихшиносон ба раванди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, заминаҳо ва натиҷаҳои ниҳоии он, ташаккулёбии муносибатҳои нави истеҳсолӣ ва ба миён омадану рушди бахши хусусӣ дар иқтисодиёт бештар таваҷҷуҳ намуда бошанд, пажӯҳандагони самти иқтисодшиносӣ ба пояҳои назариявию методологии мавзуъ, роҳҳо ва усулҳои гузариш аз як шакли муносибатҳои истеҳсолӣ ба шакли дигар, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии танзими он, таҳлили натиҷаҳои мушаххаси ислоҳоти иқтисодӣ, бурду бохти иқтисоди ҷумҳурӣ дар ин ҷараён диққат додаанд.

Вале, новобаста аз дастовардҳои назарраси илмӣ дар ин самт ҳоло

ҳам масъалаҳое, ки таҳқиқи васеътарро мехоҳанд, пеш аз ҳама аз назари таърихнигорӣ, мавҷуд мебошанд. Барои ҳамин зарур аст, ки ҷанбаъҳои таърихии раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар маҷмуъ, яъне дар тамоми ҷумҳурӣ ва, инчунин ҳар як минтақа дар алоҳидагӣ вобаста ба хусусияту мавқеи ҷуғрофӣ ва табиӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шаванд. Аз таълифоти илмии мавҷуда ошкор мегардад, ки дар муддати ниҳоят кӯтоҳи таърихӣ дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои хуб ва назаррас ноил гардида, на танҳо давраи гузариш аз як шакли муносибатҳои истеҳсолӣ ба шакли дигарро дар кӯтоҳтарин муддат паси сар намудааст, балки рӯ ба инкишоф ниҳода, аввалин натиҷаҳои чашмрасро соҳиб гардидааст.

## 1.2. Мақоми созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар асарҳои илмӣ

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ягон давлат ва ё кишвар дар алоҳидагӣ ва ё бе робита ба олами беруна наметавонад рӯ ба тараққӣ биёрад ва талаботи воқеии дохилии худро комилан қонеъ созад. Аз ин рӯ, дар пешрафти ҳар як давлату кишвар робитаю ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ бо дигар давлатҳо ва ё ташкилоту созмонҳои фаромилии хориҷӣ нақши муассирро соҳиб мебошанд. Аз ҳамин сабаб, дар асарҳои илмӣ, махсусан, асарҳои таърихию иқтисодӣ ба баррасии мавзуи ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики хориҷӣ ва ташкилоту созмонҳои ҷаҳонӣ ва саҳми онҳо дар барқарорсозии хоҷагии халқ ва рушди иқтисодии кишвар низ диққати бештар равона гардидааст. Махсусан, дар самти илмҳои таърихшиносӣ муҳаққиқони ҷавон зиёдтар ба мавзуи робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва тиҷоратии ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздики хориҷӣ рӯй оварда, таълифоту таҳқиқоти зиёди ҷолиберо ба чоп расонидаанд, ки доир ба бархе аз онҳо вобаста ба самти таҳқиқоташон

мо дар ин рисола маълумот хоҳем дод.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ бо мақсади ҳар чӣ тезтар ба анҷом расонидани давраи азнавбарқароркунии хоҷагии халқ, махсусан, барои сохтмони корхонаҳои азим ниёз ба кӯмак ва маблағгузории беруна дошт, зеро иқтидор ва маблағгузории дохилӣ нокифоя буд. Аммо барои ворид шудани сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, ёфтани шарикони беруна барои барқарорсозӣ ва ба роҳ мондаи рушди соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқ вазъи муътадили сиёсии дохилӣ, оромию осоиштагии ҷомеа ва заминаҳои танзимкунандаи ҳуқуқӣ зарур буд. Барои ҳамин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инро ба инобат гирифта, ҳанӯз соли 1992 қонун «Дар бораи инвеститсияи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд, аммо идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ба татбиқи ин қонун ва ворид шудани сармояи хориҷӣ монеаи асосӣ буд. Гарчанде, пас аз қабули ин қонун солҳои 1992-1993 дар ҷумҳурӣ аввалин муассисаҳои муштарак ташкил ёфта бошанд ҳам, вале шумора ва иқтидори онҳо хеле паст буд [166, с.145-146].

Ваҳдати миллӣ, имзои созишномаи истиқрори сулҳ ва дигар тадбирҳои судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарвари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси болоравии нуфузи ҷумҳурӣ дар арсаи байналхалқӣ гардид ва маҳз ҳамин омилҳо барои воридшавии сармояи хориҷӣ ба кишвар, тадриҷан болоравии таваҷҷуҳи давлатҳову созмонҳои хориҷӣ баҳри ҳамкорӣ заминаи зарурииро муҳайё сохт. Ин имконият дод, ки ташкилотҳои бузург, ба монанди Бонки ҷаҳонӣ, Бонки таҷдиди рушди Аврупо, Фонди байналмилалии асъор, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд ва шумори зиёди чунин созмонҳо дар масоили иқтисодию тиҷоратӣ бо ҷумҳурӣ ҳамкориро ба роҳ монанд.

Ҷанбаи таърихии масъалаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ, маблағгузории хориҷӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак дар таълифоти

профессор Н.Б. Ҳотамов «Дигаргунсозиҳои ичтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибихтиёрӣ» ва «Дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-ичтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)» ба таври васеъ инъикос шудаанд. Хусусан, Н.Б. Ҳотамом дар асари худ [166, с.145] ба масълаи дигаргунсозиҳои иқтисодию ичтимоии замони соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ намуда, баробари дигар масъалаҳо ба таҳлили робита ва ҳамкории кишвар бо ташкилоту созмонҳои хориҷӣ, робитаҳои иқтисодӣ бо давлатҳои дигар ва нақши онҳо дар раванди рушди иқтисодию ичтимоии мамлакат машғул гардидааст.

Муаллиф дар заминаи маводи сарчашмавӣ, пеш аз ҳама маводи бойгонию оморӣ зина ба зина воридшавии сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, фаъолияти созмонҳои алоҳидаи бонкӣ ва асъорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳуриро тасвир намуда, таъкид менамояд, ки вобаста ба равиши муътадили вазъи дохилии кишвар сармоягузории хориҷӣ сол ба сол афзоиш ёфтааст. «Агар соли 2007 ба ҷумҳурӣ 1030079,6 ҳазор сармоя ворид шуда бошад, соли 2013 4110698,6 ҳазор доллари амрикоӣ, яъне 4 маротиб зиёд маблағ ворид гардидааст» [127, с.211]. Таҳлили муҳаққиқ нишон медиҳад, ки бештар сармояи мустақим аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии халқии Хитой ба кишвар ворид гардидаанд [127, с.211].

Яке аз равандҳои ҳамкорӣ ин таъсиси корхонаҳои муштарак дар ҷумҳурӣ мебошад. Бо таъкиди Н. Ҳотамов «аввалин чунин корхонаҳо дар ҷумҳурӣ соли 1991 ташкил ёфта буданд ва соли 1991 58 ва соли 1992 181 адад чунин корхонаҳо дар ҷумҳурӣ фаъолият доштанд. Умуман, дар давоми солҳои 1991-1995 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 249 адад корхонаҳои муштарак буданд, ки барои ташкили онҳо аз 39 кишвари хориҷа сармоягузорон ширкат доштанд» [166, с.153].

Ҷараёни ташкилёбӣ ва фаъолияти корхонаҳои муштаракро таҳлил намуда, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки солҳои 1991-1996 афзоиши

миқдории чунин корхонаҳо ба назар мерасанд, аммо дар солҳои 1997-2000 раванди коҳишёбии шумораи онҳо ба миён меояд, аммо солҳои 2003-2004 аз нав зиёдшавии миқдорӣ мушоҳида мегардад. Омили дар шаҳри Душанбе бештар макон гирифтани бонкҳои тиҷоратӣ боиси афзоиши шумораи ин корхонаҳо дар пойтахт мегардад [67, с.550].

Мавқеи асосиро дар таҳлили раванди сармоягузории хориҷӣ дар таълифоти профессор Н. Ҳотамов таҳлили фаъолити бонкҳои тиҷоратӣ ва хазинаҳои асъории хориҷӣ ишғол менамоянд. Аз ҷумла, муҳаққиқ фаъолияти Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи Байналхалқии Молиявӣ, Бонки Таҷдиду Рушди Аврупо, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Фонди Саъудии Рушд, Фонди Қувайтии Рушди Иқтисодии Араб, Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт ва бонку фондҳои дигарро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки «созмонҳо тариқи лоиҳаҳо, қарзҳо, сохтмони корхонаҳои муштарак, ва иншооти бузурги саноатӣ, роҳҳои мошингарду нақбҳо, хатҳои баландшиддати барқӣ дар тараққӣ ва пешрафти иқтисодии ҷумҳурии соҳибистиқлол нақши худро мегузоранд» [129, с.209-211]. Хусусан, муҳаққиқ оид ба бунёди роҳҳои автомобилгард ва сохтмони нақбҳо дар замони истиқлолият таъкид менамояд, ки рушди бонизоми иқтисодиёти мамлакат дар бисёр ҳолат аз мавҷудият ва сифати роҳҳои дохили кишвар вобастагӣ дорад. Ҳолати роҳҳои дохилии ҷумҳурӣ ҳатто дар аввали асри нав он қадар қаноатбахш набуд. Тибқи маълумоти Вазорати нақлёти ҷумҳурӣ соли 2006 ҳамагӣ дар кишвар 13 747 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буданд, ки аз он 4 782 км дорои аҳаммияти умумиҷумҳуриявӣ ва 8 965 км мақоми роҳҳои маҳаллиро соҳиб буданд. Аз ин, 20% роҳҳо дар ҳолати миёна, 48% дар ҳолати бад ва 32% дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштаанд[127, с.189]. Ҳамзамон, аз 2167 пул (кӯпрук) бо дарозии умумии 36 979 метр, 35% - ашон тамирталаб ва 15%-ашон дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштанд [172, с.3]. Чунин ҳолат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро

водор сохт, ки барои ислоҳи ҳолати роҳҳои кишвар бештар сармояи хориҷиро ҷалб намояд. Аз ин рӯ, дар давоми солҳои 1993-1998 барои сохтмону таъмири роҳҳо ва пулҳо ҳамаги 652714, 55 ҳазор сомонӣ, соли 2005 1 6651 882 ҳазор сомонӣ сарф гардидааст [127, с.190].

Бо мақсади баровардани ҷумҳурӣ аз бунбасти иқтисодӣ Ҳукумати Ҷумҳурӣ сохтмони на танҳо роҳҳои дохилӣ, балки роҳҳои дорои аҳаммияти дараҷаи байналхалқиро оғоз намуд ва дар натиҷа роҳҳои автомобилгарди Мурғоб-ағбаи Кулма, Шкев-Зиғар, Шоғон-Зиғар, Душанбе-Қӯрғонтеппа-Данғара-Кӯлоб, Душанбе-марзи Ҷумҳурии Қирғизистон, Душанбе-Ҷиргатол-Саритош ва нақбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Озодӣ», «Хатлон» сохта шуданд, ки манбаи молиявии онҳоро ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил медод. Асосан, дар ин самт бо Бонки Рушди Исломӣ, Фонди Қувайтии Рушди Иқтисодии Араб, Фонди Рушди Саъудӣ, Фонли ОПЕК Барои Рушди Байналхалқӣ, Бонки Рушди Осиё ва ҶХХ ва ҶИЭ ҳамкории муфиди иқтисодию молиявӣ ба роҳ монда шуданд [129, с.190-196].

Равобити тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия (1991-2013) дар таҳқиқоти Ҷ.Г.Ҷураев «Муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (солҳои 1991-2013)» [263] таҳлили ҳаматарафа ёфтааст. Дар ин рисола раванди рушди механизмҳо ва равиши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Тоҷикистону Россия дар заминаҳои ҳамкории пулию қарзӣ ва сармоягузорӣ ҳам дар байни ду кишвар ва ҳам дар чаҳорчӯби иттиҳодияҳои байналмилалӣ нишон дода шудааст. Таваҷҷӯҳи хос ба ҳамкории ҳарбию техникӣ байни ду кишвари мазкур ва масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар заминаи иртибототи иқтисодии Тоҷикистон ва Россия зоҳир гардидааст [210, с.89].

Масъалаҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Россия дар таълифоти дигар, аз ҷумла навиштаҳои С.У. Ахиева «Ҳамкорӣ бо кишварҳои ИДМ дар контексти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» [184, с.221-223], Н.Ф. Нидоев «Таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [118], Ҷ.А. Мирзоев «Инъикоси ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар охири асри XX ибтидои асри XXI» [212, с.46-50], В. Махонина «Ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ байни Россияю Тоҷикистон дар солҳои 1993-1999» [93], М. Наимов ва А. Сатторов «Россия ва Тоҷикистон» [117], Н.М. Мирзоев «Ҳамкориҳои гуманитарии Россияю Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ» [216], П.А. Пирназарова «Тоҷикистон - Россия: уфуқҳои ҳамкории таърихӣ дар соҳаи фарҳанг» [224, с. 66-71], Ҳ. Пирумшоев «Тоҷикистон ва Россия: таҷрибаи таърихии ҳамкорӣ дар солҳои 90-ум ва дурнамои он» [132] ва дигар пажӯҳишгарон низ инъикоси худро пайдо намудааст. Дар таълифоти зикршуда ва дигар таҳқиқотҳо Федератсияи Россия ҳамчун шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфта, робитаву ҳамкории кишвар дар соҳаҳои гуногун, пеш аз ҳама, сохтмони корхонаҳои муштарак, сармоягузорӣ, робитаҳои тиҷоратӣ, ҳамкориҳои ҳарбию низомӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди инъикос қарор гирифтаанд. Мувофиқи таҳқиқи баъзе муҳаққиқон «ҳаҷми савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия сол ба сол афзоиш ёфта, аз 935, 9 млн доллар дар соли 2017 ба 1673,9 млн долаар дар соли 2022 расидааст, ки ин 22, 9% ҳиссаи савдои хориҷии ҷумҳуриро ташкил медиҳад» [246, с.67].

Ба таҳлили ҳамкорӣ ва робитаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой мақолаи профессор Ҳ.Умаров бо унвони «Доир ба баъзе масоили муносибатҳои иқтисодии байн ҶХХ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир» [240, с.23-34] бахшида шудааст. Ҳамчун иқтисодшиноси шинохта профессор Ҳ.Умаров масълаҳои ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии байни ду давлати ҳамсояро мавриди таҳлили қарор дода, таъкид менамояд, ки «ҳаҷми умумии воридоти мол аз ҶХХ ба Тоҷикистон 96%-ро ташкил медиҳад». Чунин ҳолат, аз як ҷониб, ба ҳалли масъалаи хеле муҳим - паст кардани

сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ сабаб гардад, аз тарафи дигар, ба тараққиёти маҷмӯии иқтисодиёти кишвар низ таъсир мерасонад. Воридшавии молҳои чиноӣ раванди бунёд ва пешрафти корхонаҳои хурд ва миёнаи соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ, раванди истеҳсолот ва фаъолияти тиҷоратии онҳоро суст мегардонад. Ба андешаи муаллифи мазкур «дар муносибатҳои тиҷоратии Тоҷикистон ва Чин дигаргуние ворид намуда, аз ин кишвари пешрафта бештар технологияи муосири барои истеҳсолоти хурди кишвар зарурииро бояд ворид намуд» [240, с.23-34].

Дар таълифоти муштараки Н.М. Мирзоев, Ҳ. Мирзоев, Л. Нурова бо унвони «Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин: мушкилот ва дурнамои робитаҳо» [214] низ робитаи иқтисодию тиҷоратии ин ду ҷумҳурӣ ба шакли муфассал таҳлил ёфтааст. Муаллифон таъкид менамоянд: «Таҳлили раванди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин дар гузашта нишон дод, ки дар тӯли ин солҳо ҳамкориҳо гароиши мусбат доштаанд. Дар асоси ин метавон гуфт, ки дар оянда ин ҳамкориҳо боз ҳам зичтар хоҳанд шуд. Пайванди роҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ ва мавҷудияти заминаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба рушди ин ҳамкориҳо мусоидат мекунанд. Дар оянда хати қубурии интиқоли газ аз Туркманистон тавассути Ӯзбакистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Чин як саҳифаи дигарро дар муносибатҳои ду кишвар изофа хоҳад кард. Ду кишвари ҳамҷавор аз ҳама имкониятҳо истифода бурда, ҳамкориҳои иқтисодии мутақобилан судманди худро зиёдтар карда метавонанд» [214, с.177-178].

Баъзе ҷанбаъҳои таърихнигории ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Хитой дар мақолаи С. А. Солихоҷаева «Таърихнигории ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин» [234, с.35-41] мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифи мақола таъкид менамояд, ки тамоюли рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳамкории ин ду ҷумҳурӣ дар даҳсолаҳои охир сабаби асосии таваҷҷӯҳи

муҳаққикони ватанӣ барои таҳлилу таҳқиқи он гардидааст. Аз ҷумла, рисолаи илмии Ш.Ш. Шарипов «Барқароршавӣ ва таҳкими муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой» [300], мақолаи Ҳ. Умаров «Доир ба баъзе масъалаҳои муносибатҳои иқтисодии байни ҶХХ ва ҶТ дар давраи муосир», ки мо дар фавқ онро таҳлил намудем, рисолаи доктории Р.К. Олимов «Ҳамкории стратегии Тоҷикистону Хитой: меъёрҳои байналмилалӣ-сиёсӣ ва гуманитарӣ» [251], мақолаҳои А.Ю. Лисов «Танзими масъалаҳои марзии байни Хитойю Тоҷикистон дар низоми ҳадафҳои миллии ду кишвар» [204, с.62-63], С.Сафаров «Таҳкими марзи давлатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой» [233, с.10-17], З. Қурбонова «Омилҳои сиёсии танзими марзи давлатии байни Тоҷикистон ва Хитой» [202, с.11-17] ва Х.А. Додихудоева «Муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар чаҳорчӯбаи ҳадафҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [190, с.72-78] ва дигар таълифот маҳз ба инъикоси паҳлуҳои гуногуни ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Хитой равона гардидаанд. Муаллифон дар таҳқиқоти худ бештар ба омилҳо ва самтҳои ҳамкорӣ, махсусан ҳамкориҳо дар бахшҳои қарзию молиявӣ ва маблағгузорӣ, инкишофи савдои яклухт ва чакана, таҳлили маҷмӯии муносибатҳои тарафайн ҳамчун шарикони стратегӣ, баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои марзӣ ва дигар паҳлуҳои робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, мушкилот ва мураккаботи дар ин самт ҷойдошта таваҷҷуҳ намудаанд.

С.А. Солихоҷаева таъкид менамояд, ки «муҳаққиқон, чиншиносон ва дипломатҳои тоҷик корҳои бениҳоят зиёди коршиносиву таҳлилиро анҷом додаанд. Илова бар ин, онҳо як қатор мавод ва ҳуҷҷатҳоро оид ба роҳҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои Тоҷикистону Чин бо усули ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла, шартномаҳо ва созишномаҳоеро, ки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин бар онҳо асос ёфтааст ҷамъоварӣ намудаанд» [234, с.39].

Академик ва дипломати тоҷик Т.Н. Назаров дар мақолааш «Ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой: аз гузашта то имрӯз ва дар оянда» низ ба мавзуи ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин таваҷҷуҳ намуда, дар мақолаҳои худ доир ба таърихи муносибатҳои ин ду кишвар, ташаккули раванди ҳамкориҳои тарафайн ва дурнамои он, стратегияи ҳамкориҳои иқтисодии онҳо ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор додааст [221, с.7-12]. А. Сатторзода низ дар навиштаи хеш «Хусусиятҳои муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ дар замони муосир» аз баррасии раванди ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин канораҷӯӣ накарда, хусусиятҳои муносибатҳои давлатии байни ин ду кишварро мавриди таҳлил қарор додааст [232]. Баъзе паҳлуҳои масоили ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва маблағгузории ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатии ҶХХ дар навиштаҳои муҳаққиқони дигар, аз ҷумла В. Михеев дар мақолаи «Хитой ва СҲШ: масъалаҳои ҳамкории «давлатҳои абарқудрат» ва дурнамои фаъолияти созмон», А. Мамадазимов дар «Рушди муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар давраи муосир», В. Дубовитский дар навиштаҳои «Осиёи Миёна дар коди геоосиёсии Хитой: чолишҳо ва хатарҳо» ва «СҲШ ва масъалаҳои интегратсияи Шарқи Миёна» [216] низ инъикос ёфтаанд. Муаллифони мазкур бештар ба раванди ҳамкорию робитаҳои Тоҷикистону Чин дар чаҳорчӯбаи созмонҳои калони минтақавӣ, аз ҷумла СҲШ аҳаммият додаанд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳанӯз аз соли 1992 ибтидо гирифта буданд ва дар сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ҳамкориҳо бо ин кишвар мақоми алоҳидаро соҳиб мебошад. Аз ин рӯ, пажӯҳишгарони илмҳои ҷомеашиносӣ ба таҳқиқу таҳлили раванди ин ҳамкориҳо, самтҳо ва хусусиятҳои хоси робитаи ин ду ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ намуда, рисолаву мақолаҳои зиёди таҳлилӣ

навиштаанд. Пеш аз ҳама, ба ин масъала дар ҷилди шашуми асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» [67], асарҳои Т.Назаров «Дипломатияи муосири тоҷик» ва «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва амниятӣ», «Иқтисоди бозорӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ» [106], З. Сайидзода «Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ» [142], А.Шарифзода «Эмомалӣ Раҳмон - наҷотбахши миллат», «Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон» ва дигар таълифот [168] дар баробари таҳлили умумии робитаю ҳамкориҳои ҷумҳурӣ бо мамолики хориҷӣ ба муносибат ва равобити ин ду кишвар диққат дода шудааст. Масалан, доир ба татбиқи лоиҳаи энергетикии интиқоли барқи Қирғизистону Тоҷикистон ба Покистон, яъне CASA – 1000 З. Сайидзода бештар диққат дода, менависад, ки «ин лоиҳа расман дар ҷумҳурӣ аз 12 майи соли 2016 оғоз ёфта, барои Тоҷикистон аз ду ҷиҳат дорои аҳаммият мебошад, яъне кишвари мо ҳам аз ҳисоби интиқоли барқи худаш ва ҳам бо ифо намудани нақши кишвари транзити барқи Қирғизистон фоида ба даст меоварад» [142, с.146].

Ҳамкориҳои самарабахши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар мақолаи муштараки Қ. Расулиён ва П.А. Ҷумаева [227] низ инъикос ёфтааст. Муаллифони таълифоти мазкур ба онанд, ки: «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти кишварҳои минтақа ва ҷаҳон равобити тиҷоратӣ-иқтисодии худро ривоҷ дода истодааст, ки дар ин самт Ҷумҳурии исломии Покистон мавқеи хос дорад. Покистон давлати муҳимми минтақа мебошад ва метавонад ба мисли дигар дӯстони наздики мо яке аз сармоягузорони асосӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон гардад. Гардиши мол миёни кишвар беш аз 50 млн долларро ташкил медиҳад» [227, с.203].

Ҳамкориҳо ва робитаи пайвастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

созмонҳои маъмули ҷаҳонӣ ва таҳлили раванди рушди он низ дар таълифоти илмии муҳаққиқон мақоми алоҳидаро ишғол менамояд. Аз ҷумла, дар навиштаҳои Ҷ. А. Мирзоев ва Асомуддини А. «Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкории Шанхай», Н.М. Мирзоев «Тоҷикистон ва СҲШ: шоҳроҳи ҳамкорӣ», В.А. Ниятбеков ва Ф.Б. Умаров «Нақши СҲШ дар глобаликунонии минтақа» ва «Ҳамкории кишварҳои ОМ оид ба бехатарӣ дар доираи СҲШ» [214, с286-289] ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкории Шанхай таҳлил ёфтааст.

Дар мақолаи З. Рустамзода «Созмонҳои байналхалқӣ ва истиқлолияти давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» таъкид мешавад, ки «фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ дар шароити имрӯза ба истиқлолияти давлатҳо таъсири якранг надорад. Фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ агар аз як тараф истиқлолияти давлатҳоро маҳдуд гардонад, пас аз тарафи дигар боиси таҳким ёфтани мавқеи давлат мегардад. Дар ҳар сурат ҳангоми баррасии масъалаи таъсиргузории фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ ба истиқлолияти давлатҳо ба мо зарур аст, ки ба ҳолати рушди давлатҳо, ҳадафҳои онҳо дар доираи созмонҳои байналхалқӣ, бархӯрди субъектҳои мухталифи байналхалқӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ва дигар паҳлӯҳои ин мушкилот таваҷҷуҳ намоем» [139, с.128].

Мақолаи олими шинохта Қ. Искандаров ва шогирдонаш «Ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид» ба таҳлили ҳамкориҳои ҷумҳурӣ бо ин калонтарин ташкилоти байналхалқӣ бахшида шуда, дар он доир ба робитаҳо дар самти амнияти сиёсию иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст [195, с.236-239]. Таҳлили таърихнигории инъикоси ҳамкории Тоҷикистон бо СММ аз ҷониби Ҷ.А. Мирзоев дар мақолаи «Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо

Созмони Милали Муттаҳид дар таърихнигории ватанӣ» ба анҷом расидааст [113].

Саҳми ташкилотҳои байнламилалӣ дар ҳаллу фасли масоили иқтисодӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони (ВМКБ) дар солҳои истиқлолият (1991-2011) дар рисолаи доктории К.Д. Собирова «Саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ВМБК дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2011)» [291] ба таҳқиқ расидааст. Як боби алоҳидаи ин рисола ба саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ дар барқарорсозии баъдинизоӣ ва инкишофи минбаъдаи иқтисоди ВМКБ бахшида шуда, мусоидати ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ дар гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, эҳёи саноат ва инкишофи энергетика нишон дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳаллу фасли масоили мураккаби иқтисодии давраи гузариш, барқарор ва инкишофи иқтисод дар кишвар, минҷумла дар ВМКБ кӯмаки бевоситаи амалӣ расониданд. Аз ҷумла ба Барномаҳои Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки дар кишвар аз соли 1994 фаъолият мекунанд. Зикр карда мешавад, ки дар тӯли солҳои фаъолияти ин барнома дар навоҳии мухталифи ҷумҳурӣ як қатор лоиҳаҳои хурд ба иҷро расиданд, ки барои маҳаллҳои дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ осебдида, аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доштанд [104, с.130].

Ба андешаи ин муаллиф ташкилоти Ҷамъияти «Милал Интер», ки соли 1994 таъсис ёфтааст, яке аз нахустин созмон дар самти ташкили корхонаҳои хурд дар Бадахшони Кухӣ ба мисли «Комета», «Панҷ», «Муштарӣ», «Муслим» мебошад. Маҳз роҳбарони ин корхонаҳо қабл аз дигарон дарк карда буданд, ки инкишофи касбу кор имконияти ягонаи эҳё ва инкишофи иқтисодиёти вилоят мебошад. Барои мусоидат ба

ҳаллу фасли мушкилоти иқтисодӣ дар вилоят муаллифи рисола нақши ташкилотҳои байналмилалии кооперативи «Зиндагӣ» (Олмон); донорҳои байналмилалии ҷамъиятҳои амалкунанда дар вилоят - Айфекс, МОМ, ОВСЕ, GIZ, МОТ (IREC), Фонди Оғохон ва равобити муштаракона бо як қатор ташкилотҳои дигари байналмилалии САҲА, Фонди Авруосиё, CIDA, лоиҳаи US AID ва ғ. мавриди таҳлилу арзёбии дақиқ қарор додааст [291].

Иттилооти муфид оид ба нақши ташкилотҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявӣ дар ҳаллу фасли масоили иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минҷумла ВМКБ, дар солҳои истиқлолият дар китоби Салимов Н. ва Шарифзода А. «Тоҷики оламшумул» [142] низ оварда шудааст. Дар рисолаи З.М. Баҳромов «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ВМКБ дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2008)» [257] ба таҳлили равандҳои асосии ҳаёти иқтисодии вилоят дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, раванди татбиқсозии ислоҳоти иқтисодӣ дар ин минтақа нишон дода шудааст.

Дар оғози соли 2000 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи гузариши иктисодӣ қарор дошт ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медод, ки барои ба зудӣ паси сар намудани ин давра ниёз ба ворид шудани сармоягузориҳо ба кишвар дар мадди аввал меистод. Дар рисолаи Р.Ғафуров [260] нақши сармоягузориҳои хориҷӣ дар инкишофи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2005 баррасӣ гардидааст. Дар ин рисолаи илмӣ раванди ҷалби маблағгузории хориҷӣ ва истифодабарии он дар иқтисоди ҷумҳурӣ, бо инъикоси хусусиятҳо ва мушкилоти ҷойдошта дар он давраи таърихӣ нишон дода шудааст. Ба ғайр аз ин, муаллиф сиёсати сармоягузории онвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии онро арзёбӣ намуда, авомили монеъшавандаи ҷараёни калонмиқёси сармояҳои мустақими хориҷиро таҳлил кардааст, ки асоситарини онҳо

дар он давра номукаммал будани ислоҳот, заифии пойгоҳи ҳуқуқию меъёрии ҳимояи сармоягузорони хориҷӣ ба шумор мерафтанд [209, с.87].

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигорӣ ошкор намуд, ки раванди ҳамкорӣ ва робитаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва саҳми онҳо дар азнавбарқарорсозии хоҷагии халқ ва рушди минбаъдаи он дар замони соҳибистиқлолӣ аз мадди назари муҳаққиқон берун намондааст. Махсусан, дар ин самт муҳаққиқони самти таърих, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ ва таҳлилгарони муносибатҳои хориҷӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Аз таҳқиқоти таҳлилшуда маълум мегардад, ки дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масоили рушди иқтисодӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Махсусан, яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ин ҳар чӣ бештар ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва ниҳодҳои бузурги сармоягузории ҷаҳонӣ ба ҷумҳурӣ мебошад.

Хулоса, таҳқиқи таърихнигории инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар адабиёти илмӣ, пеш аз ҳама, асарҳои таърихӣ ва иқтисодӣ нишон медиҳад, ки раванди гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар, аз як шакли муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба шакли дигар пайваста мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон будааст. Пажӯҳишгарони самти илмҳои ҷомеашиносӣ, ба вижа муаррихону иқтисодшиносон вобаста ба ҳадафҳои илмии худ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриро дар давраи гузариш ва барқарорсозии хоҷагии халқ ва тадриҷан инкишоф ёфтани онро мавриди таҳқиқу баррасӣ намудаанд. Диққати муҳаққиқон зиёдтар аз ҳама ба масъалаи таҳаввулоти асосҳои иқтисодии ҷомеа дар давраи гузариш, раванди ғайридавлатӣ гардонидани амволи давлатӣ, пайдоиш ва ташаккули бахши хусусӣ дар

ҳаёти ҷомеаи кишвар равона шудааст. Гарчанде масъалаҳои соҳибкорӣ ва омилҳои рушддиҳандаю монеасози он, бо маром ташаккул ёфтани муносибатҳои комилан нави иқтисодӣ ва шаклгирии унсурҳои асосии иқтисоди бозорӣ низ бе таваҷҷуҳ намондаанд. Нақши Пешвои миллат дар тарҳрезию ташаккул ва устуворшавии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва пешравии ҷумҳурӣ низ дар асару рисолаҳои таҳқиқотӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Аз ин метавон хулоса бардошт, ки дар инъикоси раванди дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ илми ҷамъиятшиносии тоҷик, хусусан илмҳои таъриху иқтисод хеле пеш рафта, дар ин самтҳо асару мақолот ва таҳқиқоти зиёдеро ба чоп расонидаанд. Аммо баробари ин муваффақиятҳо ҳоло ҳам самтҳо, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, равишҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, бурду бохти иқтисоди ҷумҳурӣ дар шароити пур зи таззоди ҷаҳони муосир ниёз ба таҳқиқоти алоҳида ва жарфтар доранд.

# БОБИ II. БОЗТОБИ ИСЛОҲОТИ АГРАРӢ ВА РАВАНДИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР АСАРҲОИ ИЛМИИ ТАЪРИХӢ

## 2.1. Ислоҳоти аграрӣ ва инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар давари мавҷудияти сохти шуравӣ аз кишвари пурра аграрӣ ба минтақаи саноатию аграрӣ табдил ёфта буд ва бо ҳудуди на он қадар васеъ ва шумораи зиёди аҳолию хусусияти хоси табиию иқлимиаш аз дигар кишварҳо, ҳатто аз ҷумҳуриҳои шуравии минтақаи Осиёи Миёна комилан фарқ мекард. Аз ин рӯ, ҳамеша дар ҷумҳурӣ ба истифодаи фоиданоки заминҳои киштбоб, масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ диққати ҷиддӣ дода мешуд.

Вобаста ба ин, масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ пайваста дар низоми сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар давраи шуравӣ ва ҳам дар замони истиқлоли давлатӣ мавқеи марказиро ишғол мекарданд. Махсусан, ислоҳоти замину об, барҳам додани шакли заминдории калон дар аввали замони шуравӣ, маъракаи коллективонии хоҷагии қишлоқ ва ташкилёбии колхозу совхозҳо ба пешрафти соҳаи кишоварзӣ, азхудкунии заминҳои нав, парвариши навъҳои гуногуни зироат такони ҷиддӣ бахшид. Моҳияти асосии ислоҳоти шуравиро моликияти ҷамъиятӣ (давлатӣ ва кооперативӣ) будани замин ва фаъолияти муштараки деҳқонон дар он ташкил медод. Гузариш ба низоми муносибатҳои давлатию кооперативӣ дар замони шуравӣ марҳалаи хеле тӯлониро фаро гирифта буд ва ин раванд бо мушкилоту монеаҳои ниҳоят зиёд, пеш аз ҳама тағйироти мафкуравии деҳқонони тоҷик, муқобилияти тарафдорони шаклҳои куҳнаи заминдорӣ ва заминдорони калон амалӣ гардида буд. Новобаста аз ин, дар замони шуравӣ, махсусан, дар давраи пасазҷангии рушди хоҷагии халқ, бо гузаронидани ислоҳоти зиёди соҳавӣ хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ тараққӣ намуда,

самтҳои нав, хоҷагиҳои ниҳоят бузурги истеҳсолии кишоварзӣ, ба мисли колхозу совхозҳои миллионер, маҷмаҳои агросаноатӣ ташаккул ёфтанд. Хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун ҷузъи таркибии хоҷагии ягонаи шуравии мамлакати шуравӣ ташаккул ва рушд ёфта, пеш аз ҳама ба манфиати ин низоми бузурги ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва дар робита бо дигар ҷузъҳои он фаъолият менамуд.

Аммо бо барҳам хӯрдани низоми шуравӣ, пароканда шудани давлати ягона, “таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии дар замони бозсозӣ ба миён омада, пеш аз ҳама соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба харобшавӣ ва таназзул дучор омад” [32, с,7-8]. Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар самтҳои хоҷагии халқ пештар ба вазъи ниҳоят мураккаб рӯ ба рӯ гардид, дар навоҳии ҷанубию марказии ҷумҳурӣ, ки гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва майдони муборизаҳои шадид гардиданд, сохторҳои соҳа ва иншооти иҷтимоӣ комилан хароб шуданд. Хоҷагиҳои калони кишоварзӣ, муассисаҳои маданию маишӣ, тандурустӣ, маориф зарари ҷиддӣ диданд, як қисми онҳо пароканда ва ё вайрону валангор гардида, умуман корношоям шуданд ва қисми дигар ба истифодаи шахсони алоҳида гузаштанд.

Бо ҳисоби муҳаққиқон дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ баробари талафоти зиёди ҷонӣ, қисми калони намудҳои техника, чорвои ҷамъиятӣ комилан ғорат гардида, 1393 деҳа пурра хароб карда шуда, 21 483 гектар замини кишт аз кор баромада буд [129, с.160]. Барои ҳамин, ҷумҳурии тозаистиқлолро зарур буд, ки хисороти ба миён омада ва харобии соҳаро барқарор намуда, дар ибтидо ҳолати то замони истиқлол ҷойдоштаи соҳаро барқарор намояд. Барои ҳамин пас аз ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ зарур буд, ки ин харобиҳо пурра бартараф карда шуда, заминҳои аз кор баромада, боз ба истеҳсолоти кишоварзӣ баргардонда шаванд. Аммо барои иҷрои ин ҳадафҳо, пеш аз ҳам зарур буд, ки дар ҷумҳурӣ ислоҳоти замин гузаронида шавад.

Соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ пас аз тағйир ёфтани асосҳои иқтисодии ҷомеа, аз байн рафтани низоми шуравӣ ва муносибатҳои хоҷагидории сотсиалистӣ ниёз ба ислоҳоти куллӣ пайдо наму буд. Ислоҳоти аграрии солҳои 90-уми асри гузашта, ки ҳанӯз аз маъракаи «бозсозии горбаёвӣ» оғоз ёфта буд ва баъдан дар давраи шиддатгирии авзои сиёсии мамлакат ва билохира парокандашавии давлати ягона идома ёфта буд, ба соҳаи кишоварзӣ таъсири ниҳоят манфӣ расонида, боиси ба миён омадани мушкилоти зиёди иҷтимоию иқтисодӣ, махсусан, раванди таъмини ҷомеа бо маҳсулоти ғизоӣ гардид.

Истиқлолияти давлатӣ оид ба дигаргунозиҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ шароитҳои мусоид фарҳам овард. Ташаккул ёфтани низоми нави муносибатҳо байни истеҳсолкунандаю истеъмолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ин самт нақши муҳим бозид, зеро дар натиҷаи ислоҳот шакли банақшагирӣ ва идоракунии маъмурии марказонида шудаи соҳа аз байн рафт ва ҷойи онро низоми нави муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ишғол намуд.

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади татбиқи стратегияи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ як барномаи махсуси ислоҳоти иқтисодиро барои солҳои 1995-2004 таҳия намуда, ба татбиқи якчанд лоиҳаҳои нав дар ин самт оғоз намуд. Мақоми махсусро дар ин самт ду фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 «Дар бораи ҷудо намудани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасон» ва аз 1 декабри соли 1997 дар бораи ҷудо намудани 25 ҳазор гектар заминҳои иловагӣ ишғол менамоянд. Ин тадбирҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафмандона барои ҳалли масъалаи озуқаворӣ ва амнияти он, инчунин таъмини бозори дохилии ҷумҳурӣ бо маводи хӯрока равона шуда буданд. Сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои миллат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳолати бухрони шадиди озуқаворӣ ба беҳтаршавии ҳаёти иҷтимоии аҳолии кишвар овард.

Ҳамин тавр, ислоҳоти соҳа, татбиқи пайвастаи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ташккули муносибатҳои нави бозаргонӣ дар хоҷагии деҳот мусоидат намуданд. Дар натиҷа ба ивази хоҷагиҳои коллективонаи шуравӣ, аз ҷумла колхозу совхозҳо, шаклҳои комилан дигари хоҷагиҳо (ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, хоҷагиҳои инфиродӣ, оилавӣ ва чанднафараи деҳқонӣ) ташкил ёфтанд. Сиёсати ҳадафмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пурра барқарор намудани соҳаи кишоварзӣ вобаста ба шароит ва муносибатҳои нави истеҳсолӣ имкон дод, ки ин соҳаи фурӯрафта зина ба зина аз нав барқарор ва рӯ ба пешрафт оварад.

Аз ин рӯ, имрӯз бо назардошти рушди соҳаи кишоварзӣ, ислоҳи пурраи вазъи буҳронии соҳа, зина ба зина татбиқ намудани ислоҳоти замину об зарурияти таҳлили ин раванд ва муқаррар намудани сатҳи инъикоси он дар адабиёти илмии таърихию иқтисодии ҷумҳурӣ ба миён омадааст. Ҳамзамон, ҳолати имрӯзаи соҳа ва пешрафти он низ талаб менамояд, хусусиятҳои раванди ислоҳоти обу замин, муайян кардани заминаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии раванди дигаргунсозиҳо низ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Арзишмандии таҳқиқот дар ин самт, пеш аз ҳама дар он аст, ки маҳз дар рафти таҳлилу баррасии самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ, шароит ва раванди ислоҳот, интихоби модели рушди иқтисоди миллӣ метавон аз пешравию дастовардҳои соҳа ва, ҳамзамон мушкилоту мураккабот ва баъзе норасоиҳои он бархурдор гардид. Ба замми ин, масъалаҳои зарурият ва рафти ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, ислоҳоти обу замин, таҳаввулоти сохторӣ дар хоҷагиҳои деҳот, ба миён омадани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, равандҳои асосии баровардани соҳа аз ҳолати буҳронӣ, рушд ва дастовардҳои хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ нисбат ба дигар масоили иқтисодӣ бештар таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Дар ин самт бештар намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ, бавижа таърихшиносону

иқтисодшиносон ва доир ба мавзуи танзими ҳуқуқии соҳа ҳуқуқшиносон фаъолтар мебошанд. Махсусан, таҳқиқи таърихи масоили аграрӣ, рушди муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар соҳа, ислоҳоти замин, об, сохтори хоҷагидорӣ ва дастовардҳои соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ бештар диққати муаррихони тоҷикро ҷалб намудааст.

Ба масъалаҳои ислоҳоти обу замин ва гузариши умумии бахши кишоварзӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як зумра асарҳои худ [11] диққати махсус додаанд. Сарвари давлат дар Паёми худ ба парлумони кишвар (22 декабри соли 2021) вазъи иқтисодю иҷтимоии мамлакатро дар даврони истиқлол таҳлили амиқ намуда, изҳор намуданд, ки «дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат бори аввал дар таърихи давлати соҳибихтиёрамон ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, истифодаи замин ба соҳиби аслии он-деҳқон вогузор гардид, ки яке аз дастовардҳои муҳиммтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад» [4].

Қайд кардан ба маврид аст, ки масоили ислоҳоти соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат дар асарҳои муаррихон мавриди баррасӣ қарор гирифта, онро ба давраҳои гуногун тақсим намудаанд. Дар таърихшиносии муосири тоҷик, пеш аз ҳама раванди ислоҳоти соҳаи хоҷагии қишлоқи ҷумҳуриро чунин давраҳои тақсим намудаанд: «1) солҳои 1992-1996, ки бо қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» аз 5 марти соли 1992 оғоз меёбад; 2) солҳои 1996-2006, ки бо қабули Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (13 декабри соли 1996) ибтидо мегирад; 3) солҳои 2006-2016, ки ибтидои онро қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (3 марти соли 2006) мегузорад» [32, с,7].

Вобаста ба ин даврабандӣ раванди азнавсозии корхонаю ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ дар замони соҳибистиқлолиро низ

муҳаққиқон ба як чанд марҳала гурӯҳбандӣ менамоянд. Асосан онҳо оғози механизми ҳуқуқии раванди дигаргунсозиҳоро аз қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷдиди сохтории колхозҳо, совхозҳо ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ» (11 октябри соли 1995) ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи азнавташкилдиҳии корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» (25 июни соли 1996) меҳисобанд, ки то соли 2006 идома ёфтааст. Давраи дуюм дигаргунсозиҳои солҳои 2006-2014, яъне аз нашр шудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» (30 июни соли 2006) сар шуда, бо татбиқи ҷараёни тақсими колхозҳо ва совхозҳо ба анҷом мерасад. Давраи сеюм солҳои 2014-2016-ро дар бар мегирад, ки он аз фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба азнавсозӣ ва ислоҳоти корхонаҳои кишоварзӣ» (27 октябри соли 2014) оғоз гардида, бо баргузоршавии тақсимоти дуюми хоҷагиҳои калони боқимонда анҷом мепазирад [32, с,7-8].

Раванди ташаккул ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ низ аз мадди назари муаррихон берун намондааст ва вобаста ба қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунанда чанд марҳалаи алоҳидаро низ ҷудо намудаанд. Масалан, давраи ибтидои ташаккули чунин хоҷагиҳоро солҳои 1992-2002 муқаррар намуда, онро давраи ташаккули заминаҳои қонунгузории танзимкунандаи ташкилёбӣ ва фаъолияти ин хоҷагиҳо меноманд. Ин вобаста ба қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ» (соли 1992, № 544) ва «Низомнома дар бораи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1 октябри соли 1993, №499) мебошад. Аммо, ҳоло ҳам ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ механизми ҳуқуқии ташкилёбӣ ва фаъолияти пурраи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) -ро таъмин карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, зарурати идомаи таҳкими пояи ҳуқуқии танзими фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ ҷой дошт, ки онро

муҳаққиқон марҳалаи дуюми раванди ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) номидаанд. Ин давра солҳои 2002-2009-ро фаро мегирад ва он вобаста ба қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» (10 майи соли 2002, № 48) тавсиф дода мешавад. Дар давраи сеюм, ки ба солҳои 2009-2016 рост меояд, бо қабули таҳрири нав ва таҳкимёфтаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» (19 майи соли 2009, № 526) ва вобаста ба талаботи истеҳсолӣ қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» (15 марти соли 2016, № 1289) пайвастагӣ дорад [32, с,8-9].

Масъалаи ислоҳоти соҳаи истифодаи об дар ҷумҳурӣ низ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Муҳаққиқон дар ин самт низ чанд марҳалаи асосиро ҷудо менамоянд, ки он, пеш аз ҳама ба ислоҳоти соҳа ва раванди ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ робита дорад. Ба фикри онҳо давраи аввали ислоҳот дар соҳаи об солҳои 1996-2006-ро фаро гирифта, аз қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (25 июни соли 1996) доир ба танзими ҳаққи хизмати обрасонии обёрии заминҳои кишоварзӣ сар мешавад. Солҳои 2006-2012 давраи дуюми ин раванд мебошад, ки бо қабули қонун «Дар бораи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об» (соли 2006) ва дар заминаи он ташкил ёфтани Ассотсиатсияи истифодабарандагони об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Аммо, маҳз дар давраи сеюм, ки аз соли 2012 ибтидо мегирад, ҷараёни ислоҳоти соҳаи об дар ҷумҳурӣ хусусияти амиқтар пайдо мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» (1 августи соли 2012) қабул намуд, ки тибқи муқаррароти он гузариш ба идоракунии муштараки захираҳои обӣ ба роҳ монда шуд [32, с,9]. Ҳангоми даврабандии раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ на ҳамеша муҳаққиқон омилҳои гуногун, бавижа аз ташаккули пояҳои ҳуқуқии

танзимкунанда то ҷараёни татбиқ ва ба даст овардани натиҷаи ниҳоии истеҳсолии онро ба назар гирифтаанд.

Таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки сиёсати аграрии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҷузъҳои асосии он, аз ҷумла, ислоҳоти замин ва об дар асарҳои таърихӣ вобаста ба қонуниятҳои таърихии рушди ҷомеа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар рафти таҳқиқ муҳаққиқон тавонистаанд ҷараёни тарҳрезӣ ва таҳияи сиёсати ҳуқуқиро дар самти истифодаи замину об ва дигаргуниҳои дар ин самт ба амал омадаро дар ҳамон шароити таърихӣ ошкор сохта, зарурият ва пойгоҳи асосии онро инъикос намоянд. Баробар ба ин пажӯҳишгарони масъалаи мазкур дар такя ба сарчашмаҳои эътимоднок паҳлуҳои иҷтимоию сиёсӣ, таъминоти кадрӣ ва натиҷаҳои иҷтимоию фарҳангии ислоҳоти аграриро, ки ҳар яке метавонад дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиши ҷудогона қарор гиранд баррасӣ намудаанд. Махсусан, дар монографияи Абдурашитов Ф.М. [32] ҷанбаъҳои гуногуни таърихӣ ва иқтисодӣ, меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин ва об, танзими обу замин ва, умуман, ислоҳоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқи мазкур бештар ба хусусиятҳои хоси ислоҳот, ташкил ёфтани корхонаҳои нави кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ - фермерӣ, таъсис додани ниҳодҳои нави танзиму истифодаи об низ аҳаммият додааст.

Таҳлили асару мақолаҳои сершумори илмии таърихӣ нишон медиҳанд, ки оиди масъалаи аграрӣ ва рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ҳам дар давраи шуравӣ ва ҳам дар замони соҳибистиқлолӣ пайваста мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон будааст. Доир ба инъикоси таърихи соҳаи аграрии ҷумҳурӣ дар давраи шуравӣ асраҳои зиёд, пеш аз ҳама монографияҳои алоҳидаи Б.А. Антоненко «Дигаргунсозиҳои аграрӣ дар деҳоти токолхозии тоҷик», «Инқилоби Октябр ва мубориза барои ҳалли масъалаи аграрӣ дар Тоҷикистон» [41], асарҳои бунёдӣ ва дастаҷамъонаи муаррихону иқтисодчиён, аз ҷумла «Таърихи халқи

тоҷик», «Очеркҳои таърихи сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон», «Очеркҳои таърихи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон», Очеркҳои таърихи хоҷагии халқи Тоҷикистон» ва «Аз таърихи сохтмони колхозӣ дар ҶШС Тоҷикистон» [67] таълиф шудаанд.

Таърихи муносибатҳои аграрии замони шуравии ҷумҳуриро мо инчунин дар асарҳои муҳақиқони дигар, аз ҷумла Р.С. Гимпелевич «Доир ба масъалаи муҳтавои ислоҳоти замину об дар Тоҷикистон» [51], А.Мизарбаев «Халқи тоҷик дар мубориза барои барқарорсозӣ ва дигаргунсозии хоҷагии халқ» [94, с.56], Р.А. Абулҳаев «Саҳми меҳнаткашони ҷумҳуриҳои шуравӣ дар сохтмони иншооти обёрикунанда ва азхудкунии заминҳои нав дар Тоҷикистон (солҳои 30-юм - нимаи аввали 80-ум)», Т.Р. Каримов «Инқилоби кабири сотсиалистии Октябр ва ҳалли масъалаи аграрӣ дар Тоҷикистон» ва Ғ.Ҳ. Ҳайдаров «Таърихи халқи тоҷик дар асри XX» [34], инчунин асарҳои зиёди таърихӣ-ҳизбӣ [157] ва дигарон мебинем, ки бештар ба таҳлили мушкилиҳои ислоҳоти замину об, раванди милликунонӣ ва ташкили аввалин хоҷагиҳои коллективӣ диққати махсус додаанд. Нахустин таҳлили таърихнигории мавзуро мо, пеш аз ҳама дар асарҳои академик Р.М.Масов «Таърихнигории хоҷагии халқи сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1927-1967)», «Таърихнигории Тоҷикистони Шуравӣ (солҳои 1917-1975) ва «Таърихи илми таърих ва таърихнигории сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон» [86] пайдо менамоем. Махсусан, дар самти нақди таърихнигории раванди таҳқиқи масъалаҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ дар давраи шуравӣ саҳми академик Р.М. Масов ҳамчун таърихнигори касбӣ хеле бориз мебошад. Ин муҳаққиқ дар чандин асарҳои бунёдии хеш раванди омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои марбут ба муносибатҳои заминдорӣ, дигаргунсозиҳои низоми шуравӣ дар деҳот, раванди ислоҳоти аграрӣ дар марҳалаҳои гуногун, дастовард ва оқибатҳои он ба рушди умумии иқтисодии ҷумҳурӣ мавриди таҳлили пурраи илмӣ қарор додааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар самти омӯзишу таҳқиқи масоили аграрӣ давраи комилан нав шуруъ меёбад. Дар заминаи таҳлили таърихнигорӣ вобаста ба мавзуъҳои таҳқиқшуда, самт ва чаҳорчӯбаи хронологии онҳо мо метавонем онҳоро ба таҳқиқоти таърихӣ, иқтисодӣ ва кишоварзӣ тақсимбандӣ намоем. Албатта, дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур, барои ҳамаи муҳаққиқони он асарҳою мақолаҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [11] ҳамчун дастур ва роҳнамо хизмат намудаанд.

Дар самти асарҳои илмии таърихӣ мавзуи мазкур дар асари бунёдии шашҷилдаи таърихи халқи тоҷик [66, с.515], ки ба қалами профессор Н.Б. Ҳотамов мутааллиқ аст, ба тарзи муфассал ва бо нишон додани рушди паҳлуҳои гуногуни низоми нави иҷтимоии деҳот ва хусусиятҳои он инъикос ёфтааст. Дар асарҳои дигари таърихӣ масъалаҳои ислоҳоти аграрӣ, пеш аз ҳама, ислоҳоти замин ва об дар давраи соҳибистиқлолиро дар таълифоти муҳақиқон Р.А. Абулҳаев дар силсилаи «Масъалаҳои таърихи навтарини халқи тоҷик» [35], Н. Б. Ҳотамов «Дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибхтиёрӣ» [165], Ф. М. Абдурашитов «Ислоҳоти замину оби охири асри XX - ибтидои асри XXI дар Тоҷикистон» [31] мушоҳида менамоем. Вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои водии Зарафшон, масоили истифодаи оқилонаи замин ва захираҳои обӣ дар шароити соҳибхтиёрӣ бештар дар таълифоти профессор Р. Абулҳаев мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Дар монографияи «Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибхтиёрӣ (солҳои1991-2006)» профессор Н. Ҳотамов оид ба ислоҳоти аграрӣ, ҳолати комплекси агросаноатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ, шартномаҳои фючерӣ, сатҳи ҳаёти иҷтимоӣ, мавзуи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ки ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфтаву то соли 2006 давом кардаро ба риштаи таҳлил

кашидааст. Навгонии муаллифи мазкур, пеш аз ҳама дар он аст, ки ҳангоми таҳлили масъалаҳои зикршуда муаллиф бори нахуст манобеи фаровонеро ба гардиши илмӣ ворид намуда, ҷараёни ташкилдиҳии корхонаҳои нави кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ва мутобиқан сол ба сол кам гардидани теъдоди колхозу совхозҳоро ҳаматарафа таҳлил намудааст.

Дар рисолаи «Ислоҳоти замину об дар Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI (омилҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ)»-и худ муҳаққиқ Ф.М. Абдурашитов бештар ба ҷанбаъҳои таърихӣ ва ҳуқуқии ислоҳоти об диққат дода, заминаи таърихии қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ, танзими муносибатҳои замин ва истифодаи об, тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси замин ва оби ҷумҳуриро таҳлил менамояд. Дар монографияи мазкур, инчунин шарҳу тавсифи мухтасари қонун «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ» ва раванди таҳияи қонун «Дар бораи ислоҳоти замин» оварда шудааст [31]. Монографияҳои дигари Ф.М. Абдурашитов, аз ҷумла «Ислоҳоти замину об дар Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI» ва «Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX -оғози асри XX1» [32] низ ба инъикоси таърихи ҳалли масъалаҳои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, ҷараёни муфассали ислоҳоти замин, тағйироти сохторию мазмунӣ дар муассисаҳои хоҷагии қишлоқ, хоҷагиҳои деҳқонӣ- фермерӣ ва ташаккулу рушди онҳо бахшида шудаанд. Ин муҳаққиқ низ бо истифода аз манобеи гуногун ва санадҳои зиёди ҳуқуқии расмӣ масъалаҳои асосӣ ва самтҳои ислоҳоти соҳаи об, ташкилёбии институтҳои нави обистеъмолкунанда, натиҷаҳои фаъолияти озод дар самти истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва, умуман натиҷаҳои ниҳоии раванди дигаргунисозиҳои ҳаёти деҳотро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Баробари таърихшиносон муҳаққиқони самти иқтисодӣ низ ба таҳлилу баррасии масъалаҳои муносибатҳои соҳаи кишоварзии

Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳ намуда, осори зиёди илмӣ таълиф намудаанд. Доир ба ислоҳоти иқтисодии соҳаи кишоварзӣ муҳаққиқон Н.Қ.Қаюмов ва Ҳ.У. Умаров [75], доир ба ҷанбаъҳои гуногуни ислоҳоти иқтисодӣ академикҳо Р.К. Раҳимов ва Т.Н. Назаров, докторони илмҳои иқтисодӣ С.Д. Комилов, С.Х. Ҳабибов, П.Н. Нурмамадов, Д.У. Уроқов, Ф.Н. Фақиров [228] ва дигарон таҳқиқоти ҷолиб ба анҷом расонидаанд [209, с.88]. Баъзе паҳлуҳои ислоҳоти аграрӣ дар асарҳои Ш.Ш. Бозоров, И. Асроров З. Шарипов ва дигарон [40] инъикос ёфтаанд.

Баробар ба ин дар таҳқиқи фаъолият ва рушди соҳаи кишоварзӣ аз миёнаи солҳои 90-уми асри XX сар карда, дар ин самт силсилаи нашрияҳои нави иттилоотӣ нашр шуданд, ки маҳз онҳо натиҷаҳои алоҳидаи ибтидоии ислоҳоти аграриро дар ҷумҳурӣ оммавӣ намуданд [206]. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ин асарҳо ҷараёни ислоҳоти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба таври васеъ, вале аз як дигар фарққунанда баҳогузорӣ шудаанд. Пеш аз ҳама, муаллифон ба мушкилии масъала, номутобиқии ислоҳот ва зарурати муносибатҳои нави гузариш ба иқтисоди бозорӣ ишора менамоянд.

Раванди дигаргунсозиҳои аграрӣ дар асарҳои иқтисодшиносон И.А. Асроров, Ҳ.Г. Ғафуров, Т.Б. Ғаниев, Ҳ.М. Саидмурадов [50] низ инъикос ёфтааст. Таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои ниҳоии дигаргунсозиҳои аграрӣ дар ҷумҳурӣ, бартарӣ ва мушкилоту норасоии раванди он дар асарҳои муҳаққиқони шинохта Ҳ.У. Умаров, З.С. Зарифова, Р.К. Раҳимов, А.С. Эшонқулов, А. Рауфӣ, А.А. Мадаминов, Ҷ. Пириев [155], ки дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Монографияи Ҷ.С. Тағоев «Сиёсати аграрии Тоҷикистон» [151] ба таҳлили умумии сиёсати аграрӣ ва раванди ислоҳоти соҳа дар ҷумҳурӣ, ки аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то соли 2000-умро фаро мегирад, бахшида шудааст. Муаллиф, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои асосӣ ва моҳияти сиёсати аграрии давраи гузариш диққат дода, доир ба

фаъолияти давлат дар самти мураттабсозӣ ва татбиқи сиёсати аграрӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунии соҳаи кишоварзиро дар давраи гузариш аз як низом ба низоми дигар равшан сохтааст. Инчунин муҳаққиқи мазкур ба нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ дар пешрафти иқтисодиёти давраи гузариши ҷумҳурӣ низ таваҷҷуҳ намудааст. Масъалаҳои ҷой доштани баъзе мушкилот дар раванди ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ ва пешрафти онҳо дар давраи то соли 2000 дар монографияи «Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ): мушкилот ташаккул ва дурнамои рушд» [54]-и муҳаққиқ К.К. Давлатов низ инъикоси худро пайдо намудаанд. Оқибатҳои иҷтимоии ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон таҳлили худро дар мақолаи М. Саидзода «Оқибатҳои иҷтимоии ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон» [230] пайдо намудаанд.

Таҳқиқ ва таҳлили асарҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки «муаррихон, иқтисодшиносон, кормандони соҳаи кишоварзӣ ва дигар пажӯҳишгарон ҷараёни ислоҳоти замин ва обро нисбатан ба дигар масоили иқтисодӣ ба таври фаротар мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар аминаи таҳлил метавон асарҳои ба ин масъалаҳо бахшида шударо, ба тари зайл гурӯҳбандӣ намуд:

1) таҳқиқоти илмие, ки бевосита ба таърихи ислоҳоти замину об дар ҷумҳурӣ, инчунин навоҳии ҷудогона бахшида шуда, ки бештар дар заминаи масъалагузории самти таърихӣ-ҳизбӣ навишта шудаанд;

2) корҳои илмие, ки хусусияти таърихнигорӣ ва таърихию иқтисодӣ доранд;

3) асарҳое, ки бевосита ба инъикоси масоили вазъ ва пешрафти комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, азхудкунии заминҳои нав равона шудаанд;

4) таълифоти илмию оммавӣ, ки дар онҳо баъзе тарафҳои раванди ислоҳоти замину об инъикос ёфтааст» [202].

Ҳамзамон, таҳлили сатҳ ва фарогирии масъалаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ошкор менамояд, ки бештар аз дигар муҳаққиқон ба ин

масъала муҳаққиқони илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодӣ диққат додаанд. Муҳаққиқон, асосан, ба вазъи умумии соҳаи кишоварзӣ дар охири давраи шуравӣ ва ибтидои замони соҳибистиқлолӣ, душвориҳо ва мушкилоти комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, вобаста ба талаботи замон ва дигаргуниҳои сиёсӣ зарурати гузаронидани ислоҳоти аграрӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории соҳа, пеш аз ҳама қабули қонунҳо ва санадҳои меъёриию ҳуқуқӣ, рафти татбиқи ислоҳот дар соҳа, ташкилёбии шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои ниҳоии раванди дигаргунсозиҳо диққат додаанд. Пажӯҳандагони масъала хулоса менамоянд, ки маҳз дар натиҷаи татбиқи сиёсати амалии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва зина ба зина гузаронидани ислоҳоти соҳа дар давраи истиқлол хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ аз ҳолати буҳронӣ берун омад ва рӯ ба инкишоф ниҳод, ки ин дар ҳалли яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини истиқлолияти озуқаворӣ нақши муассир гузошт.

## 2.2. Омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар асарҳои таърихӣ

Дар илми таърихшиносии тоҷик масъалаи дигари барои муҳаққиқон диққатҷалбкунандаи давраи навтарини таърихи халқи тоҷик ин раванди муҳоҷирати аҳолии ҷумҳурӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз ҳудуди он маҳсуб меёбад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон муҳоҷират вобаста ба сабабҳои айнию зеҳнӣ (объективию субъективӣ) ба ду шакл-муҳоҷирати маҷбурӣ ва ё ихтиёрии банақшагирифташуда буда метавонад. Сабабҳои муҳоҷирати иҷборӣ низ аз назари муҳаққиқон гуногун мебошад, вале аксари онҳо мутмаин ба онанд, ки «асосан воқеаҳои табиӣ, зиддиятҳои шадиди этникӣ, ҷангҳои дохилӣ (шаҳрвандӣ) ва байнидавлатӣ, дигаргунсозиҳои инқилобӣ ва тағйир ёфтани низоми идоракунӣ ангезандаи асосии ин ҷараён мебошанд» [34,

с.3].

Дар таърихи давраи шуравии халқи тоҷик ҳар ду шакли муҳоҷират иҷборӣ ва ихтиёрӣ (ё тибқи нақша) ҷой дошт: шакли аввали муҳоҷиршавии аҳолии ҷумҳурӣ, махсусан, манотиқи марказию ҷанубии он ба беруни кишвар бо омадани Артиши Сурх ва Ҳокимияти Шуравӣ робита дорад ва шакли дуюм ин муҳоҷирсозии сокинони минтақаҳои кӯҳӣ ба водиҳо барои азхудкунии заминҳои нав ва рушди соҳаи кишоварзӣ пайваст мебошад. Дар замони соҳибистиқлолӣ низ, агар дар такя ба муҳаққиқон андеша намоем, ин ду шакли муҳоҷирати шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҷой дошт. Якум муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ дар натиҷаи тезутунд шудани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ (ибтидои солҳои 90-ум) ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (асосан фирориён) ва дуюм шакли ихтиёрии муҳоҷирати меҳнатӣ ва ё бо мақсади пайдо намудани шароиту имконоти хуби зиндагӣ ба кишварҳои дигар кӯчидани аҳолӣ мебошад.

Дар давраи шуравӣ оид ба муҳоҷирати аҳолӣ асарҳои зиёди олимони шуравӣ, аз ҷумла муҳаққиқони тоҷик бахшида шудаанд, ки онҳо аз тарафи муҳаққиқи бевоситаи мавзӯи мазкур профессор Р. Абулҳаев ба амал омадааст [34, с.455-456].

Доир ба инъикоси раванди муҳоҷират дар замони соҳибистиқлолӣ низ таҳқиқоти зиёди таърихшиносӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сотсиологӣ ва сиёсатшиносӣ гузаронида шудаанд, ки дар бораи баъзе аз онҳо, махсусан, дар самти илмҳои таъриху иқтисод дар рафти таҳлилу ташхиси мавзуъ маълумоти мушаххас хоҳем дод.

Пеш аз ҳама, диққати олимони ҷумҳуриро омӯзиши масъалаи муҳоҷирати иҷборӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва бозгардодани фирориён ба ватан ҷалб намудааст. Воқеан, даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боиси фирорӣ гардидани сокинони ҷумҳурӣ, махсусан, аз навоҳии вилояти Хатлон гардид, ки тибқи баъзе маълумот шумораи умумии фирориён то ба 1,5 миллон нафар мерасид [194, с.158].

Пас аз иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ дар кишвар роҳбарияти нави олии ҷумҳурӣ ҳадафмандона барои ҳалли масъалаи фирориён ва ба ватан баргардонидани онҳо оғоз намуд. Раванди ҳалли масъалаи фирориён ба ҷойи зисти худ баргардонидани онҳо, сиёсати пайгиронаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, пеш аз ҳама, дар суханрониҳо, асару мақолаҳо ва мусоҳибаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикоси худро ёфтаанд [9]. Андешаҳои Пешвои миллатро доир ба ҳаллу баррасии мавзуи мазкур қариб ҳамаи муҳаққиқон ҳамчун дастур ва роҳнамо ҳангоми таҳқиқоти мавзуи мазкур истифода намудаанд.

Дар байни муаррихони ҷумҳурӣ оид ба масъалаи таърихи муҳоҷират беш аз ҳама профессор Р.А. Абулҳаев дар асарҳояш «Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми асри бист», «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2000)», «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)», «Ҳалли масъалаҳои фирориён ва алоқаи он бо муҳоҷирати дохилии ҷумҳуриявӣ» ва мақолаҳои зиёди дигараш [30] таҳқиқоти ҷиддии муназзам гузаронидааст. Муҳаққиқи шинохта дар таълифоти худ бештар ба сабабҳо ва омилҳои ба миён омадани муҳоҷирати иҷборӣ, нақши иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ дар баррасии масъалаи фирориён, тадбирҳо ва қадамҳои ҷиддии Сарвари нави давлат, Раиси Шурои Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Рахмон дар роҳи барқарор намудани сулҳу оромӣ ва баргардонидани фирориён ба ҷои зист, раванди муфассали ҷараёни ба ватан баргардонидани фирориён ва ҷойгиркунии онҳо дар асоси санадҳои расмӣ, маводи матбуоти даврӣ, ҳисоботи сохторҳои мувазаф ба баргардонидани гурезаҳо диққат додааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ дар мақолаи «Пешвои миллат ва таҷрибаи нодири бозгардонидани фирориёр ба Ватан» мӯшикофона нақши Сарвари давлатро дар ҳалли масъалаи фирориён ва бозгардонии онҳо ба маҳалли

асосии зисташон тасвир намуда, таъкид менамояд: «Дар таърихи инсоният ин як таҷрибаи муфид ва нодире буд, ки бо сарварии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити ниҳоят тақдирсози ҳарбӣ- сиёсӣ амалӣ карда шуд» [177, с. 123].

Дар рисолаи калонҳаҷми «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000)» муаллиф раванди ба ватан боз овардани фирориёнро ниҳоят муфассал таҳлил намуда, муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезаҳои давраи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро ба чаҳор гурӯҳ тақсим менамояд: гурӯҳи якум, муҳоҷирони иҷборие, ки дар рӯзҳои мудҳиши фоҷеавии феврали соли 1990 ва пас аз он берун аз кишвар, махсусан, ба Федератсияи Россия рафтанд; гурӯҳи дуюм, муҳоҷирони иҷбории дохилиҷумҳуриявӣ, ки асосан дар давраи шуравӣ барои обод кардани водиҳои ҷумҳурӣ, махсусан, водии Вахш муҳоҷир шуда буданд, бо сабаби даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ аз нав ба ҷойи зисти пешинаи худ ё ягон маҳалли амнтар кӯч бастанд; гурӯҳи сеюмро он муҳоҷирон ташкил медиҳанд, ки дар ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ ва шуруъ гардидани амалиётҳои низомӣ тарки маҳалли зисти худ намуданд. Таркиби иҷтимоии ин гурӯҳро асосан мутахссисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва аҳолии манотиқи ҷанубии кишвар ташкил медоданд ва бештар дар солҳои 1992 ибтидои соли 1993 муҳоҷири иҷборӣ гардиданд; ба гурӯҳи чаҳорум асосан муҳоҷирони сиёсӣ шомил буданд, ки бештари онҳоро шахсони мухолифи мақомоти қонунии ҳокимияти давлатӣ ташкил медоданд [34, с. 397-398].

Ба андешаи ин муҳаққиқ «давраи авҷи муҳоҷиршавӣ ба солҳои 1992-1993 рост меояд ва шумораи умумии онҳо зиёда 1,5 млн нафарро ташкил медиҳад, ки теъдоди зиёди онҳо асосан ба хоки Афғонистон ва наздики 90 ҳазори онҳо ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб фирор намуда буданд» [34, с. 402].

Аҳволи фирориёни тоҷик дар Афғонистон ниҳоят бад буд, зеро

аввалан, вазъи дохилии ин кишвар он қадар ором набуд ва дуюм, барои фирориён ягон кӯмак ва имтиёз аз тарафи хукумати ин кишвар пешниҳод намегардид, ғайр аз ин намояндагони мухолифин ба ҳамагуна ҳаракати ба ватан баргаштани фирориён монеа месохтанд. Новобаста аз мушкилот ва мураккаботи ҷойдошта, профессор Р. Абулҳаев сиёсати сулҳҷӯёна ва инсонпарваронаи ҳокимияти конститутсионии барқароршударо бо сарварии Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва тадбирҳо мушаххас доир ба бозгардонии фирориёнро таҳлил намуда, онро таҷрибаи муфид ва нодир дар таърихи инсоният меномад. Муаллиф, таъкид менамояд: «Дар як муддати кӯтоҳ аз ноябри соли 1992 то апрели соли 1994 тибқи гузориши намояндаи Комиссариати олии СММ 90% фирориёни тоҷик аз хоки Афғонистон ба ватан баргаштанд» [34, с.410]. Профессор Р. Абулҳаев ба мавзуи муҳоҷирони иҷборӣ ва бозгардонидани фирориён ба ватан дар мақолаи дигари калонҳаҷми худ «Ризоияти миллӣ ва истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон» [178] низ таваҷҷуҳ намудааст.

Муҳаққикони дигар, махсусан иқтисодшиносон ва сиёсатшиносон низ дар баробари таърихшиносон ба ин мавзуъ вобаста ба самтҳои илмии худ диққат додаанд. Дар баъзе рисолаҳои илмии таърихшиносони ҷавон, ки марбут ба таҳқиқи таърихи замони истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ мебошанд, дар баробари таҳқиқи дигар масъалаҳо, пеш аз ҳама, нақш ва саҳми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ, оромию суботи ҷомеа, бунёди асосҳои давлатдории навини тоҷикон ва, инчунин, мақоми таърихии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ бахшида шудаанд, инъикоси раванди бозгардонии фирориён ба ватан мушоҳида мешавад. Аммо, дар байни онҳо мувофиқи матлаб аст, ки ба як мақолаи муҳаққиқи ҷавон Ф.М. Ёрмадов таваҷҷуҳи алоҳида намоем. Ин муҳаққиқ дар мақолаи алоҳидаи «Баргардонидани гурезаҳо ва ҳалли

масоили иҷтимоии онҳо дар солҳои 90-уми асри XX» [194] ба таври муфассал дар заминаи маводи сарчашмавии дастрас раванди ҳалли бозгардонии гурезагони давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф баробари чанд асари таҳқиқотӣ, асосан, ба маводи матбуоти расмии даврӣ, аз ҷумла, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» такя намуда, доир ба ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибати воқеабори он, фирорӣ шудани шумораи зиёди мардуми ҷумҳурӣ, рафти Иҷлосияи 16-уми Шурои олӣ ва қабул намудани санадҳои ҳуқуқӣ доир ба бозгардонии гурезагон маълумот медиҳад. Аз ҷумла, менависад: «Яке аз масъалаҳои асосии иҷлосия барагардонидани гурезаҳо ба ҷойҳои зисти доимии худ аз қаламрави Афғонистон буд ва 20 ноябри соли 1992 изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар он аз ҳамаи фирориён даъват карда мешуд, ки ба Ватан, деҳа ва маҳалли худ баргарданд» [194, с.158-159].

Воқеан, яке аз омилҳои асосии оғоз ёфтани ҷараёни бозгардонии гурезагон ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 24 ноябри соли 1992 мебошад. Муаллифи мақола, бандҳои асосии қонун ва қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф намуда, менависад, ки «бо шарофати он дар аввали моҳи январи соли 1993 бозгашти гурезагон ба маҳалли зисти худ, чӣ аз дохил ва чӣ аз хориҷи кишвар шуруъ шуд. Даҳаи аввали моҳи январи соли 1993 ҳудуди 1000 нафар аз гурезагони тоҷик аз хоки Афғонистон ба ватан баргаштанд» [194, с.159].

Аммо барои қабули фирориёни бозгашта бояд шароит ва имконияти зарурӣ лозим буд, ки дар ибтидои соли 1993 на ҳама мақомот ва сохторҳои даркорӣ қарорҳои ҷаласаи қонунбарори кишварро дар бораи масъалаҳои барқароркунии хоҷагии халқ, роҳу иншоот, хонаву ҷойҳои гурезагони иҷбории дохили ҷумҳурӣ ва фирориён кори босуботро ба анҷом расонда буданд ва мақомоти роҳбарикунандаи баъзе вилояту ноҳияҳо мавқеи бетарафиро ишғол намуда буданд.

Вобаста ба ин, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз маҷлисҳои ҷумҳуриявӣ бо ҷиддият зикр кард, ки «Ҳамаи роҳбарони маҳаллию марказӣ вазифадоранд дар вақташ ва бетаъхир қарорҳои ин иҷлосияро иҷро намоянд» [30, с.174].

Дар мақолаи Ф.М. Ёрмадов раванди иҷрои қарорҳои иҷлосия, аз ҷумла музокироти намояндагони Тоҷикистон бо кишвари Афғонистон доир ба роҳҳои бозгардонии гурезагон, натиҷаҳои ниҳоии ин ҳамкорӣ, баргузоршавии ҷаласаи корӣ (январи соли 1993) бо ширкати раиси кумиҷроияи вилояти Хатлон А. Салимов, вазири меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ Ш. Зуҳуров, раисони кумиҷроияи ноҳияҳо ва роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоят ба таври муфассал инъикос ёфтаанд. Сабаби дар ин вилоят баргузор шудани чунин як ҷаласаро, муаллиф ба хотири бештар будани шумораи гурезагон аз ҳисоби аҳолии ин минтақа мебинад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири гирифтани маълумоти пурра ва санҷидани аҳволи гурезагон як гурӯҳи кории шашнафара аз ҳисоби кормандони Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндаи ҷамъияти «Пайванд», кормандони телевизион ташкил намуд. Ин гурӯҳ 4 феврали соли 1993 ба Афғонистон ворид гардид, аммо танҳо бо дахолати Комссариати СММ тавонистанд бо фирориён мулоқот намоянд. Натиҷаи кори гурӯҳ тавассути расонаҳои хабарӣ, садою симо ва рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ба ҷомеаи кишвар расонида шуданд.

Ба андешаи ин муаллиф ва муҳаққиқони дигар қарори дигари Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба як қатор имтиёзҳо ба бозгаштагон, ба мисли аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан барои убури ғайриқонунии марзи давлатӣ, таъмини бехатарии онҳо, бо маводи ниёзи аввал ва ҷойи зисту бо кор таъмин кардани онҳо хеле мусоидат намудааст. «Ин қисми мардуми ба Ватан баргашта,- менависад профессор Р. Абулҳаев,- ҳар замон ба воситаи барномаи «Хоки Ватан»-и радио ва саҳифаҳои дигар воситаҳои ахбори омма баромад карда,

туҳмату буҳтонҳои мухолифин - ба ном демократҳо ва аъзои ҳизби наҳзати исломро, ки нисбати сиёсати ҳукумати қонунӣ ҳар гуна иғвогариҳо мекарданд, бо факту рақамҳои боэътимод фош мекарданд ва фирориёну гурезагони дохилиро барои ба ҷойю макони аслияшон баргаштан даъват менамуданд» [30, с.176].

Ба андешаи муҳаққиқон дар ҳалли масъала, муттаҳид гардидани вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа (соли 1992), бо қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (24 августи соли 1993, таҳти №624), ташкил ёфтани садо ва симои вилояти Хатлон хеле мусоидат намудааст. Телевизиони вилоят дар баргардонидани гурезаҳо ба ҷойҳои зисти пешинаи худ, корҳои тарғибу ташвиқ, барқарор сохтани харобаҳо, инъикоси дӯстӣ, бародарӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва дигар хеле саҳми арзанда гузошт [194, с.160].

Доир ба шумораи фирориён дар дохили ҷумҳурӣ дар миёни пажӯҳишгарон фикрҳои гуногун ҷой дорад. Аз ҷумла, шумораи умумии гурезаҳои ба шаҳри Душанбе омада, дар аввали соли 1992 то ба 140 ҳазор нафар расид, вале на ҳамаи онҳо ба қайд гирифта шуда буданд. Вобаста ба ин, тахминан шумораи онҳо 200-250 ҳазор нафар муқаррар карда шуда буд [194, с.161]. Пас аз бозгаштан мақомоти давлатӣ ба фирориён ҳаматарафа кӯмак мерасонид, аз ҷумла кумитаи иҷроияи шаҳри Душанбе ба хотири обод кардани хонаҳои харобгаштаи гурезагон як миқдор масолеҳи сохтмонӣ фиристод [30, с.178].

Дар натиҷаи задухӯрдҳои мусаллаҳона аз ҳама бештар шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои гирду атрофи он зарар дида буданд. Хонаҳои зиёд вайрон гардида, мардумаш фирорӣ гашта буданд. Ҳангоми баргардонидани гурезаҳо ба ҷойю макони аслии худ зарурати сохтану барқарор намудани манзилҳои истиқоматии онҳо ба миён омад. Дар яке аз ҷаласаҳои комиҷроияи шаҳри Душанбе қарор карда шуд, ки барқарор кардани шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Бохтар ба уҳдаи душанбегиҳо гузошта шавад. Мувофиқи ин қарор барои барқарор кардани харобаҳои

шаҳру ноҳияи мазкур 27 миллион сум ҷудо карда шуд, ки аз ин 15 миллион ба шаҳри Қӯрғонтеппа ва 12 миллион ба ноҳияи Бохтар ирсол гардид. Ҳамчунин, барои расонидани мадади моддӣ ва иҷтимоӣ кумиҷроияи шаҳри Душанбе 50 миллион сӯм ҷудо карда, аз ҳисоби муассисаи нақлиётии шахр 15 автобусро бо ронандаву челонгаронаш ба ихтиёри шаҳри Қӯрғонтеппа вогузор кард. Тамоми даромади аз ин ҳисоб бадастомада ба ихтиёри кумиҷроияи шаҳри Қӯрғонтеппа дода шуд [126].

Раванди бозгардонии фирориён пайваста дар зери назорати Сарвари давлат, раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Дар мурожиатномаи Сарвари давлат аз 16 январи соли 1994 бори дигар фирориёнро барои бозгашт ба ватани худ даъват намуда, таъкид карданд: «Бародар аз пайи кини бародар намеравад. Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед гашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард» [50,с.3].

Раванди бозгашти фирориён тавассути расонаҳои хабарӣ, ситодҳои махсус ва дигар мақомоти дахлдор пайваста ба қайд гирифта мешуд. Таҳлили маълумоти расонаҳои хабарӣ нишон медиҳанд, ки аз теъдоди умумии 696113 нафар фирории дохилиҷумҳуриявӣ то моҳи январи соли 1994 зиёда аз 652348 нафар ба ҷойҳои аслии зисти худ баргаштанд, аммо 4376 нафар фирорӣ, ки асосан аз ноҳияҳои Қумсангиру Панҷ буданд, бо сабабҳои номаълум ба макони асосии зиндагии худ барнагаштанд [53, с.734]. Шумораи умумии гурезагон дар Афғонистон дар ибтидо бештар аз 60 ҳазор нафарро ташкил медод, ки аз ин теъдод то миёнаи январи соли 1994 8656 нафар аз роҳи Ишкошим, 9450 нафар ба воситаи бандари Панҷи Поён, 2805 нафар аз тариқи Ҳайратон-Термиз-Қубодиён ва дар умум 30 ҳазор нафар ба макони асосии худ баргаштанд [53, с.734].

Аз адабиёти илмии таърихшиносӣ бар меояд, ки масъалаи

бозгардонидани гурезагон дар давраи музокироти байни тоҷикон низ яке аз масъалаҳои асосӣ будааст. Аз ҷумла, дар протоколи гуфтушуниди тарафҳо дар хусуси ташкили Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезаҳо омадааст, ки аз 19-уми апрели соли 1994 дар асоси баробар комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ташкил карда шавад. Ин Комиссияи муштарак бояд дар доираи ҷараёни гуфтушунид фаъолият намуда, пайваста доир ба корҳои худ бо идораи Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо, хадамоти муҳоҷирон ва дигар мақомоти марбутаи кишварҳое, ки дар он ҷойҳо гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбории ҷумҳурӣ ҳастанд, робитаи доимӣ ба даст меовард [30, с.212].

Бо маълумоти намояндагони мухолифин тақрибан 500-600 ҳазор фирориён аз Тоҷикистон дар Афғонистон паноҳ гирифта буданд, аммо ин шумора ба ҳаққиқат умуман наздик набуд. Намояндаи Комиссариати олии СММ оид ба гурезаҳо дар Тоҷикистон 14 апрели соли 1994 ба таври расмӣ эълон намуд, ки аз Тоҷикистон 500 ҳазор нафар фирорӣ 90 % ба ҷойи зисти худ баргаштанд. Аз ҷумла, дар Афғонистон танҳо 60 ҳазор фирории тоҷик буд, ки 50% онҳо низ ба ҷумҳурӣ баргашта омаданд. Айни ҳол то 100 ҳазор нафар гурезаҳо дар Россия, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ боқӣ мондаанд. Аммо, матбуоти даврии мухолифин овозаи нодуруст паҳн намуда, эълон карданд, ки гӯё зиёда аз1 миллион нафар гурезаҳо берун аз ҷумҳурӣ мебошанд [34, с.410].

Бо дастури раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндагони ҷумҳурӣ бо роҳбарии Ш.Зуҳуров моҳи апрели соли 1994 ба Афғонистон барои мулоқот бо фирориёни боқимонда рафтанд, зеро бо маълумоти ВКХ ҶТ дар ӯрдугоҳи Кампи Сахӣ 18 ҳазор фирориён буданд, ки аксариат хоҳиши бозгаштанро доштанд [206]. Моҳи июни соли 1994 бо маълумоти рӯзномаи «Ҷумҳурият» 487 гуреза тавассути Панҷи Поён ба ноҳияҳои Панҷу

Қубодиён ва Шаҳритусу Қумсангир баргаштанд [205].

Тадбирҳои саривақтӣ ва талошу кӯшишҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баргардонидани то охирин фирорӣ аз мулки бегона дар солҳои баъд низ натиҷаи хуб доданд. Дар ин замина қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба бозгардонидани гурезаҳо - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти муқимии худ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳо» (22 августи соли 1995, таҳти №542) барои ҳалли комили ин масъала хеле хуб мусоидат намуд [30, с.230].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масълаи мазкур ва боз ҳам тезтар баргардонидани гурезаҳо ва муҳайё намудани шароити зарурӣ боз як чанд санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ» (16 июли соли 1996, №32) ва «Дар бораи тадбирҳо оид ба иҷрои Протокол аз 13 январи соли 1997 дар Теҳрон дар бораи масъалаҳои гурезаҳо, ки байни ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба имзо расидааст» (12 майи соли 1997, №224)-ро қабул намуд. Баъдан қабул шудани ду қонун дар бораи авф (солҳои 1997 ва 1999) низ барои бозгашти фирориён кӯмаки ҷиддӣ расонид.

Муҳимтарин вазифаи Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) дар замони мавҷудияташ ин таъмини бехатарӣ ва ба тарзи сазовор баргардонидани фирориҳо, ба ҳаёти фаъоли ҷамъиятию иқтисодӣ ҷалб намудани онҳо, инчунин кӯмаки воқеӣ дар барқароршавии хонаҳои истиқоматии онҳо, иншооти кишоварзӣ, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ хароб гардида буданд, махсуб меёфт. Ҳамзамон ин комиссия раванди бозгардонии пурраи гурезаҳоро аз хоки Афғонистон ва ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишварро зери назорат дошт.

Дар солҳои ҷанги таҳмилӣ наздики 40 ҳазор хонаи истиқоматӣ

сӯхта ва хароб гардида буданд. Роҳбарияти ҷумҳурӣ бо кӯмаки созмонҳои хайриявии ҷаҳонӣ то соли 1997 теъдоди зиёди макони зисти вайроншударо барқарор намуд, аммо хонаҳои зиёди харобшуда ва ғасби шумораи зиёди онҳо аз тарафи афроди силоҳбадасту қудратманд ҳоло ҷой дошт.

Дар натиҷаи фаъолияти пайгирона ва муштараки мақомоти давлатӣ ва комиссияи оид ба масъалаи муҳоҷирон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ин мушкилот ҳалли худро пайдо намуда, шумораи хонаҳои барқароршуда то ба 30 ҳазор адад расид. Аз 10 ҳазор хонаи тасарруфшуда 9600 хона бо кӯмаки мақомоти маҳаллӣ ба соҳибони аслӣ боз гардонида шуда, кӯмакпулии давлатӣ ба муҷоҷирон расонида шуд.

Аз раванди таҳлили адабиёти илмӣ бар меояд, ки «дар давоми солҳои 1993 -2000 бештар аз 951255 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба ҷойи зисти аслиашон баргардонида шуданд, аз ҷумла: аз Федератсияи Россия-178734 нафар, аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон-51345 нафар, аз Ҷумҳурии Қирғизистон-15 619 нафар, аз Ҷумҳурии Қазоқистон-2551 нафар, аз Ҷумҳурии Туркманистон- 2007 нафар, аз ҷумҳурии Ӯзбекистон-1836 нафар, аз Украина- 1510 нафар ва аз вилояту ноҳияҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон- 697653 нафар ба ҷойи зисти асосиашон боз гардонида шуданд» [194, с.23].

Умуман, раванди бозгардонии муҳоҷирони иҷборӣ ва фирориёни солҳои 90-уми асри гузашта дар адабиёти илмии таърихшиносӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба қарор ёфта, муҳаққиқон дар ин самт ба ҳалли бисёр паҳлуҳои гуногунҷанбаи масъала муваффақ гардидаанд. Аммо, дар баъзе асарҳои дастаҷамъона, аз ҷумла ҷилди шашуми «Таърихи халқи тоҷик» [67] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [129] ба масъалаи фирориён ва раванди бозгардонидани онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ нигаронида нашудааст.

Паҳлӯҳои дигари муҳоҷирати аҳолӣ-муҳоҷирати дохилӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар замони соҳибистиқлолӣ низ диққати як зумра

таърихшиносони ҷумҳуриро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, доир ба ин самтҳои масъалаи муҳоҷират муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ Додобоева З.Л., Исломов Ф.С., Николаева Л.Ю., Умаров Ҳ., Ӯлмасов Р., Махонина С., Назаров Т.Н., Парфентсева О., Олимова С., Боск И., Икромӣ З., Саидзода М. [57] ва дигарон таҳқиқотҳо ба анҷом расонидаанд. Муҳаққиқони шинохтаи таърихшинос, аз ҷумла Масов Р.М., Ҳайдаров Ғ.Ҳ., Абулҳаев Р., Ҳотамов Н.Б., Бобохонов М.Б., Назаршоев Н.М., Абдурашитов Ф.М. Маҳмадбеков М.Ш [88] низ паҳлуҳои гуногуни масъалаи муҳоҷирати дохилию хориҷӣ, махсусан муҳоҷирати меҳнатиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Махсусан, дар ин самт профессор Абулҳаев Р.А. [34] бештар таҳқиқоти муфассал ба анҷом расонидаст. Асарҳои муаллифи мазкур дар асоси маводи зиёди оморӣ ва манбаҳои таърихӣ таълиф шуда, раванди муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Тоҷикистонро ба хориҷи кишвар инъикос менамояд.

Профессор Р. Абулҳаев сабабҳои асосӣ ва оғози раванди муҳоҷирати аҳолии русзабони ҷумҳуриро дар даргириҳои сиёсӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ мебинад. Дар асарҳои ин муҳққиқ масъалаи муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия низ дар иртибот ба раванди умумии муҳоҷирати дохилию берунии солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, дар монография дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи манбаҳо ва адабиёти мавҷуда сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ, масоили ба кор таъмингардонии муҳоҷирони тоҷик дар минтақаҳои Федератсияи Россия, инчунин таъсири ин раванд ба иқтисодиёти Тоҷикистон, талоши муҳоҷирони меҳнатӣ баҳри нигоҳдошти фарҳанг ва анъанаҳои хеш баррасӣ гардидаанд [231, с.188].

Доир ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ки яке аз масоили доғи рӯз буда, ба раванди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, олимони хориҷӣ низ таълифоти зиёде ба анҷом расонидаанд, ки дар рафти таҳлили он,

махсусан вобаста ба кишварҳои аъзои ИДМ, доир ба ҳалли ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дахолат намудаанд. Ин асарҳо ва маълумоти зиёди матбуоти даврӣ аз ҷониби профессор Р. Абулҳаев мавриди таҳлилу ташхиси ҳаматарафа қарор гирифтаанд [36, с.12-14]. Аз ҷумла, равандҳои миграционӣ, масоили мушкили меҳнатӣ, ҳаракати капитали инсонӣ, сабабҳо, омилҳо ва равиши он дар қаламрави Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар як маҷмӯаи дастаҷамъонаи муҳаққиқони ҷавони ин кишварҳо инъикоси худро пайдо намудааст [94].

Ба андешаи профессор Р. Абулҳаев «муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта дар давраи шуравӣ оғоз ёфта буд, ки ин дорои як чанд сабабҳо, пеша аз ҳама афзоиши босуръати аҳолии деҳот, ҷой надоштани имконоти зарурии дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ маскан намудани онҳо ба сохтмонҳои умумиттифоқии комсомолӣ, хизмат дар артиш ва дигар омилҳо буданд. Вале он вақт миграцияи меҳнатӣ ба тарзи муташаккилона ба амал баровarda мешуд. Дар давраи шуравӣ аз Тоҷикистон тариқи шартномаҳо ба муассисаҳои саноатӣ қувваи корӣ фиристода мешуданд. Вале муҳоҷирати берунии меҳнатӣ ҳамчун мафҳум дар замони соҳибистиқлолӣ пайдо шуд. Мақомоти расмӣ ва ташкилоту созмонҳои ғайрирасмӣ танҳо пас аз вусъат ёфтани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ибтидои асри XXI ба таҳқиқу баррасии он таваҷҷуҳ намуданд» [37, с.87-91]. Дар давоми як даҳсола (1991-2001) аз ҷумҳурӣ 741,8 ҳазор нафар аҳолӣ ба беруни кишвар муҳоҷират намуд [237, с.106]. Умуман, шумораи воқеии муҳоҷирони хориҷии меҳнатӣ дар моҳи феврали соли 2001 ба 206718 нафар, феврали соли 2002-165376 нафар, августи соли 2003- 347562 нафар баробар буд. Аз ин миқдор аз ҳама бештар муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия рафта буданд [129, с.222-223].

Профессор Н.Б. Ҳотамов муҳоҷирони хориҷии меҳнатиро ба ду гурӯҳ – муҳоҷирони меҳнатии мавсимӣ ва давомнок ҷудо менамояд. Тибқи шартномаҳои мавҷудаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз соли 2007 инҷониб бояд ҳар сол то 600 ҳазор нафар қувваи корӣ ба ин кишвар ворид мегардид, аммо танҳо дар соли 2009 954 ҳазор нафар муҳоҷирон ба Россия ҳиҷрат намуданд [129, с.224]. Муҳаққиқи мазкур раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, шумораи муҳоҷирон ва рафти афзоиши онро таҳлил намуда, аз ҷумҳурӣ дар кадом кишварҳо муҳоҷирони тоҷик кор мекунанд ва ҳар сол ба ҷумҳурӣ чи миқдор маблағ аз ҳисоби онҳо ворид мегардад ва дигар паҳлуҳои масъалаи муҳоҷиратро дар заминаи рақамҳои оморӣ ва дигар санадҳои зарурӣ ҳаматарафа таҳлил намудааст [67, с.572-573].

Дар адабиёти илмии таърихшиносӣ ба инъикоси раванди муҳоҷирати дохилӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки онро дар давраи соҳибистиқлолӣ ба ду давра ҷудо мекунанд. Давраи аввал то соли 2002 ва давраи дуюм пас аз соли 2002 то инҷониб. «Ин давраҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд, аз ҷумла дар давраи аввал вобаста ба вазъи сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ муҳоҷирати дохилӣ бенизом ё ба таври иҷборӣ сурат мегирифт. Дар давраи дуюм муҳоҷирати дохилӣ тибқи нақша ва зарурияти истеҳсолӣ, пеш аз ҳама азхудкунии заминҳои нав, сохтмони обанборҳои бузург ва дигар сохтмонҳо ба мал меомад» [129, с.176-177].

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи муҳоҷират яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳисоб рафта, паҳлуҳои гуногуни он дар адабиёти илмӣ инъикоси худро ёфтааст. Махсусан, дар асарҳои таърихӣ бештар ба масоили муҳоҷирати иҷборӣ, фирорӣ шудани аҳолӣ дар солҳои нобасомониҳои сиёсию ҷанги шаҳрвандӣ, тадбиру чораҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баҳри пурра баргардонидани онҳо ба маҳалли зисти худ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ, сабабу омилҳои он, рафт ва шумораи муҳоҷирон дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳ намудаанд.

Хулоса, таҳлили бозтоби ислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмӣ, пеш аз ҳама дар самти илмҳои таърихшиносӣ

ва иқтисодшиносӣ нишон дод, ки дар инъикоси таърихи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ таҳқиқи масъалаҳои ислоҳоти замину об, ғайридавлатӣ гардонидани хоҷагиҳои давлатию ҷамъиятии деҳот, ташаккули бахши хусусӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкили заминаҳои ҳуқуқии ислоҳоти ҳаёти деҳот ва муҳоҷирати дохилию хориҷии аҳолӣ нақши меҳвариро ишғол менамоянд. Ба назари мо, омили асосии чунин таваҷҷуҳ ба масоили таърихи аграрӣ дар байни муҳаққиқон ин дар мақом ва нақши соҳаи кишоварзӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ маҳфуз мебошад. Дар нимаи дуюми асри гузашта бо талошу кӯшишҳо ва гузаронидани ислоҳоти зарурии соҳавӣ хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ба соҳаи нисбатан пешрафта ва муфиди иқтисоди ҷумҳурӣ табдил ёфта, вобаста ба рушди соҳаҳои гуногуни саноат, аз ҷумла соҳаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ ҷумҳурӣ ба минтақаи саноатию аграрӣ табдил ёфт. Аммо, сиёсати давлатии шуравӣ оид ба ҳамчун манбаи ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ нигоҳ доштани минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла ҷумҳурии мо барои марказҳои калони саноатии мамлакат, махсусан ба пойгоҳи ягонаи парвариши пахта ҳамчун манбаи стратегии зироати техникӣ табдил додани ин минтақа ба рушди умумии иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Маҳз ҳамин сиёсат яке аз омилҳои асосии нооромии сиёсӣ ва ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашидани ҷумҳурӣ дар аввали солҳои истиқлолият гардид. Ба замми он бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, ҳодисаҳои сиёсии ба миён омада хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ ба бӯҳрони сахт ва тӯлонӣ гирифтор шуд. Танҳо сиёсати мудаббиронаи ҳукумати ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат тавонист бо роҳи гузаронидани ислоҳоти чандинтарафаи аграрӣ, ташаккули муносибатҳои комилан нави танзимкунанда ва идоракунии соҳа, ин самти муҳимми хоҷагии халқро аз буҳрон берун оварда, ба роҳи рушд ва пешрафт гузорад.

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ низ аз масъалаҳои маркази

таҳқиқотӣ маҳсуб ёфта, дар асарҳои зиёди таҳқиқотӣ ҳалли худро пайдо намудаанд. Вале имрӯз зарур аст, ки ҷанбаи таърихии ин масъала дар алоҳидагӣ вобаста ба шохаҳои он маврид таҳқиқи ниҳоят васеъ қарор гиранд. Таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бозгардонидани фирориёни солҳои ноороми, ки ҳамчун дастоварди беназир дар ин самт дар ҷаҳони муосир эътироф шудааст, ҳоло ҳам ниёз ба таҳқиқи таърихӣ ва ҳам иқтисодию сиёсӣ дорад. Баробари ин муҳоҷирати меҳнатӣ, ки танҳо хоси ҷумҳурии мо набуда, хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо намудааст, бояд мавриди боз ҳам таҳқиқи жарфтар дар робита ба раванди ҷаҳонии муҳоҷирати аҳолӣ қарор гирад.

# БОБИ III. ТАҲҚИҚИ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ МИЛЛӢ

## 3.1. Бозтоби рушди маориф ва илми ҷумҳурии соҳибистиқлол дар асарҳои таърихӣ

Ҳаводиси сиёсӣ ва даргириҳо байни гурӯҳҳои гуногун, ки дар интиҳо ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оварданд, баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба соҳаи маорифи халқи ҷумҳурӣ низ таъсири амиқ расониданд. Масалан, дар яке аз вилоёти калонтарини ҷумҳурӣ - вилояти Хатлон, ки яке аз минтақаҳои асосии даргириҳои сиёсӣ буд, нисбат ба дигар минтақаҳо хисороти бузурги ҷонию моддӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар пайи ин ҳаводис беш аз 60 ҳазор нафар кушта, без аз 195 ҳазор нафар муҳоҷир ва шумори дигаре беному нишон гардиданд. Танҳо зиёда аз 60 ҳазор фирориён ба Афғонистон гузаштанд ва дар маҷмуъ шумораи умумии муҳоҷирони иҷбории дохилӣ то ба 1 млн нафар расид. Инчунин, беш аз 35 ҳазору 723 манзили истиқоматии сокинони вилоят хароб гардиданд [145]. Бар асари ин ҳодисаи мудҳиши аввали солҳои истиқлолият иқтисоди ҷумҳурӣ хароб гардида, ба соҳаҳои маорифу фарҳанг хисороти вазнин ворид гардид.

Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ ва барқарор гардидани ҳукумати конститутсионӣ, ба дасти роҳбарияти нави олӣ гузаштани ҳокимият ва оғоз ёфтани талошҳои аввалин барои дарёфти сулҳу ваҳдат ва хотима додан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тадриҷан барои барқарорсозии соҳаи маорифу илми ҷумҳурӣ ва ба роҳи рушд гузоштани он шароит фароҳам оварданд. Вобаста ба ин раванди азнавбарқарорсозии соҳаи маориф, сиёсати давлатӣ дар самти маорифи халқ ва ислоҳоти он дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитариро ба худ ҷалб

намудааст. Пеш аз ҳама, муҳаққиқони самти илмҳои таърихӣ, педагогика, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва иқтисодиёт ба тасвир ва инъикоси ин масъала даст задаанд.

Таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки, пеш аз ҳама муҳақиқон дар меҳвари пажӯҳиши худ масъалаи сиёсати давлатӣ дар самти маориф ва раванди ислоҳоти низоми таҳсилот дар ҷумҳуриро гузошта, тавассути мақолаҳо, фишурдаи маводи конференсияҳои илмию назариявӣ ва матбуоти даврӣ чоп кардаанд. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин таълифот ба шакли муфассал дар рисолаи Сафарзода Ғ.Ғ. «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX- ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» [291, с.6-7] оварда шудааст, ки мо аз такрори он худдорӣ менамоем.

Албатта, асарҳои бунёдӣ ва монографияҳои бевосита ба таҳлилу баррасии мавзуи рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ бахшидашуда, дар инъикоси паҳлуҳои гуногуни он нақши аввалдараҷаро соҳиб мебошанд. Пеш аз ҳама, дар ин самт ҷилди 6-уми асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [67, 129] мақоми вижаро соҳиб мебошанд, ки дар доираи таърихи ҷомеи замони истиқлоли халқи тоҷик вазъ ва самтҳои асосии инкишофи маорифи халқи ҷумҳуриро низ инъикос менамоянд. Паҳлӯҳои гуногуни таърихи маорифи ҷумҳурӣ ва дастовардҳои он дар замони соҳибистиқлолӣ дар асарҳои муҳаққиқони дигар, пеш аз ҳама Баскакова М., Рашидов А.Р. Иноятова М.А., Алимов И.А., Шарифов З., Ёров Ф., Мирзоалиев Э. [45] низ инъикос ёфтаанд. Мавқеи алоҳидаро дар инъикоси таърихи маорифи замони соҳибистиқлолӣ китобҳои «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [86] ва асари дастаҷамъонаи Раҳмонов А.А., Расулов А.Б., Қодиров Қ. Б., Афзалов Х. С. «Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон» [137] ишғол менамоянд. Муҳаққиқон, ки аксариаташон кормандони бевоситаи соҳаи маориф мебошанд, бештар масоили вазъу ҳолат, раванди рушд ва татбиқиислоҳот дар низоми таҳсилоти умумии миёнаи ҷумҳурӣ, вазифаҳои самти таҳсилоти умумии миёна ва касбӣ таваҷҷуҳ намуда, бо истифодаи маводи зиёди оморӣ раванди рушди соҳаро ба таври пурратар инъикос намудаанд.

Дар баробари асарҳои фарогириандаи раванди рушди маорифи ҷумҳурӣ дар умум таълифоти зиёде доир ба ҳолат ва рушди маорифи халқ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ва ё самтҳои ҷудогонаи он ба табъ расидаанд, ки онҳо дар тасвири умумии рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ нақши муассирро соҳиб мебошанд. Пеш аз ҳама, метавонем таълифоти муҳаққиқон М.Х. Абдуллоев [31], Сафарзода Ғ.Ғ. [291] доир ба таърихи маорифи минтақаи Кӯлоб ва асарҳои А. Шариповро [299] доир ба таърихи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таъкид намоем.

Ба сифати мавзуи таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ дар байни муҳаққиқони ҷавон низ таваҷҷуҳ ба таърихи маорифи халқи ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, рушди он дар минтақаҳои алоҳида ва ё самтҳои ҷудогонаи соҳа аз диди таърихӣ, сиёсӣ ё фалсафӣ солҳои охир рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Аз ҷумла, рисолаҳои илмии М.О. Ҳусейнзода [280], Т.Ё. Рашидов [286], С.М.Сабуров [289], У.И. Отақуллов [254], Ғ.Ғ. Сафарзода [291, с.6-7] ва даҳҳо рисолаҳои дигарро дар ин самт метавон тавсия дод. Муҳаққиқони ҷавон дар заминаи истифодаи маводи мушаххас мушкилот ва натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маорифро дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, доир ба бурду бохти соҳа, дастовардҳо ва норасоиҳои ҷойдошта маълумоти фаровонро манзур менамоянд.

Таҳлили таърихнигорӣ ошкор менамояд, ки «муҳаққиқони таърихи соҳа аз маводи гуногуни таҳқиқотӣ, хусусан асосҳои меъёрию ҳуқуқии

ба танзим оварандаи соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, махсусан Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993, 2004), Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2004, таҳти №425 «Барномаи давлатии омода кардани кадрҳои педагогӣ барои солҳои 2005-2010» аз 30 июни соли 2004, таҳти №291 «Дар бораи нақшаи татбиқи ислоҳоти низоми маориф дар солҳои 2004-2009», Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, таҳти №207, инчунин маҷмӯаҳои гуногуни омории дорои маълумоти расмиро» [49] истифода кардаанд.

Таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки дар асару мақолаҳои илмӣ муҳаққиқон ба вазъи воқеии маорфи халқи ҷумҳурӣ дар арафаи расидан ба истиқлоли давлатӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба рушди соҳаи маориф, фаъолияти минбаъдаи он, чораандешии ҳукумат ҷиҳати барқарор сохтани соҳаи маориф ва ислоҳоти соҳаи маориф ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Дар миён таълифоти илмие, ки бевосита ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва мақоми он дар сиёсати давлатӣ бахшида шудаанд, афзалияти бештарро соҳиб мебошад. Аз ҷумла, таъкид мешавад: «Дастовардҳои мо дар ҳама самтҳои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар, аз ҷумла маориф бо сиёсати дурандешонаю некбинона ва хиради созандаву эҷодкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарм Эмомалӣ Раҳмон робитаи узвӣ дорад» [86, с. 36].

Воқеан, дар замони соҳибистиқлолӣ Сарвари давлат ва ҳукумати кишвар ба инкишофу рушди мактабу маорифи ҷумҳурӣ диққати ҳамаҷониба дода, дар баробари ислоҳоти дигар соҳаҳо ба ислоҳоти

низоми маориф ва равона сохтани раванди тарбия ва парвариши ҷавонон дар роҳи ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ низ таваҷҷуҳи зиёд намудаанд. «Мушкилоти соҳаи маориф, - таъкид менамоянд Пешвои миллат,- яке аз мушкилоти муҳим дар ҳаёти мо мебошад. То замоне ки мо ислоҳоти ҳаматарафаи маорифро роҳандозӣ накунем, мо дар рушди фарҳанг ва ахлоқи ҷомеа ба натиҷаҳои дилхоҳ намерасем» [15].

Аксарияти муаллифон ишора ба он мекунанд, ки «зимни омӯзиши татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳонӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ нақши хеле ва хеле муассиру созандаи Пешвои миллат ошкоро ба назар мерасад» [291]. «Мусоидат ба чопи китоб, - менависад А. Шарифзода, - таъмини синфхонаҳо бо маводи техникию аёнӣ, технологияи муосири компютерӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо, пардохти саривақтии маош, бо имтиёзҳои нав таъмин кардани омӯзгорону устодон тариқи имкониятҳои мақомоти маҳаллӣ, ба хусус, ҷудо кардани замин ва дигар масъалаҳои вобаста ба рушди мактабу маориф, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор гирифтааст» [170, с.306].

Аз раванди таҳқиқи таърихи рушди маориф дар замони соҳибистиқлолӣ бармеояд, ки яке аз омилҳои таъсиркунанда ва такондиҳандаи соҳа ин татбиқи дурусти ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариши саривақтӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад. Баробари санадҳои зарурии меъёрию ҳуқуқӣ мақомоти болоии идоракунандаи соҳаи маориф тавонист дар муддати кӯтоҳ солҳои 1996-2000-ум дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии миёна ва олии касбӣ нақшаҳои нави таълимии мувофиқ ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ҷорӣ намуда, барои зиёда аз 140 ихтисос стандартҳои нави давлатиро муқаррар

намояд [170, с.323]. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди маорифи ҷумҳурӣ ин бамаротиб зиёд шудани шумораи мактабҳои умумии миёна ва теъдоди хонандагони онҳо мебошад. Агар дар соли таҳсили 1992/93 дар ҷумҳурӣ 2718 мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо 1 млн. 386 ҳазор хонанда амал мекарда бошанд [137, с.91], соли таҳсили 2006/07 шумораи муассисаҳо ба 3735 хонандагони онҳо ба 1 млн.700 ҳазор нафар расид [67, с.580]. Дар солҳои минбаъда суръати сохтмони биноҳои таълимӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷойи нишаст барои хонандагон хеле вусъат ёфта бошад ҳам, он ба суръати афзоиши табии аҳолӣ ҷавобгӯ набуд. Аз ҷумла, соли 2011 дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ 700 ҳазор ҷойи нишаст намерасид ва зиёда аз 1 млн хонадагон дар басти дуюму сеюм таҳсил менамуданд, 1549 бинои таълимӣ ба таъмири капиталӣ ниёз доштанд, бинои таълимии 248 мактаб дар ҳолати садамавӣ қарор дошт [67, с.580].

Ба даст омадани суботу оромии ҷомеа ва ваҳдати миллӣ, рӯй овардани кишвар инкишофи устуворона ва бо низоми иқтисодию иҷтимоӣ ба пешрафти соҳаи маорифи халқи ҷумҳурӣ низ мусоидат намуданд. Пеш аз ҳама, новобаста аз мушкилоти иқтисодию молиявии ҷойдошта маблағгузории соҳа сол ба сол афзоиш меёфт. Соли 1992 барои таъминот ва рушди соҳа 6975, 6 млн рубл (бо пули кӯҳна) маблағ пешбинӣ шуда буд, соли 2000-ум 41,6 млн сомонӣ, соли 2005- 250 млн сомонӣ ва соли 2006 336 млн сомонӣ, яъне 8,2 маротиба зиёд аз соли 2000-ум маблағ ҷудо гардид. Ғайр аз ин барои таъминот ва пешрафти соҳа аз захираҳои президентӣ, лоиҳаю барномаҳои маблағгузорандаи хориҷӣ ба таври илова маблағ равона карда мешуд. То соли 2008 дар соҳаи маориф аз ҳисоби маблағгузории хориҷӣ бо дастгирии СММ чаҳор барнома ба маблағи умумии 81, 713 млн доллари амрикоӣ татбиқ карда шуданд [70, с.36].

Раванди рушди соҳаи маорифи халқ, зина ба зина татбиқи ислоҳот

ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ сохтани низоми таълим, пеш аз ҳама дар асарҳо ва дигар таълифоти кормандони соҳа, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, макотиби кишвар ба таври мушаххас ва таҳлили мушкилоту мураккаботи соҳа ихтисос ёфтааст. Аз ҷумла, дар маҷмӯаи дастҷамъонаи «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [86], ки муаллифони он асосан мутахасисони соҳа, роҳбарони вазорат ва сохторҳои он мебошанд, ба паҳлуҳои гуногуни низоми таълиму тарбия, махсусан саҳми арзандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди маориф, равандҳоии асосии тараққиёти маориф дар давраи истиқлол, шароити мактабҳои таҳсилоти умумӣ, макотиби олӣ ва мушкилоту зарурати ислоҳоти он, пешравию мушкилоти ислоҳоти маориф, дастовардҳои илмҳои педагогӣ, сифати таълиму тарбия ва омилҳои муайянкунандаи он, мактаб-интернатҳо, ислоҳоти кадрӣ, пойгоҳи моддӣ-таълимии таълимгоҳҳо, васоити таълим ва китобҳои дарсӣ, бунёди биноҳои муосири таълимӣ, васеъ шудани ҳамкориҳо бо ташкилоту ниҳодҳои хориҷӣ дар самти таҳсилот ва дигар масоили вобаста ба парваришу омӯзиш зиёдтар таваҷҷуҳ намудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ин тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ва таъмин намудани мактабҳои ҷумҳурӣ бо мутхассисони касбӣ маҳсуб меёбад. Таъкид мешавад, ки «бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1997 тариқи квотаи президентӣ қабул намудани донишҷӯён, махсусан духтарон аз ноҳияҳои дурдаст ва он минтақаҳое, ки ба кадрҳои соҳибтахассус ниёз доранд, ба роҳ монда шуд» [86, с.71]. Ин ташаббус, махсусан ба ҷалби духтарон ба таълим ва бо ин роҳ зиёд намудани сафи омӯзгорон аз ҳисоби онҳо хеле мусоидат намуд. Аз ҷумла, аз соли 1997 то соли 2006 ба мактабҳои олии

ҷумҳурӣ 4 440 нафар духтарон аз деҳоти дурдасти кишвар тибқи квота қабул карда шуданд. Соли 2006 дар макотиби олӣ 3 755 нафар духтарон ва 306 нафар писарони тибқи квота қабулшуда таҳсил мекарданд [86, с.71].

Яке аз нишондиҳандаи дигари рушди низоми маорифи ҷумҳурӣ ин рушди низоми таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ва афзоиши теъдоди макотиби олии кишвар мебошад. Агар соли 1992 дар ҷумҳурӣ 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо теъдоди 70600 нафар донишҷӯ, аз ҷумла 21900 нафар духтарон, фаъолият мекарда бошад, пас дар соли 1997 ин теъдод ба 25 бо 76700, аз ҷумла 20000 нафар духтарон расид. Соли 2015 аллакай дар ҷумҳурӣ 38 макотиби олӣ бо 167 660 нафар донишҷӯ, аз ҷумла 53217 нафар духтарон амал менамуд. «Дар ин муассисаҳои таълимӣ агар соли 1991 ҳамагӣ 1835 номзадони илм ва 226 нафар доктори илм фаъолият дошта бошан, пас соли соли 2015 шумораи номзадони илм ба 2594 нафар ва докторони илм ба 549 нафар расида буд» [170, с. 308].

Муаллифон дар баробари дастовардҳо, раванди босуръати ислоҳоти соҳа, сохтмони биноҳои таълимӣ ва таъмири онҳо, таъминот бо китобҳои дарсӣ, оид ба мушкилоту норасоиҳои соҳа, камбудиҳо дар низоми маорифи ҷумҳурӣ низ маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, муаллиф Ф.Раҳимов таъкид менамояд, ки «нақшаи қабули духтарони деҳоти дурдаст тибқи квотаи Президентӣ бо айби сохторҳои дахлдор ҳамасола иҷро карда намешавад. Аз ҷумла, соли 1998 тибқи нақша 774, иҷрояш 330 нафар, соли 1999 -762, иҷрояш 434 нафар, соли 2000 тибқи нақша 779 нафар, иҷрояш 517 нафарро ташкил медод» [226, с.102]. Ба андешаи Ф. Хушвахтов «суръати афзоиши аҳолии ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад, ки то соли 2015 мувофиқи омор шумораи умумии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба 2 миллиону 250 ҳазор нафар мерасад, ки ин боиси норасоии то 700 ҳазор ҷойи нишаст дар мактабҳо мегардад» [244, с. 92].

Дар адабиёти илмӣ новобаста аз ҷой доштани мушкилоту камбудиҳо, муҳаққиқон бештар ҷараёни пешрафти соҳаи маориф, баргузории ислоҳоти соҳа, ташакилёбии типҳои нави муассисаҳои таълимӣ, мактабҳои хусусӣ, болоравии маблағгузории соҳа ва ҷалби зиёдтари сармояи хориҷӣ, сифати таълиму тарбия ва роҳҳои баланд бардоштани он таваҷҷуҳ намудаанд. Таъкид мешавад, ки дар даврони истиқлол баробари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсилоти олии касбӣ низ бемайлон рушд намуда, ба таълими бисёрзинаги таҳсилот гузаштанд. Агар дар ибтидои солҳои истиқлол аз рӯи 170 ихтисос барои хоҷагии халқ мутахассис тайёр карда мешуд, соли 2010-2011 шумораи ихтисосҳо ба 285 номгӯ дар дохили кишвар ва 200 номгӯ берун аз ҷумҳурӣ расид [137, с.178]. Соли 2011 маблағгузории соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба 1 млрд. 300 млн сомонӣ расид, ки ин 4,7% ММД-ро ташкил медод. Ба замми он барои дастгирии соҳа маблағҳои сармоягузорӣ ва грантҳо низ сафарбар карда мешуданд. Аз ҷумла, аз соли 1998 то соли 2011 барои дастгирии ислоҳоти соҳа 14 лоиҳаи сармоягузорӣ ва грантӣ равона гардида буд [137, с.180].

Дар замони соҳибистиқлолӣ (то соли 2016) аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 2 054 бинои муассисаҳои таълимӣ ба маблағи 1млрд. 991 млн. 55 ҳазор сомонӣ бунёд ва азнавсозӣ гардида, бештар аз 444 ҳазор ҷойи нишасти хонанадагон фароҳам оварда шуд [170, с.310].

Ба андешаи муҳақиқон яке аз навоварахои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ин ташкил ёфтани мактабҳои шаклҳои гуногун, аз ҷумла, литсей-интернатҳо, мактабҳои президентӣ, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо ва амсоли инҳо мебошанд. Аз ҷумла, тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 1995 дар шаҳри Душанбе Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони лаёқатманди Ҷумҳурии

Тоҷикистон таъсис дода шуд. «Дар ин муассиса зиёда аз ҳазор нафар хонандагон таҳсил мекунанд ва он бевосита зери сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат қарор дорад. Соли 2015 дар ҷумҳурӣ 76 гимназия ва 55 литсей фаъолият мекарданд, ки зиёда 55 ҳазор нафар хонанда доштанд. Шумораи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ба 47 адад ва шумораи хонандагони онҳо ба 14 ҳазор нафар мерасид» [170, с. 318-319].

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигорӣ ошкор менамояд, ки дар адабиёти илмии таърихии бахшида ба рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ сиёсати пайгиронаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешрафти соҳатадбирҳои зиёди ташкилию мураттабнамоии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии соҳаи маориф, инкишофи таҳсилоти умумӣ ва миёнаю олии касбӣ ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд. Маҳз сиёсати пайгиронаи давлат ва таваҷҷӯҳи зарурӣ ба соҳаи маориф боиси болоравии сифати таълиму тарбия, зиёд шудани шумораи ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ, сохтмони биноҳои зиёди таълимӣ ва омода намудани теъдоди зарурии мутахссисони хоҷагии халқи ҷумҳурӣ гардид.

Дар пешрафти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ нақши ҳамкориҳо бо давлатҳои пешрафта ва шарикони стратегӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд. Аз ҷумла, яке аз самтҳои бомаҳсули ҳамкориҳои гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия маҳз муносибати хуби ҳамкорӣ дар соҳаи маориф мебошад, ки таҳлили он аз назари муҳаққиқон дур намондааст. Махсусан, ба масъалаи мазкур пажӯҳишгарон Дубовитский В.В. ва Мирзоев Н.М. бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамкориҳои густурдаю гуногунпаҳлӯи Тоҷикистону Россияро дар соҳаи маориф ба таври муфассал баррасӣ намудаанд. Ба андешаи ин муҳаққиқон дар заминаи ҳамин ҳамкориҳо ҳанӯз соли 1996 Донишгоҳи славянии Россию Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ намуд, ки

дорои зиёда аз чор ҳазор донишҷӯ ва 13 ихтисос мебошад. Нишонаи дигари мустаҳкамавии ҳамкориҳои пайвастаи муштарак дар ин самт кушодашавии филиалҳои муассисаҳои пешбари Россия, ба мисли Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, Донишгоҳи технологии «МИСИС», Донишкадаи энергетикии Москва дар пойтахти ҷумҳурӣ мебошанд. Мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои муҳимми ҳаёти фарҳангӣ соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ, дар зинаҳо ва шаклҳои гуногуни зуҳуроти он махсуб меёбад.

Мавзуи ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ ва макотиби олӣ бо кишварҳои хориҷӣ ба шакли умум аз ҷониби А. Шарифзода таҳлил гардидааст. Муҳаққиқ ном ба ном шартномаю қарордоди ҳамкории вазоратро бо шарикони хориҷӣ номбар намуда, таъкид менамояд, ки дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ ва бурсияҳои таҳсилӣ дар давраи аз соли 1994 то соли 2005 ба мактабҳои олии 13 давлати хориҷӣ 1014 афар ҷавонони тоҷик барои таҳсил фиристода шудаанд [17, с. 334].

Аммо бояд зикр намуд, ки дар солҳои 90-уми асри XX бо сабаби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар низоми мактабу маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дигар соҳаҳои фарҳанг як навъ бозмондагӣ ва карахтӣ мушоҳида мегардад. Рушду нумӯи ин соҳа ба ибтидои ҳазорсолаи нав рост меояд, ки комилан аз маҷрои даҳсолаҳои пешина фарқ мекунад. Аз ин рӯ, шумораи пажӯҳандагоне, ки ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин масъала машғул буданд, ҳанӯз камшумор буда, таҳқиқоти алоҳида вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, асарҳои дастаҷамъӣ, ки хусусияти маҷмуӣ ва ҷамъбастӣ дошта, низоми мактабу маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ба таври умумӣ инъикос кардаанд, рӯйи кор омадаанд, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи масоили мазкур чун замина ва адабиёти зарурӣ мавриди

истифода қарор мегиранд. Дар заминаи ин маҷмуӣ мақолаҳои алоҳида, фишурдаи маводи конференсияҳои илмию назариявии сатҳи гуногуни философҳо, муаррихон ва самти илмҳои педагогӣ, ки сиёсати давлатиро дар самти ислоҳоти низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои навадуми асри гузашта мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд, таълиф гардиданд.

Вазъу ҳолати мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асару мақолаҳое низ рӯйи кор омаданд, ки дар онҳо вазъи мактабу маорифи минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ инъикос гардидаанд. Масалан, асарҳои муҳаққиқ Абдуллоев М.Х. бештар ба вазъи маорифи минтақаи Кӯлоб бахшида шудаанд. Бо қаноатмандӣ бояд зикр кард, ки масоили марбут ба низоми мактабу маориф, ислоҳоти фарогири соҳа, роҳу василаҳои беҳтар гардонидани сифати таълим, ҷорӣ намудани шаклҳои пешқадами низоми тадрис ва ғайра дар асарҳои Баскакова М., Рашидов А.Р., Иноятова М.А., Алимов И.А. мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар таълифоти олимони зикршуда масъалаҳои пешрафт ва таҳкими таҳсилоти умумӣ ва таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, далелҳои зиёди рақамӣ ва оморӣ доир ба ислоҳоти соҳаи маориф оварда шудааст. Илова бар ин, масоили мухталифи низоми мактабу маориф дар таълифоти маҷмуавӣ низ инъикос гардидааст, ки таҳқиқу баррасии онҳо аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест. Масалан, соли 2011 фишурдаи мақолаҳо оид ба рушду пешрафти соҳаи маорифи вилояти Хатлон ба табъ расид [153]. Яке аз бахшҳои калони онро таълифот доир ба вазъи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳад ва ин маҷмӯа ба ифтихори 20-умин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Аксарияти мақолаҳои маҷмӯа ба шарҳу баёни вазъ ва дастовардҳои муассисаҳои таълимии

минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон равона шудаанд. Маҷмӯаи дигаре, ки соли 2016 ба ифтихори 25-солагии истиқлоли давлатӣ ба табъ расид, ба монандаи маҷмӯаи зикршуда, бо мақсади тарғибу ташвиқи дастовардҳо ва муваффақиятҳои сиёсати давлатӣ дар минтақа, хусусан ҷидду ҷаҳди шуъбаҳои мақомоти ҳокимияти давлатии маҳалҳо оид ба маориф ва дастгирии сохторҳои маорифи вилояти Хатлон интишор гардидаанд. Муаллифони аксари мақолаҳо низ шахсони масъулу роҳбарикунандаи сатҳи аввали вилоят, сохторҳои гуногуни Вазорати маориф ва илм дар вилоят ва ноҳияҳо мебошанд, ки маълумоти зиёди умумӣ ва ҷамъбастиро доир ба вазъи воқеии муассисаҳои таълимии вилоят пешниҳод кардаанд. Ҳамзамон, дар даврони истиқлол як силсила рисолаҳои илмӣ низ ба анҷом расиданд, ки дар онҳо баъзе ҷанбаҳои ҳаёти фарҳангии кишвар, аз ҷумла муассисаҳои маданӣ-фарҳангӣ, рушди театри миллӣ, низоми мактабу маориф ва илми ҷумҳурӣ то андозае таҳқиқ гардидаанд [215, с.213-214].

Бо ба даст омадани истиқлоли давлатӣ дар самти илм ва корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, фаъолияти муассисаю марказҳои илмии ҷумҳурӣ низ тағйирот ва дигаргуниҳо ба миён омаданд. Таҳқиқи раванди рушди илми ҷумҳурӣ, ислоҳот ва дигаргунсозиҳо дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Сиёсати давлатӣ дар самти илм, нақшаву барномаҳои давлатӣ ва самтҳои асосии илми тоҷик вобаста ба ҳадафҳои стратегии рушди хоҷагии халқи мамлакат дар асарҳо, мақолот ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳлили худро пайдо намудаанд [1]. Бо дастгирӣ ва ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ зиёда аз 200 санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳаи илм қабул гардидааст. Пеш

аз ҳама, ба ин ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳа метавон қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (соли 1998), «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2002), «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (соли 2012), «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (соли 2015) ва қарорҳои дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармоишҳои Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар самти дастгирии ҳаматарафаи илми ҷумҳурӣ ва соҳаҳои он шомил мешаванд [135, с.7-8].

Инчунин Ҳукумати Ҷумҳурӣ як қатор қарорҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳа, ба монанди «Доир бақайдгирии давлатии муассисаҳои илмӣ», «Доир ба шартномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Россия оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии тахассуси олӣ», «Доир ба консепсияи сиёсати давлатии илмӣ-техникии Ҷумхурии Тоҷикистон», «Оид ба таҷлили ҷашни 50-солагии Академияи илмҳои Тоҷикистон» ва дигар санадҳоро қабул кард, ки ба воситаи онҳо зарурати таҳия ва амалишавии сиёсати нави давлатӣ дар самти илму техника, ки ба ҳадафҳои миллии замони соҳибистиқлолӣ мутобиқ мебошанд, пеш гузошт. Пеш аз ҳама дар муқаррарсози сиёсати илмӣ-техникӣ имконоту иқтидори иқтисодии кишвар, захираҳои табии он, хусусияти ҷуғрофӣ ва зарурати иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ бояд ба инобат гирифта мешуд [67, с.605].

Пеш аз ҳама, таҳқиқи нисбатан муфассали рушди илми ҷумҳурӣ дар маҷмуъ дар ҷилди 6-уми «Таърихи халқи тоҷик» [67, с.604] мушоҳида менамоем. Дар ин асари бунёди вазъи илми тоҷик дар ибтидои давраи истиқлол, таъсири воқеаҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба фазои илмии ҷумҳурӣ, фаъолияти муассисаҳою марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди қабули санадҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ ва ислоҳоти соҳа, аввалин

дастовардҳои илми ҷумҳурӣ то соли 2010 мавриди таҳлилӣ ҳаматарафа қарор гирифтааст. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ки дар солҳои ноорамӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ доираи фаъолияти муассисаҳои илмӣ хеле маҳдуд гардида, теъдоди зиёди онҳо ғорат ва хароб карда шуданд, шумораи ниҳоят зиёди мутахассисон ҷумҳуриро тарк намуданд. Танҳо ба Академияи илмҳои ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1992-1993 зиёда аз 400 млн рубл зарари моддӣ расонида шуда, шумораи муассисаҳои илмӣ 1,6 маротиба кам гардиданд. Соли 2004 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 59 муассисаи илмӣ, аз ҷумла 49 институти илмӣ таҳқиқотӣ ва 10 мактаби олӣ амал мекарданд [67, с.606].

Корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама муассисаҳо ва марказҳои илмии Академияи милли илмҳои Тоҷикистон ва академияиҳои соҳавии кишоварзӣ, тиббӣ, педагогӣ, корҳои дохилӣ, идоракунии давлатӣ, инчунин макотиби олии ҷумҳурӣ пеш мебаранд. Фаъолият ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии сохторҳои Академияи илмҳо дар ҳисоботи солонаи он ба шакли китоби алоҳида, асарҳои илмии ба таърихи фаъолияти сохторҳои алоҳидаи он бахшида шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [39].

Маркази калонтарини илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ ин Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки танзимкунандаи асосии рушду пешрафти таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ дар самтҳои афзалиятноки илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ мебошад. Маҳз ҳамин маркази калони илмӣ масоили рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва илмиву технологии ҷумҳуриро таҳлил намуда, дастовардҳои илм ва технологияи ҷаҳониро меомӯзад ва истифодаи онҳоро дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон АМИТ раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотии академӣ, соҳавӣ ва донишгоҳиро ҳамоҳанг месозад [56, с.3].

Ба назари муҳаққиқон яке аз масъалаҳои мушкили муассисаҳои илмии академӣ дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ ин ҳиҷрати кормандон-мутахассисони соҳибтахассуси онҳо ба хориҷи кишвар маҳсуб меёбад. Ин раванд аз соли 1991 оғоз ёфта то охири солҳои 90-ум идома меёбад, ки дар натиҷа соли 2000-ум дараҷаи таъминоти ин муассиаҳо бо мутахассисон то 30-46% кам мегардад. Агар соли 1990 шумораи умумии кормандони илмӣ дар ҷумҳурӣ баробар ба 8 542 нафар бошад, соли 2000-ум ин нишондод то ба 4 644 нафар ва соли 2004 то ба 3 384 нафар кам гардидааст [67, с.606].

Раванди рушди муассисаҳои илмии академӣ тадриҷан аз ибтидои солҳои 2000-ум оғоз меёбад, ки ин, пеш аз ҳама, аз таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди рушди илм дар ҷумҳурӣ, бавижа ҳифз ва нигоҳ доштани сохтори академӣ дар ҷумҳурӣ маншаъ мегирад. Таъкид мегардад, ки барои рушди академия мулоқотҳои Пешвои миллат бо кормандони муассиса, ки аввалин вохӯри феврали соли 1996 ба вуқӯъ оммада буд, нақши созанда гузоштанд [39, с.23].

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҷараёни пешрафти илми академии тоҷик дар замони истиқлоли давлатӣ бо нишон додани дастоварду комёбиҳо ва пайваст шудани он ба раванди рушди илми ҷаҳонӣ дар асарҳои илмӣ, ба вижа таърихӣ ба шакли муназзам инъикоси худро пайдо намудаанд. Ҳоло АМИТ яке аз марказҳои калонтарини илмҳои бунёдию амалӣ ва ягона маркази ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ таҳқиқотии ҷумҳурӣ буда, дорои зиёда аз 26 муассисаи илмӣ -таҳқиқотӣ бо беш аз 2000 корманд мебошад [56, с.3]. Дар замони истиқлол сохтор ва доираи мавзуҳои таҳқиқотии ин муассиса хеле васеъ гардида, муассисаҳои зиёди нав, ба мисли “Институти масъалаҳои об, гидроэнеогетика ва экология, Агентии амнияти ядрой ва радиатсионӣ, Маркази илмии Хатлон,

Маркази байналмилалии илмӣ-таҳқиқотии «Помир-Чақалтой», Институти иқтисод ва демография, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Институти физикаю техника, Маркази инноватсионӣ оид ба биология ва тиб, Маркази омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ва ғайра ташкил ёфтанд” [39, с.25].

Ҳамчун намунаи инкишофи илми академии ҷумҳурӣ метавон натиҷаи яксолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотиро мисол овард. Аз ҷумла, танҳо соли 2010 аз тарафи олимони АМИТ беш аз 400 корҳои илмӣ, 20 монография ва зиёда аз 350 мақолоти илмӣ [67, с.609] ба нашр расида, то соли 2021 муҳаққиқони муассиса зиёда аз 400 патент, 10 ҳазор кори илмӣ, аз ҷумла 2 500 китобу рисола ба чоп расонидаанд [39, с.31].

Раванди умумии вазъи воқеӣ ва тадриҷан рӯ ба рушд овардани илми тоҷик дар таълифоти муштараки Н.Назаршоев ва Р. Каримова [115] низ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифтааст. Муҳаққиқони мазкур вазъи ногувори илми тоҷикро дар ибтидои давраи истиқлолият, таъсири ҳодисаҳои сиёсӣ ва мушкилоти иқтисодиро ба илм ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳлил намуда, сиёсати давлати мустақилро дар самти таҳкими пойгоҳи ҳуқуқӣ ва моддию техникии корҳои илмӣ, пеш аз ҳама қабули силсилаи қонуну қарорҳои зарурӣ, ки боиси аз нав эҳёшави фаъолияти муассисаҳои илмӣ гардиданд, заминаи асосии рушди илмӣ академӣ ва донишгоҳии тоҷик ҳисобидаанд. Таъкид мешавад, ки пеш аз ҳама дар маблағгузории соҳа дигаргуни ворид карда шуд. Агар соли 1990 дар ҷумҳурӣ барои соҳаи илм ҳамагӣ 0,8%-и буҷа маблағ (бо пули кӯҳна) ҷудо шуда бошад, соли 1995-0,6%, соли 2004-0,5% (5560,2 ҳазор сомонӣ) ҷудо гардида буд. Инчунин, баробари маблағгузории буҷавӣ воридшавии маблағҳои ғайрибуҷавӣ ба соҳаи илм ҷой доштанд, аз ҷумла соли 2001 ба соҳа 233,8 ҳазор доллари амрикоӣ, 4,8 ҳазор маркаи олмонӣ ва 20,4 ҳазор сомонӣ ба ин соҳа ворид гардида буданд [115,

с.289].

Яке аз масъалаҳои душвортарин дар ибтидои давраи истиқлолият ин нигоҳ доштани мутахассисон маҳсуб меёфт. Раванди ба берун аз ҷумҳурӣ рафтани мутахассисон ҳанӯз дар охири давраи шуравӣ оғоз ёфта буд, даргириҳои сиёсӣ ва нобасомониҳои солҳои 90-ум ин равандро боз ҳам тезонид. Барои ҳамин соли 2000-ум муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ дар доираи 30-46% ба кадрҳои зарурӣ таъмин буданд. Масалан, агар соли 1990 ҳамагӣ 8542 нафар мутахассисон бо фаъолияти асосӣ дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва техникӣ кор мекарда бошанд, соли 1995 ин нишондод ба 3 062, соли 2000-4 644 ва соли 2004 баробар ба 3.384 нафар буд. Махсусан, камшавии теъдоди мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмӣ бештар мушоҳида мегардад, агар соли 1990 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1269 нафар доктору номзадони илм машғули фаъолият бошанд, соли 1995 шумораи онҳо баробар ба 656 нафар буд. Танҳо соли 2004 ҷумҳурӣ бо шумораи олимони соҳиби унвон ва дараҷаи илмии нишондиҳандаи соли 1990-ро (1288) дарёб намуд [115, с.291]. Вазни қиёсии зиёиёни илмии ҷумҳурӣ низ дучори таҳаввулоти ҷиддӣ гардид, масалан агар соли 1990 32,4%-и кормандони илмро намояндагони миллатҳои ғайри бумӣ ташкил медоданд, соли 2000 ин нишондод ба 11,4%, яъне 3 маротиба камтар буд [115, с.291].

Муҳаққиқон ба раванди омода кардани кадрҳои зарурии самти илм ва бурду бохти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва макотиби олии ҷумҳурӣ дар самт таваҷҷуҳ намудаанд. Бо андешаи онҳо шакли асосии тайёр намудани кадрҳои илмӣ ин таҳсил дар аспирантура буд ва аз соли 1990 инҷониб шумораи аспирантҳо сол ба сол афзоиш меёфт. Аз ҷумла агар соли 1990 ҳамагӣ 501 нафар дар аспирантура таҳсил менамуданд, соли1995 шумораи онҳо ба 626 нафар ва соли 2004 ба 870 нафар расида буд. Аммо мушкилӣ дар он буд, ки на ҳамаи онҳо то охир дар

аспирантура таҳсил мекарданд ва теъдоди ниҳоят ками онҳо саривақт рисолаҳои худро ҳимоя менамуданд. Масалан, тибқи маълумоти мавҷуда тақрибан танҳо 16,5%-и онҳо дар вақташ рисолаи илмии худро ҳимоя карда метавонистанд ва ё ҳамагӣ 21,% ба аспирантура дохилшудагон онро хатм менамуданд [115, с.292].

Соли 2004 ба аспирантураи муассисаҳои таълимӣ ва илмии тобеи вазорати маориф аз рӯи 30 ихтисос 90 нафар аспирантон қабул шуданд, дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ бошад, барои 13 ҷой 49 нафар ҳуҷҷат супориданд. Ҳамин сол аз 77 нафар аспирантҳои зерсохторҳои вазорат 6 нафар пеш аз муҳлат рисолаҳои худро ба анҷом расониданд. Соли 2016 дар аспирантураи муассисаҳои таълимию илмии вазорат 291 нафа, аз ҷумла 155 нафар таҳсили рӯзона ва 136 нафар дар шуъбаи ғоибона ва 5 нафар дар доторантура таҳсил менамуданд [170, с.328].

Дастовардҳо ва раванди рушди илм дар сохторҳои академияҳои соҳавӣ, илми донишгоҳӣ низ дар асарҳои илмии таърихӣ ба таври муфассал инъикоси худро пайдо намудаанд. Пеш аз ҳама, муассисаҳои илмӣ дар таълифоти махсус, ки ба ҷашни истиқлоли давлатӣ, ё дигар чорабиниҳои алоҳида бахшида ба солгарди ташкилёбии муассисаҳо ба таърих ва ҷараёни пешрафти онҳо бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин самти доир ба шумораи зиёди донишномаву энсиклопедияҳо, мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавии дар матбуоти даврaӣ, манбаҳои электронӣ чоп шуда, низ метавон ишора намуд. Таҳлили алоҳидаи онҳо метавонад мавзуи таҳқиқоти алоҳида вобаста ба самтҳои фаъолияти муассисаҳо бошад.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигорӣ ошкор менамояд, ки раванди дигаргунсозиҳо, ислоҳот ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ сохтани низоми маориф ва илми ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ то ҳадди зарурӣ дар адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор

гирифтаанд. Аз таҳқиқоти масъала маълум мешавад, ки воқеан истиқлоли давлатӣ барои тараққиёти ин самтҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ пойгоҳ ва иқтидори заруриро муҳайё сохта, сиёсати ҳадафмандонаи давлат барои сол ба сол зиёд шудани маблағгузории соҳа, ҳамқадами ҷаҳони муосир будани он ҳаматарафа мусоидат намудааст. Аз тарафи дигар, дастовардҳои назарраси соҳаҳои маориф ва илм дар навбати худ ба пешрафту инкишофи ҷумҳурии соҳибистиқлол таъсири бориз мегузоранд.

## 3.2. Дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ва инъикоси онҳо дар таърихнигории миллӣ

Дар давраи гузариш аз низоми шуравӣ ба бунёди давлати соҳибистиқлол, вазъи ноороми ҷомеа ва бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба ҳаёти фарҳангӣ ва вазъи умумии соҳа таъсири ниҳоят ҷиддӣ расониданд. Даҳҳо ва садҳо клубҳо, китобхонаҳо ва театрҳо баста шуданд, коллективҳои бадеӣ пароканда гардиданд, Тоҷикистонро шумораи зиёди арбобони фарҳанг, санъат ва илм тарк карданд.

Аз ин рӯ, ҷумҳурии соҳибистиқлолро зарур буд, ки дар як вақт ҳам ба барқарорсозии соҳа ва ислоҳоти сохтории он машғул гардад ва ҳам низоми қонунгузории соҳаро мутобиқ ба низоми қонунҳои байналмилалӣ гардонда, сиёсати марказонидашудаии давлатиро дар самти фарҳанг тарҳрезӣ намояд. Дар натиҷа, тадриҷан сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг бо қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ тарҳрезӣ гардид.

Меҳвари асосии сиёсати давлат ва Ҳукумати ҷумҳуриро дар самти

ҳаёти фарҳангӣ, пеш аз ҳама таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа, афкори эҷодию созандаи халқ, афзоиши ифтихори миллӣ, пойдории сулҳу субот, якпорчагию якдигарфаҳмӣ, мустаҳкамшавии худшиносии миллӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ташкил медиҳанд. Таъмини фаъолияти мураттаб ва пешрафти бахшҳои умдаи ҳаёти фарҳанӣг, ба вижа масъалаи тарбияи мутахассисони зарурӣ ва таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникии муасиссаҳои соҳа дар мадди аввал меистод.

Ба эътидол омадани вазъи дохилии ҷумҳурӣ, ба даст омадани сулҳу ваҳдат, ба анҷомрасии барқарорсозии хоҷагии халқ ва рӯ ба инкишоф ниҳодани ҷумҳурӣ зина ба зина ба беҳтаршавии вазъи ҳаёти фарҳангӣ мусоидат намуданд. Дигаргунсозии куллии соҳаи фарҳанг ва амали намудани барномаҳои давлатӣ, таъмини озодии воқеии демократӣ ва фазои мусоиди ҳуқуқӣ, амалишавии меъёрҳо ва арзишҳо дар шуур, ҷаҳонбинӣ, ақидаву андешаҳо, тасаввурот дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ тағйирот ба миён овварданд.

Дар давраи барои ҷумҳурӣ мураккаб ва ҳассос маҳз сиёсати оқилона ва босуботи давлат дар ҷодаи фарҳанг дар рушди ҷамъият, дар ташаккулёбии низоми арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқии миллӣ таъсири амиқ гузошт. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ташаккулёбии худогоҳии миллӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимми ин марҳалаи бунёди давлатдорӣ табдил ёфта, нақши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик муассир гардид. Маҳз дар ҳамин давраи мураккаб Ҳукумат кӯшиш мекард, ки ба фарҳанг ҳамчун силоҳи муҳимми идеологӣ такя намояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эълони барномаи идеологияи миллӣ аз минбарҳои баланд вазифаи ташаккули ҷамъияти бисёрфарҳангӣ, чандандешии этникӣ ва фарҳангиро таъкид карданд. Илова бар ин, таърихи халқи тоҷик низ, ки

Ҳукумати имрӯза ба он аҳаммияти хоса зоҳир менамояд, дар ин марҳалаи сарнавиштсоз нақши муассир гузошт. Бунёди муҷассамаҳои ёдгорӣ ба шахсиятҳои таърихӣ, ба монади Исмоили Сомонӣ, Нусратулло Махсум, Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, сохтмони осорхонаҳои нав, китобхонаҳо ва гузаронидани ҷашнҳо бахшида ба ёдбуди шахсиятҳои таърихӣ аҳаммияти бузург пайдо карданд. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ зикр намуданд: «Таҷлили ҳазору садсолагии давлати Сомониён, соли тамаддуни Ориёӣ, бузургдошти аҷдодон ба он равона шудааст, ки мо решаҳои худ, таърихи миллати хеш ва нақши аҷдодони худро дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ дарк намоем» [6].

Сиёсати давлат дар ҷодаи фарҳанг аз бисёр ҷиҳат фаъолияти қонугузории минбаъдаи давлатро дар ин соҳа муайян месохт. Воқеиятҳои фарҳангӣ ва ичтимоии нав дар ҷамъияти тоҷикон коркарди қонунҳои нави миллиро тақозо мекард. Дар даврони истиқлолият як қатор қонунҳои муҳим, консепсияҳо ва барномаҳо ба тасвиб расиданд, ки муносибатҳоро дар соҳаи фарҳанг муайян ва муназзам месохтанд. Дар давраи аз солҳои 1994 то имрӯз Парлумони Тоҷикистон зиёда аз 350 қонун ба тасвиб расонд, ки ба муназзам сохтани масъалаҳои иҷтимоии Тоҷикистон равона шудаанд. Вазъи умумии қонунгузорӣ бевосита дар соҳаи фарҳанг чунин ба назар мерасад: агар то соли 1994 ҳамагӣ як қонун дар ин самт қабул шуда бошад, пас дар давраҳои баъдӣ қариб 30 қонун, ки бевосита масъалаҳои фарҳангиро муназзам месохтанд ва қариб 20 кодекс, ки қисман ба ин масъалаҳо дахл мекарданд, ба имзо расиданд. Комёбии бузург дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», ки 13 декабри соли 1997 аз тарафи Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, мебошад. Қонуни мазкур чаҳорчӯбаи истифодаи асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фарҳанг, ҳуқуқҳои фарҳангии ҳар шаҳрванд, ҳуқуқи ҳифз ва ҳимояи арзишҳои миллии фарҳангӣ, мафҳуми мероси фарҳангии халқи тоҷик ва вазифаҳои мақомоти давлатиро дар ин самти муҳимми ҳаёти ҷомеа муайян менамояд [215, с.211].

Масоили рушд ва амалкарди фарҳанг бисёрҷабҳа буда, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин самт пеш аз ҳама асару мақолаҳо ва баромадҳои сардори давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо масоили умдаи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз давраҳои қадим то имрӯз хеле возеҳ инъикос гардидаанд, бояд махсус таъкид кард [12]. Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар мулоқот бо зиёиёни кишвар чунин қайд кардаанд: «Ба шарофати соҳибистиқлолӣ мо дар самти ҳифзу нигаҳдории мероси фарҳангии халқи куҳанбунёдамон тамоми тадбирҳои имконпазирро андешидем ва дар даврони начандон тӯлонӣ ба эҳё кардану таҳким бахшидани асолати миллӣ, забон ва фарҳанг, ки рукнҳои асосии давлатдорӣ мебошанд, муваффақ гардидем. Фарҳанги миллии мо заминаҳои устувор дошта, бо таъриху анъанаҳои қадима ва гуногунрангиву хусусиятҳои хоси худ, аз ҷумла осори хаттии нодир, мусаввараҳои камназир, мусиқии «Шашмақом», «Фалак» ва садҳо дастоварду падидаҳои дигари ҳунару адаб имрӯз дар ҷаҳон машҳур аст. Ин мероси пурғановати миллиро ҳифз кардан ва таъмин намудани рушди минбаъдаи он вазифаи на танҳо давлат, балки қарзи виҷдониву инсонии ҳар як фарди соҳибфарҳанги кишвар, махсусан,

зиёиён мебошад» [2].

Дар як муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи санадҳои муҳиммеро доир ба ҳаёти фарҳангӣ қабул намуд, ки дар заминаи онҳо барои эҳё, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ дар ҷумҳурӣ фазои мусоиди меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам омад. Муҳимтарин ва санади асосии амалкунанда ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» [17] мебошад, ки самтҳои асосӣ, роҳҳои истифодаи арзишҳои фарҳангӣ ва фаъолияти фарҳангии ҷумҳуриро таъмин менамояд. Аз ҷумла, тибқи моддаи 5 қонуни мазкур ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳуқуқ дорад аз дастовардҳои фарҳанги миллӣ озодона истифода намуда, аз рӯи шавқу рағбат ва қобилияти худ ба ягон намуди фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайрикасбӣ машғул гардад. Салоҳият ва вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 15-и қонуни мазкур дарҷ ёфтааст, ки он аз муайян ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ, таъминоти молиявию иқтисодии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, таъсис ва фаъолияти муассисаҳои фарҳангии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ба роҳ мондани маблағгузорӣ ва мусоидат ба инкишофи заминаи моддиву техникии онҳо иборат мебошад [17].

Яке аз бахшҳои муҳимми фарҳанг ин санъати театрӣ мебошад, ки тавассути он таъриху тамаддун, арзишҳои фарҳангии миллӣ ва ҳаёти муосири моро инъикос менамояд. Фаъолияти театрҳо дар ҷумҳурӣ тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (2 декабри соли 2002, таҳти №80) танзим мегардад [24].

Дар қонуни мазкур принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи театр ва фаъолияти театрӣ муқаррар карда шудааст. Ин, пеш аз ҳама таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар самти эҷод, ҷалб намудани шаҳрвандон ба дарки зебоипарастию моҳияти ҳунармандӣ, баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокӣ, шинохтан ва арҷгузории

истеъдодҳо ва масъулияти муҳайё намудани шароити мувофиқ баҳри ошкор намудани он мебошад. Инчунин, дар ин санад фаъолияти мустақилонаи театрҳо ва иттиҳодҳои театрӣ, дастгирии давлатии онҳо, робитаи театрҳои ватанӣ бо театрҳо ва марказҳои ҳунарии ҷаҳонӣ муайян карда шудааст. Дар қонуни мазкур, инчунин ба таври амиқ пояҳои ҳуқуқии шакл ва усулҳои дастгирии театрҳо, муҳайё намудани шароити зарурӣ барои пешрафти фаъолияти театрӣ, зиёд намудани шумораи театрҳо, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии онҳо, усулҳои асосии интихоби репертуар ва дигар самтҳои ҳаёти театрии ҷумҳурӣ муқаррар шудаанд.

Бо мақсади танзими ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30 декабри соли 2005, таҳти №501) [201] қабул гардидааст. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон санади барномавӣ буда, самтҳо ва шаклҳои фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва ҳадафи асосии сиёсати давлатиро дар як давраи муайян муқаррар менамояд. Аз ҷумла, дар санади мазкур таъкид мешавад, ки имконоти воқеии соҳибихтиёрии миллӣ-фарҳангӣ, эҳё ва пешрафти ҷараёнҳои асосӣ, шаклҳо ва намудҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти фарҳанги ҷумҳурӣ танҳо дар пояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, анъанаҳои фарҳангии аз озмоиши таърихӣ гузашта, ба вуқуъ меояд.

Баробари консепсия барномаҳои гуногуни давлатии рушди самтҳои алоҳидаи фарҳанг, сохтмон, таъмир ва ҷиҳозонидани муассисаҳои фарҳангӣ, баргузории ҳамоишу чорабиниҳои гуногунсамта дар татбиқи сиёсати муқаррargardidai давлатӣ ҳамаҷониба мусоидат менамоянд.

Истиқлоли давлатӣ ба пешрафти театр, тағйир ёфтани мавзуъ ва

мундариҷаи фаъолияти он таъсири мусбат расонид. Вобаста ба ҳадафи эъмори давлати миллӣ театрҳои ҷумҳурӣ бештар ба масъалаҳои таърихӣ, таҳкими ҳотираи таърихӣ ва вусъати ифтихори миллӣ, худшиносӣ рӯй оварда, симои тоза худро муррифӣ намуданд.

Театри тоҷик низ мисли дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар солҳои нооромӣ хисороти ҷиддӣ бардошт ва маблағгузории он то ба ҳадди поёнтарин коҳиш ёфт. Масалан, соли 1991 барои соҳаи фарҳанги ҷумҳурӣ ҳамагӣ 77,9 млн рубли шуравӣ ҷудо гардид, ки он 1,6% буҷаи умумии давлатиро ташкил медод. «Пояи сусти маблағгузорӣ боиси он шуд, ки баъзе гурӯҳҳои эҷодӣ тарки касб намоянд, як қисми дигар ба хориҷи ҷумҳурӣ раванд ва дар натиҷа шумораи умумии кормандони соҳаи фарҳанг соли 1993 нисбат ба соли 1990 то 20% кам гардид. Музди меҳнати онҳо бошад аз ҳадди миёнаи маоши ҷумҳурӣ ҳам поёнтар буд» [74, с.10].

Ба пешрафти соҳа қабули «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010» [20], ки дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи маориф», «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ», Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фарҳангу ҳунар таҳия гардида буд, таъсири муассир расонид. Аз ҷумла, тибқи гузориши расмии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тавассути «барномаи махсуси давлатӣ таҳсили 167 нафар ҷавонон аз рӯи 57 ихтисоси эҷодӣ ва фаннӣ дар хориҷи кишвар ба муддати 4 сол ба нақша гирифта шуда, факултаи такмили ихтисоси соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр аз рӯи 7 самт дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода кушода шуд» [187, в.4].

Дар ҳамин давраи барои ҷумҳурӣ мураккаб ва ҳассос маҳз сиёсати оқилона ва босуботи давлат дар ҷодаи фарҳанг дар рушди ҷамъият, дар ташаккулёбии низоми арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқии миллӣ таъсири амиқ гузошт. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ташаккулёбии худогоҳии миллӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимми ин марҳалаи бунёди давлатдорӣ табдил ёфта, нақши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик муассир гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ фарҳангро ҳамчун силоҳи муҳимми идеологӣ истифода намуда, барномаҳои фарҳанги миллиро муаррифӣ намуда, вазифаи ташаккули ҷомеаи фарҳангии бисёрсамтаю гуногунандеширо дар аввал гузоштанд. Ба ин хотир барномаву чорабиниҳои зиёд дар пояи арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанг, чеҳраҳои мондагор, ҳаводису марҳалаҳои сарнавиштсоз татбиқ ёфтанд. Гузоштани муҷассамаҳои шахсиятҳои таърихӣ (Исмоили Сомонӣ, Нусратулло Махсум, Абуабдулло Рӯдакӣ, Фирдавсӣ), сохтмони осорхонаҳои нав, китобхонаҳо ва гузаронидани ҷашнҳо бахшида ба ёдбуди шахсиятҳои таърихӣ аҳаммияти бузург пайдо карданд. «Таҷлили ҳазору садсолагии давлати Сомониён,-таъкид менамоянд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - Соли тамаддуни Ориёӣ, бузургдошти аҷдодон ба он равона шудааст, ки мо решаҳои худ, таърихи миллати хеш ва нақши аҷдодони худро дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ дарк намоем» [3].

Таҳқиқ ва омӯзиши раванди рушди ҳаёти фарҳангӣ дар маҷмуъ, самтҳои гуногуни он дар алоҳидагӣ пайваста дар мадди назари муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ қарор гирифтааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки пажӯҳандагон ҳамеша ҳамчун дастур ва роҳнамо асару мақолаҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо масоили умдаи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз даврaҳои қадим то имрӯз хеле возеҳ инъикос гардидаанд[7],

истифода менамоянд.

Дар асарҳои бунёдии дастаҷамъона роҷеъ ба таърих ва таърихи фарҳанги Тоҷикистон [69], таҳқиқоти маҷмӯии олимони шинохтаи самти таърих ва фарҳанг М. Ким [77], М.Шукуров [173], Р. Масов [90], инчунин асарҳои алоҳида ва мақолаҳои Р. Абулҳаев [88], Н.Нурҷонов [121], Т. Каширина [199], З.Богуманова [47] низ паҳлуҳои гуногуни сохтмони мадании давраи охири шуравии Тоҷикистон ва замони соҳибистиқлолӣ баррасӣ гардидаанд. Махсусан, дар асари бунёдии шашҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» [67] ба инъикоси раванди рушд ва дастовардҳои фарҳангии замони соҳибистиқлолӣ бештар таваҷҷуҳ дода шудааст.

Таҳқиқоти алоҳида роҷеъ ба фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол ба олими ҷавон Р.Н. Каримова [74] мутааллиқ аст. Дар он муаллиф махсусиятҳои таҳаввулоти фарҳангии Тоҷикистонро дар даврони истиқлол баён намуда, анъанаҳои нави рушди фарҳанг ва санъат, инчунин нақши ҷомеаи ҷаҳониро дар рушди босуботи фарҳанги ҷумҳурӣ таҳқиқ ва баррасӣ намудааст. Таҳлили таърихнигории мавзуъ аз ҷониби С.Акрамова [40] ба анҷом расидааст, дар он муаллиф бо вуҷуди васеъ будани майдони таҳқиқот (солҳои 1946-2015), тавонистааст, ки тамоми маводи нашршударо доир ба ба санъати мусиқии даврони истиқлолият, аз ҷумла рушди санъати мусиқии «Шашмақом», «Фалак», санъати мусиқии эстрадӣ, эҷодиёти бастакорони Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор диҳад.

Дар таҳқиқи масоили марбут ба театри имрӯзаи тоҷик монографияи М. Табаров [150], инчунин дар омӯзиши маълумоти омории ҳаводиси фарҳангӣ маҷмӯаи «Фарҳанг ва истиқлол» [162] -ро, ки ба муносибати ҷашни 20-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, қайд кардан бамаврид аст.

Ҷанбаҳои гуногуни фарҳанг ва санъати Тоҷикистони

соҳибистиқлол дар маҷмӯаҳои бисёрқисмаи «Очеркҳои назария ва таърихи фарҳанг ва санъати халқи тоҷик», ки дар онҳо масоили мубрами санъати мусиқӣ, тасвирӣ ва театрӣ, синамо ва меъморӣ дар мақолаҳои Э.Гейзер [188], Л.Додхудоева [191], С.Раҳимов [228], Р.Муқимов [219], М.Табаров [151] ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Дар омӯзиши фарҳанги минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳаққиқони Россия ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла С.Абашин [303]. П.Шоземов [247]. А.Капаева [73], Ж. Урманбетова ва С. Абдрасулов [157] низ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, дар асарҳои хеш махсусиятҳо, анъанаҳо ва рушди босуботи фарҳанги Тоҷикистон дар даврони истиқлолиятро таҳқиқу баррасӣ намудаанд.

Ба масоили рушди санъати театрӣ, тасвирӣ, мусиқӣ ва синамои давраи пасошӯравӣ бобҳои алоҳида дар таҳқиқоти монографии Н. Нурҷонов [120], Л.Додхудоева [59], Б.Қобилова [70], Ш. Арабова [43] ва дигарон бахшида шудаанд.

Дар даврони истиқлолият таҳқиқоти зиёд дар мавриди омӯзиши фолклор ва мардумшиносии тоҷикон ба анҷом расид, ки дар таҳқиқи фарҳанги халқи тоҷик асоси таркибӣ маҳсуб меёбанд. Маводи фаровон, ки пойсутуни таҷрибавии илмро таркиб дода, дар натиҷаи таҳқиқоти саҳроии охири асри XIX ва асри XX гирдоварӣ шудаанд, асоси таълифотеро чун «Санъати халқии Помир» [92], «Санъати халқии Тоҷикистон» [91], «Санъати мусиқии Помир» [75] ташкил доданд.

Таърихи пайдоиш, асосҳои назариявию амалии мусиқии мардумии тоҷикон «Фалак», хусусиятҳои хоси он ҳамчун падидаи беназир дар мусиқии анъанавии тоҷикон, инчунин мақом ва фалак ҳамчун падидаи эҷодиёти касбии анъанавии мусиқии тоҷикон дар таълифоти бешумори Ф. Азизӣ [182] мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Дар ин самт инчунин маҷмӯаи «Гулчине аз гулзори «Фалак» [119] ва дигар

асарҳои таълифшуда накши муҳимро соҳиб мебошанд.

Раванди омода намудани муттахассисони соҳаи санъати мусиқии тоҷикон ба воситаи низоми маълумоти касбии мусиқӣ ва масоили рушди он дар Тоҷикистон дар таҳқиқоти Ф. Азизӣ [181], Ҳ.Муъминова [275] Г.Муҳаббатова [277], Б.Ниёзов [222, с.33-34], И.Стрех [235, с. 157-159], Ф. Ӯлмасов [238], С. Худойбердиев [242], М.Юлдошева [175], китоби дарсии «Адабиёти мусиқии тоҷикон» [218] ва ғ. таҳқиқ гардиданд.

Доир ба мавзуи таҳқиқотии мазкур, бахусус хусусияти эҳёи анъанаҳои мусиқинавозии миллӣ, баъзе унсурҳои услуби педогогии омодасозии муттахассисони созию овозӣ дар таълифоти А. Абдурашидов, С.Худойбердиев, Ф.Ӯлмасов, Б.Ниёзов ва мусиқишиноси фаронсавӣ Ж.Дюринг [176] ва дигар маводи арзишманди илмӣ мавҷуданд. Масоили маълумоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаи И. Стрех [235] низ таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Таърихи ташаккулёбии санъати мусиқии касбии тоҷикон, ҷанбаҳои гуногун ва масъалаҳои фарҳанги мусиқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таърихи эҷодиёти касбии мутрибони Тоҷикистон дар таълифоти Ф.Азизӣ [180], С.Х. Акрамова [250], Ж.Дюринг [193, с.17-19], А.Д.Зубайдов [63], Б.Т.Қобилова [267], Д.А.Рустамов [288], Б.А.Саидкаримов [290], Л.Ҳасанов [296], силсилаи «Ҳаёти мусиқии Тоҷикистон Шуравӣ» [99] ва ғайраҳо таҳқиқ шудаанд.

Таърихи ташакулёбӣ ва рушди санъати опера ва балет дар Тоҷикистон ва масъалаҳои раванди умумии инкишофи ин жанр дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Н.Нурҷонов [120], Д.Алимова [183], А.Низомов [233], Б.Қодирова [197], Ш.О. Мирзоева [97] мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Асарҳои оҳангсозони Тоҷикистон, пайдоиш ва инкишофи мусиқии симфонии тоҷик, мусиқии созӣ ва дигар паҳлуҳои мактаби оҳангсозии Тоҷикистон дар таълифоти Э.Р. Гейзер

[189], Е.Орлова [129], Л.Назарова [113], А.Д.Зубайдов [195], Б.Т. Қобилова [70], китоб - донишномаи «Оҳангсозон ва мусиқишиносони Тоҷикистон» [78], маҷмӯи мақолаҳои «Зиёдулло Шаҳидӣ ва суннатҳои бадеии мусиқии тоҷикон» [62] инъикос ёфтаанд.

Таърихи ташаккул ва рушди санъати театрӣ ва мусиқии Тоҷикистон ва масоили ҳалталаби он дар таҳқиқоти А.Мороз [98], Н.Нурҷонов [122], И.Волчков [155], Л.Н.Демидчик [57], Б.Қодирова [198], М. Қурбонов [269], Г.М. Маҳкамова [272], М.С.Табаров [293], З.Тоҷикова [236], Б. Хуррамова [243] ва дигарон низ баррасӣ гардидаанд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ин тадбирҳои мушаххас ва чораҷӯиҳо дар роҳи ҳифз ва нигаҳдошти мероси таърихию фарҳангӣ мебошад, ки бевосита таҳти сарпарасти Президеннти Ҷумҳуурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Доир ба ин самт низ асаруу мақолоти зиёде аз тарафи муҳаққиқони соҳаи таърих ва фарҳангшиносӣ таълиф шудаанд. Масалаан, муҳаққиқон Н. Назаршоев ва Р. Каримова [115] ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, таъкид менамоянд, ки «дар солҳои 90-уми асри гузашта ёдгоориҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик ҳолаати изтиробангез доштанд. Ба андешаи ин муаллифон дар замони шуравӣ бо дастгирии роҳбарияти ҷумҳурӣ Ҷамъияти ҷумҳуриявии муҳофизати ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ташкил ёфта буд, ки корҳои муҳимро анҷом медод. Дар солҳои ноороми ин ҷамъият ва сохторҳои он наздики 1,5 млн. доллари амрикоӣ зарари моддӣ дидаанд» [115, с.275]. Қадами ҷиддӣ дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ ин қабули қонун «Оид ба ҳифз ва истифода намудани иншооти мероси тарихӣ-фарҳангӣ» (аз 8 феврали соли 2006) маҳсуб меёбад, ки вазифаи асосии он мураттаб намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муҳофизат ва истифодаи осори мероси таърихию фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ буд [115, с.276].

Муаллифони зикршуда ба масъалаи муҳофизат ва нигаҳдошти мероси таърихӣ таваҷҷуҳ намуда, зина ба зина таҳкимёбии сиёсати давлатиро дар ин самт, шомилшавии ҷумҳуриро ба ниҳодҳои ҷаҳонии ҳимояи мероси таърихию фарҳангӣ, ҳамкории ҷиддӣ ва муфиди ҷумҳурӣ бо ЮНЕСКО, ИСЕСКО ва дигар давлату ташкилотҳоро таҳлил намудаанд. Ҳамзамон, бо ташаббус ва дастури бевоситаи Пешвои миллат ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид намудани мероси моддию маънавии ҳалқи тоҷик, аз ҷумла «Шашмақом» (2003), ҷашни Наврӯз (2010), шаҳри аҳди биринҷии Саразм (2010) ва дигар робитаҳоро тасвир намуда, муаллифони мазкур ба тарзи муфассал доир ба ҷашнвораҳои бузурги дар ҳамкорӣ бо ин ташкилоти бонуфуз баргузоргардида, маълумот додаанд [115, с.278-280].

Масъалаҳои умумии рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар асарҳо ва таълифоти дигар, аз ҷумла китобҳои «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [130], «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [86], Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. [128], «Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолият» [291], Табаров М. [149], ки доир ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи арзишманд маҳсуб меёбанд, маълумоти зиёд дастрас кардан мумкин аст.

Донишномаҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла «Кӯлоб. Энсиклопедия» [79], «Энсиклопедияи Фархор» [174] ва таълифоти илмӣ-оммавии муаллифони гуногун ба мисли Шерхон У. [171], Содиқов Р. [147], Абдулзод А. [28], Муҳаммадалӣ Ф. [100], Сабзаев С., Муродиён Ҳ. [141], Асоев Н., Абдуназаров Х. [44], Кабутов З., Махсумов М.[71] низ доир ба ҳаёти фарҳангӣ дар минтақаҳо, эҷодкорони маҳаллӣ ва муассисаҳои фарҳангии онҳо метавонанд барои муҳаққиқон ҳамчун манобеи иловагӣ хизмат намоянд. Аз ҷумла, дар энсиклопедияҳои Кӯлоб ва Фархор оид

ба марказҳои таълимӣ, илмӣ, адабӣ ва ҳунарии минтақа, инчунин зиндагиномаи аҳли илму адабу ҳунар маводи муфид гирдоварӣ шудааст. Дар китоби Ф. Муҳаммадалӣ маълумоти мушаххас оид ба Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи давлатии энергетикӣ, Коллеҷи омӯзгорӣ, Коллеҷи тиббӣ ва дигар муассисаҳои таълимию фарҳангии шаҳри Бохтар, инчунин рӯзномаи «Набзи Қӯрғонтеппа», радио ва телевизиони вилоят, маҳфили адабии «Гулбарг», Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба номи Ато Муҳамадҷонов ва дигар ёдгориҳои таърихию фарҳангии шаҳри Бохтар гирдоварӣ шудаанд.

Таърихи омӯзиши муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ дар охири замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ низ диққати фарҳангшиносон, муаррихон, иқтисодчиён, файласуфон ва намояндагони дигар самтҳои илмро ба худ ҷалб намудааст. Дар заминаи таълифоти ба миёномада метавон доир ба ҳолати муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ маълумоти муфассалро ба даст овард. Аз ҷумла, дар рисолаи Б. Ғафуров «Аз таърихи ташаккулёбии муассисҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [262] таъсисёбӣ ва рушди муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар замони шуравӣ ва ҳолати ин муассисаҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ инъикос ёфтааст. Дар рисолаи Г. Нуров «Ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти осорхонаҳо дар Тоҷикистон (солҳои 30 –юми асри XX ва аввали асри XXI)» [279], таърихи ташкилёбии осорхонаҳои таъриху кишваршиносӣ, осорхонаҳои соҳавӣ, осорхона – мамнуъгоҳҳо ва хона – осорхонаҳои Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масоили маҷрои умумии рушди фарҳанги ҷумҳурӣ ва самтҳои алоҳидаи онро метавон дар як қатор асарҳои дигар, аз қабили «Фарҳанг ва истиқлолият» [80], «Ним асри тарбияи завқ» [145], «Даргоҳи ҳунар» [161], «Савти фалак ва фалаки Давлатманд» [29], «Фалак» [54], «Сайдалӣ

Вализода» [167], «Одина Ҳошим» [81], «Арғуштгари оташниҳод» [82], «Фарҳанг ва санъати Муъминобод» [124], «Фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [74], «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара» [72], «Банақшадарорӣ, бақайдгирӣ, ҳисобот ва иҷроиши назоратӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ» [134] ва амсоли инҳо метавон дарёфт кард. Мақолаҳои зиёди матбуоти даврӣ низ ба инъикоси паҳлуҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ё самтҳои ҷудогонаи он бахшида шудаанд, ки ба мисли намуна метавонем аз таълифоти муаллифони алоҳида, ба мисли А. Раҷабов, А. Умаров, М. Юсуфов, С. Сулаймонӣ, Ҷ. Шерматов, Г. Нуров, А. Шарипов, М. Маҳмадова, М. Азизов, З. Иброҳимов, Г. Нуров, С. Муҳиддинов, С. Шосаидов, К. Бӯриев, К. Афғонов [225] ёдовар шавем.

Муҳаққиқони асарҳои илмӣ ва маллифони мақолаҳо дар маҷрои таҳқиқоти хеш асосан ба маълумоти дастраси Вазорати фарҳанг, пеш аз ҳама ҳисоботҳои солонаи он, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (13 декабри соли 1997, таҳти № 519) [17], «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» [16], Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» [24], «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ»[18], «Дар бораи ҳунарҳои бадеӣ - халқӣ»[23], «Дар бораи фаъолияти косибию ҳунармандӣ» [18], ««Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», [19] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» [22] ва «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» [186] такя менамоянд. Воқеан ин санадҳои муҳимми танзимкунанда барои рушди фарҳанги муосири Тоҷикистон, беҳтар намудани фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фароғатии аҳолӣ тавонистанд шароити заруриро фароҳам оваранд.

Санади муҳимми дигар, ки ба рушди соҳаи фарҳанг мусоидат

намуд ин «Консепсия рушди фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабри соли 2005 таҳти № 501 қабул гардида буд [201, с.32]. Маҳз дар заминаи консепсияи мазкур дар давоми 10 соли охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимии фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010», «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010» [308], «Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2015» [185], «Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» [304], «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020»[305], «Барномаи рушди санъати касбии тоҷик барои солҳои 2012 -2020», «Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳангии ғайримодии халқи тоҷик барои солҳои 2013 - 2020» [306], «Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019» [309], «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» [307] таҳия ва қабул карда шуданд. Ин барономаҳо баҳри танзим ва беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва рушди минбаъдаи онҳо хеле таъсири муассир гузоштанд.

Воқеан, Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як барномаи муназзами пешбарандаи неруи фарҳангии ҷомеаи муосири ҷумҳурӣ, мақсадҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, талаботи табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба ниёзҳои маънавӣ, намудҳо ва шаклҳои

фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ мебошад. Ҳамзамон, дар ин санади муҳимми замони соҳибистиқлолӣ феҳристи шаклҳо, усулҳо ва самтҳои татбиқшавандаи барнома ва лоиҳаҳои инкишофи фарҳанг, фаъолияти амалии муассисаҳои соҳа, роҳҳои асосии танзими чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ, сохторҳои асосии соҳа ва дигар ҷанбаҳо ба шакли мушаххас инъикос ёфтаанд.

Соҳибихтиёрии фарҳангии миллӣ, эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ, шаклҳо ва намудҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ танҳо дар омӯзиши ҳолат ва азнавзиндашавии суннатҳо, одатҳо, эҷодиёти бадеӣ ва касбу ҳунарҳои мардумӣ низ зарур мебошад, зеро маҳз тавассути он арзишҳои миллиро аз насл ба насл интиқол додан мумкин аст [203]. Консепсияи рушди фарҳанг пайваста тавассути пай дар пай татбиқ намудани он амалӣ мегардад ва маҳз дар заминаи ҳамин консепсия барномаҳои дигари давлатии рушди соҳаҳои фарҳанг ва санъат тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешаванд. Дар Консепсияи рушди фарҳанг таъкид шудааст, ки «ташаккул ва инкишофи ниёзҳои зебописандии аҳолӣ шарти асосии рӯҳи тоза пайдо кардани санъати театрӣ ва умуман фарҳанг мегардад» [245].

Дар маҷмуъ, таҳлили таърихнигории масъалаи мавриди таҳқиқ нишон медиҳад, ки муҳаққиқону муаллифон тавонистаанд дар таҳқиқоти худ раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолиро бо самтҳою паҳлуҳои гуногунаш инъикос намоянд. Ба андешаи аксарияти пажӯҳандагон манобеи асосии рушди фарҳанг, пеш аз ҳама дар сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нуҳуфта буда, маҳз дастгирии ҳамаҷонибаи моддию маънавии роҳбарияти олии кишвар боиси пешрафти босуръати ҳаёти фарҳангӣ дар замони соҳибистиқлолӣ

мебошад. Маҳз дар натиҷаи чунин сиёсати фарҳангпарварона раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ бо як суръат ва вусъати баланд ба вуқуъ омада истода, раванди markaznavэҳёшавии унсурҳои зиёди фарҳанги аҷдодӣ, ки бо фишору таъсири замона ба фаромӯшӣ рафта буданд ва ё дар ҳолати нестшавӣ буданд, ибтидо гирифт. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёре аз унсурҳои волои мероси моддию маънавии фарҳангии халқи тоҷик ба феҳристи сарвати фарҳангии ҷаҳонӣ ворид гардиданд.

## 3.3.Инъикоси равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ

Дар баробари таҳлили раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ масъалаи равобит ва ҳамкориҳои фарҳангии кишвар дар солҳои истиқлоли давлатӣ бо кишварҳои хориҷӣ яке аз самтҳои ҷолиби таҳқиқшаванда барои муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ, бахусус пажӯҳандагони самти илмҳои таърих маҳсуб меёбад. Махсусан дар ин самт таҳқиқоти илмии М.Наимов ва А.Сатторов «Россия ва Тоҷикистон» [117], Ҳ.Пирумшоев ва М. Маликов «Россия ва Тоҷикистон: таърихи муносибатҳои байниҳамдигарӣ» [133], Н.Мирзоев «Ҳамкориҳои гуманитарии Россияю Тоҷикистон» [216] ва П.Пирназарова «Россия ва Тоҷикистон: уфуқҳои ҳамкориҳои таърихӣ дар соҳаи фарҳанг» [224] хеле ҷолиб мебошанд. Ин муҳаққиқон асосан ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, Н.М. Мирзоев дар як мақолаи худ таъкид мекунад, ки «дар раванди ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия робитаҳои гуманитарӣ мавқеи хосса доранд. Пояи ҳуқуқии ин робитаро

шартнома миёни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи фарҳанг, илм ва техника, иттилоот, варзиш ва саёҳӣ, ки аз 19 сентябри соли 1995 баҳри нигоҳдошти фазои ягонаи илму маориф, фарҳанг ва гуманитарӣ миёни ин кишварҳо имзо шудааст, ташкил медиҳад» [216].

Ба андешаи ин муаллифон маҳз дар пояи ҳамин шартномаи ҳамкорӣ муносибатҳои муштараки фарҳангии Тоҷикистону Россия вусъати тоза пайдо намуда, имконият дод, ки мунтазам даҳаҳои фарҳанг ва адабиёт ва муаррифии дастовардҳои фарҳанги ин ду кишвар дар давоми солҳои 1997, 1999, 2004, 2005, 2008, 2014 ва 2016 баргузор гарданд.

Ба андешаи Н.М.Мирзоев Федератсияи Россия, пеш аз ҳама бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи санъати театрӣ ва синамо ҳамкориҳои густурда дошта, шумораи зиёди ҷавонони ҷумҳуриро барои таҳсил дар макотиби олии олии самти фарҳанг ва санъат ҳамасола қабул менамояд [216, с.48].

Робитаҳои васеи Тоҷикистону Россия дар самти синамо ва санъати театрӣ дар мақолаи П.А.Пирназарова «Тоҷикистон – Россия: уфуқҳои ҳамкории таърихӣ дар соҳаи фарҳанг» [224] мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифи мазкур таъкид менамояд, ки «ҷанги шаҳрвандӣ боиси бухрони шаддиди синамои тоҷик дар охири асри XX гардид, чеҳраҳои зиёди шинохтаи он, аз ҷумла В.Аҳадов, Б.Содиқов, Б. Худоназаров, М. Юсупова, П. Аҳмадов, Ҷ. Усмонов, С. Солиев, М. Қосимова, Ҷ. Мансуров, Ф. Абдуллоев, Р. Аҳадов ва дигарон иҷборан ҷумҳуриро тарк намуданд» [224, с.66]. «Тоҷикфилм», ки дар замони шуравӣ яке аз марказҳои шинохтаи истеҳсоли филмномаҳои сатҳи гуногун буд, аз фаъолият пурра боз монд, пояи моддию техникии худро аз даст дод. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳолати ба миён омада нигаронии намуда, ҳангоми вохӯрӣ бо зиёиёни ҷумҳурӣ 20 марти соли 2001 онро зери танқиди шадид гирифта, аз Ҳукумати ҷумҳурӣ ислоҳ намудани он ва барқарор намудани иқтидори пешинаи синамои тоҷикро талаб кард. Ба андешаи П.А.Пирназарова танҳо баъди ташкил ёфтани киностудияҳои ғайридавлатӣ, ки аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бархӯрдор буданд ва ҳамкории онҳо бо ширкатҳои синамои Россия, аз ҷумла «Ввыс» рушди минбаъдаи синамои тоҷик имконпазир гардид [224, с.67]. Муаллифи мазкур тавонистааст дар заминаи таҳқиқоти худ давраҳои асосии рушди синамои тоҷикро дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои синамоии Россия муайян намуда, ширкати синамогарони ҷумҳуриро дар фестивалҳои байналмилалӣ умумироссиягӣ дар давоми 20 соли ҳамкорӣ таҳлил карда, соҳиби ҷоизаҳо шудани ҳунармандони тоҷикро инъикос намояд. Вусъат ёфтани робита ва ба роҳ мондани ҳамкории муназзами муштарак бо марказҳои Россия ва дигар шарикони хориҷӣ ба пешрафти санъати кинои ҷумҳурӣ мусоидат намуданд ва дар як муддати кӯтоҳ филмҳои истеҳсоли ҷумҳурӣ на танҳо дар ҳамоишҳо ва фестивалҳои кишварҳои собиқ шуравӣ, инчунин дар як қатор кишварҳои хориҷи дур низ ширкат намоянд ва ба дарёфти ҷоизаҳои ифтихорӣ шарафёб гарданд.

Самти муҳимми дигари робита ва ҳамкорӣ байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Россия ин таълиму тарбия ва омода кардани кадрҳои соҳибтахассус мебошад. Ин масъала, пеш аз ҳама дар асарҳои муҳаққиқон В.В. Дубовитский [192] ва Н.М. Мирзоев [216] инъикоси худро пайдо намудааст. Пажӯшгарон оғози ҳамкориҳои ҳаматарафаи Тоҷикистону Россия дар соҳаи маорифро аз соли 1996, аз ташкилёбии Донишгоҳи славянии Россияю Тоҷикистон меҳисобанд. Донишгоҳи мазкур дар айни ҳол яке аз мактабҳои калони низоми маорифи ҷумҳурӣ

буда, дорои 4 ҳазор донишҷӯ аст ва аз рӯи 13 ихтисос мутахассис омода менамояд[216, с.48].

Ҳамкориҳо пайваста ва робитаи зич байни ин ду давлати соҳибихтиёр боиси боз ҳам васеътар гардидани ҳамкориҳо гардида, барои зиёд шудани шумораи мактабҳои олии муштарак ва кушода шудани филиалҳои макотиби олии Россия дар Тоҷикистон гардиданд. Аз ҷумла, пас аз ДСРТ дар ҷумҳурӣ филиалҳои донишгоҳҳои калони Россия, ба монанди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, Донишгоҳи технологии «МИСИС», Донишкадаи энергетикии Москва кушода шуданд.

Масъалаи ҳамкории фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари ҳамсоя, Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Дар ин самт метавон дар баробари асарҳои умумии доир ба равобити хориҷа ва таърихи дипломатияи тоҷик бахшидашуда, аз корҳои илмии Раҳмонзода А.А. «Робитаҳои адабию фарҳангии халқҳои тоҷик ва ӯзбек» [139], Ҳасанов Ш. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон-марҳилаи нави густариши ҳамкориҳо» [124], Имомалиева Р.М. ва Зубайдуллоев С.Х. «Таҳкими муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони соҳибистиқлолӣ (1991-2021)» [65] ёдовар шуд. Махсусан дар рисолаи охир дар асоси маводи матбуоти даврӣ ба таври муфассал доир ба ҳамкориҳои фарҳангии муштараки ин ду ҷумҳурии ҳамсоя маълумот дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки «ҳамкориҳои фарҳангӣ баҳри устувории ҳаёти сиёсиву иқтисодии ҷомеа нақши мусоид гузошта, муаррифгари таъриху анъанаҳои миллии ҳар як халқ миллат мебошанд» [65, с.41]. Дар ин ва дигар асарҳо нақши боризи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар беҳтар ва сифатан тағйир

ёфтани муносибат ва ҳамкориҳои ин ду ҷумҳурӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, қайд мегардад, ки «аз соли 1992 то соли 2021 миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон 111 созишнома, аҳднома, қарордод ба имзо расидаанд, ки ҳамкориҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангиро фаро мегиранд» [65, с.7].

Инкишофи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Туркманистон дар замони соҳибистиқлолӣ низ дар таълифоти ҷудогонаи муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, мақолаи муҳаққиқи ҷавон Ҳ.Ш. Аминов дар мақолааш «Инкишофи босуръати робитаҳои фарҳангӣ байни Туркманистон ва Тоҷикистон дар замони муосир» ба шакли муфассал ба таҳлили мавзуъ машғул шуда, хулоса менамояд, ки робитаҳои фарҳангии ин ду кишвари мустқил дар соҳаи фарҳанг, илм ва маориф дар замони соҳибистиқлолӣ бомуваффақият рушд карда, омили асосии бо ҳам боз ҳам наздикшавии халқҳои тоҷику туркман, таҳкими дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум байни онҳо гардидаст.

Робитаҳо ва ҳамкориҳои пайвастаи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо ва кишварҳои хориҷи дуру наздик дар асарҳое, ки ба таҳлилу таҳқиқи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ дар замони истиқлоли давлатӣ бахшида шудаанд, рисолаҳо ва мақолаҳое, ки ба инъикоси накши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати мустақилонаи хориҷии ҷумҳурӣ равона шудаанд, низ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар ин самт таҳлили равобити фарҳангӣ ва ҳомкоррии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон аз мадди назари муаллифон дур намондааст. Муаллифи асари «Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ» З. Сайидзода ба равобити илмию фарҳангии ин ду

кишвар таваҷҷуҳ намуда, ҳамкорӣ дар ин ҳавзаро бештар дар «табодули таҷрибаи пажӯҳишгарон, муаллимон, донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, ширкати аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ» [142, с. 116] амалӣ мегардад.

Масъалаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон дар монографии калонҳаҷми профессор Р. Абулҳаев «Ирано-таджикское сотрудничество в конце XX – начале XXI вв.» [38] ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Монографияи мазкур дар заминаи таълифоти қаблии муҳаққиқ бо истифодаи сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла маводи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатии ба имзо расида ва маълумоти матбуоти даврӣ таълиф гардидааст ва муаллиф махсусиятҳои барқароршавӣ ва инкишофи робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмӣ-фарҳангӣ, бунёди иншооти саноатию роҳсозӣ ва дигар лоиҳаҳои муштараки Эрону Тоҷикистонро дар охири асри XX- ибтидои асри XXI таҳлил намудааст.

Таҳқиқоти дигари ҷолиб дар ин самт ба профессор Қ. Расулиён мутааллиқ мебошад, ки зери унвони «Нигоҳе ба алоқаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» [138] ба чоп расидааст. Муаллифи мазкур низ дар заминаи маводи фаровон масъалаҳои гуногуни робитаҳои фарҳангии ин ду кишварро дар соҳаи санъат, адабиёт ва илм бо ҷиддият таҳлил намуда, хулоса менамояд, ки нақши ниҳодҳои фарҳангӣ ва институтҳои Эрон дар рушди ҳамкориҳои муштараки фарҳангии байни ҷумҳуриҳо дар замони соҳибистиқлолӣ хеле созанда мебошанд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон аз лиҳози таърихнигорӣ дар мақолаи Мирзоев Ҷ. ва Ҳалимзода Д. [213] мавриди ташхис қарор гирифтааст. Муаллифон таъкид менамоянд, ки «Эрон нахустин кишваре буд, ки истиқлоли давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва моҳи январи соло 1992 дар Душанбе намояндагии худро кушод». Ба назари муаллифон омили асосии ин иқдом умумияти таърихию забонию фарҳангии сокинони ин ду кишвар мебошад. Муҳаққиқони самти таърих бештар ба робитаи фарҳангию илмии Тоҷикистону Эрон дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ намуда, дар самт як чанд корҳои ҷолиберо ба табъ расонидаанд.. Муаллифони мақола таълифоти муҳаққиқон Р.Абулҳаев, Н. Мирзоев, Қ, Расулиён, З. Саидзода, М. Маҳмудӣ, В. Дубовитский, И. Неъматов, Х.Абоссиён, Ҳафтеҳ Қазозӣ Маҳди Иброҳим, А. Шарифзода ва дигаронро мавриди ташхиси таърихнигорӣ қарор додаанд[213, с.194-196]. Ҷолиб он аст, ки муаллифон аз бархе таълифоти муҳаққиқони эронӣ низ истифода намудаанд.

Дар самти таърихнигорӣ мақолаи дигари Ҷ. Мирзоев «Масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ»-ро[211] бояд зикр намуд, ки то андозае асару мақолаҳои доир ба ин мавзуъ нашршударо мавриди таҳлил қарор додааст.

Вақтҳои охир муҳаққиқони ҷавон низ ба сифати мавзуи рисолаҳои илмии худ дар самти минтақашиносӣ ва ҳамкорию муносибатҳои байналмилалӣ бештар ба инъикоси равобиту ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои дуру наздик бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Вале, бояд иқрор шуд, ки бо омилҳои гуногун на ҳама робитаю ҳамкориҳои ҷумҳурӣ бо кишварҳои дунё то имрӯз мариди таҳқиқ қарор гиифтаанд. Аз ҷумла, ҳамкориҳои дӯстона ва созанда бо Ҳиндустон, ки дар сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ соҳиби афзалият мебошад ба шакли комил таҳқиқ наёфтааст. Муносибати расмии дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон низ аз соли 1992 оғоз меёбад ва ҳамин сол Ҳиндустон сафоратхонаи худро дар шаҳри Душанбе фаъол намуд. Як солпас, соли 2003 сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҳиндустон ба кор

шуруъ намуд. Ба андешаи муҳаққиқи муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистон З.Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҳиндустон бештар «дар заминаҳои савдо, саноат, илм, фарҳанг ва масъалаҳои амниятӣ» [142, с.150] татбиқ меёбанд.

Аммо, бояд қайд намуд, ки рисолаи илмии Т.Турсунов [154] низ бевосита ба таърихи барқароршавӣ ва инкишофи робитаҳои дутарафаи Тоҷикистону Ҳиндустон бахшида шудааст. Т.Турсунов тавонистааст, ки бо истифодаи санадҳои расмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо марҳалаҳои асосӣ ва рафти инкишофи ҳамкориҳои гуногунпаҳлуи иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳангии ду кишварро ба таври муфассал тасвир намояд. Дар интиҳо муаллиф хулоса менамояд, ки дар муқоиса ба робитаҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои ин ду кишвар бештар дар риштаи ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангӣ ривоҷ ёфтаанд. Монографияи мазкур дорои маводи ниҳоят зиёди расмӣ мебошад, вале доираи замонавии он хеле маҳдуд буда, танҳо ҳамкориҳои судманди илмию фарҳанги Тоҷикистону Ҳиндустонро аз соли 1946 то соли 2006 дар бар мегирад.

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ то соли 2010 дар асари бунёдии шашҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» [67], ки ба қалами В. Дубовитский тааллуқ дорад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин асари бунёдӣ ба таври муфассал доир ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамкорию дӯстона бо кишварҳои хориҷӣ, ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурии тозаистиқлол, робитаҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо истифода аз манобеи гуногун маълумот оварда шудааст. Аммо, муаллиф доир ба ҳамкорӣ ва равобити фарҳангӣ нисбат ба масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ камтар таваҷҷӯх намудааст.

Дар ҳамин асари бунёдӣ муаллифони дигар, аз ҷумла Н.М. Назаршоев ва А.А. Шарипов дар баробари таҳлили рушди маориф ва ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлол ба ҳамкориҳои хориҷӣ

ва минтақавии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо низ таваҷҷуҳ намудаанд [67]. Дар асарҳои дипломатҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама Т. Назаров [160], С. Аслов [25], А. Сатторзода [144] собиқ сухангӯйҳои Президенти ҷумҳурӣ З.Сайидзода [142] ва А.Шарифзода [168] низ дар баробари самтҳои асосии фаъолияти дипломатияи тоҷик, ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр то андозае баъзе масъалаҳои ҳамкорӣ ва робитаи фарҳангию илмии ҷумҳурӣ бо дигар кишварҳо таҷассум ёфтаанд. Дар рисолаи илмии Х.Б. Пайвандов «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият» [281], мақолаи А. Наврасов «Ҳамкориҳои хориҷии Тоҷикистон дар густариши фаъолияти фарҳангӣ» [281], мақолаи Қ. Расулиён ва П.А. Ҷумаева «Ҳамкориҳои самарабахши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон» [139], мақолаи Р. Мамадқулова Р.О. «Аз таърихи робитаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар солҳои 20-90-уми асри XX» [208], Мирзоев Ҷ.А. «Инъикоси ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар охири асри XX -ибтидои асри XXI» [212] ва дигар таълифот баъзе паҳлуҳои ҳамкории фарҳангии ҷумҳурӣ бо мамолики хориҷӣ мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Дар раванди ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо мамолики хориҷӣ аз соли 2011 дар доираи сиёсати «дарҳои кушод» сатҳи бисёрҷабҳаро ба худ қабул намуд. Танҳо дар соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 маротиба ба сафарҳои давлатӣ, расмӣ ва кориро ба 10 мамлакат анҷом доданд [130, с.460]. Дар ин сафарҳо пайваста масъалаҳои ҳамкории фарҳангию илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ мавриди баррасии дуҷониба қарор мегирифтанд. Ҳамзамон ҳамкории ҷумҳурӣ бо созмонҳои бонуфузи

байналмилалӣ, макони доимии онҳо аксаран дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳои аврупоӣ ҷойгир буданд, дар мулоқоти расмӣ ва вохӯриҳо баррасӣ мешуданд.

Ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик низ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Мавзуи мазкур дар рисолаҳо ва корҳои илмии ба таърих ва рушди илм, фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, пеш аз ҳама АМИТ, макотиби олии ҷумҳурӣ ва вазоратҳои дахлдор инъикоси худро пайдо намудааст. Аз ҷумла, «Академияи миллии илмҳо дар самти инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ бо татбиқи лоиҳаҳои илмӣ-таҳкиқотии муштарак, ташкили экспедитсияҳои илмии якҷоя, ташкили чорабиниҳои муҳимми илмӣ, ба монади симпозиуму конференсияҳои илмӣ хеле фаъол мебошад. Академияи миллии илмҳо бо марказҳои илмии Россия ва кишварҳои дигари ИДМ, Ҳиндустон, Хитой, Ҷопон, ИМА ва дигар кишварҳо сол ба сол робитаю ҳамкориҳои судманди худро вусъат медиҳад. АМИТ узви баробарҳуқуқи Ассотсиатсияи байналмилалии Академияҳои илмҳо, Ассотсиатсияи Академияи илмҳои Осиё, Академияи илмҳои давлатҳои мутараққӣ ва Шурои байналмилалии марказҳои илмӣ мебошад. Солҳои охир Академияи миллии илмҳо дар асоси беш аз 120 созишнома бо панҷоҳ давлати ҷаҳон ҳамкории илмию техникӣ дошта, аъзои панҷ ташкилот, комиссия ва кумитаҳои байналмилалии илмӣ мебошад» [39, с.34-35].

Пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар сохторҳои АМИТ низ дар самти ҳамкориҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, омода намудани кадрҳои ихтисосманд бо бисёр кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ робитаи пайваста доранд. Аз ҷумла, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ аз миёнаи солҳои 50-уми асри гузашта як раванди муназзами ҳамкориро бо муассисаю марказҳои

кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ мондааст. Раванди ин ҳамкориҳо дар рисолаи «70 сол дар роҳи омӯзиши таърихи миллат» [26] ба таври муфассал инъикос ёфтааст. Таъкид мешавад, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ин муассисаи илмӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони хориҷии худ дар омӯзишу таҳқиқи таъриху фарҳанги халқи тоҷик дастовардҳои зиёдеро соҳиб гардидааст. Ҳамзамон, маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ бо кӯшишу ташаббуси ин институт ва дигар соторҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ чандин барномаю ҳамоишҳои гуногуни илмии баналмилалӣ оид ба таърих ва фарҳанги халқи тоҷик баргузор гардидаанд.

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмӣ бо шарикони хориҷӣ натиҷаҳои хутарро ба даст овардааст. Маҳз дар натиҷаи ҳамкорӣ бо марказҳои илмии беруна соли 2021 ду монографияи дастаҷамъии «Таджики» аз силсилаи «Народы и культуры» ва «Этногенез и этническая история таджикского народа» аз чоп баромаданд [26, с. 48]. Дар натиҷаи ҳамкорӣ соли 2001 Осорхонаи бостонии Тоҷикистон кушода шуд, ки осори қадимаи таърихию фарҳангиро дар намоишҳои калонтарини ҷаҳониро дар Сюрих, Ҳанновер, Коото Сидней, Париж ва дигар ҷойҳо ташкил намуд [26, с. 50]. Ҳамкории институти мазкур, махсусан дар самти бостоншиносӣ ҷолиб аст. Дар солҳои истиқлол бостоншиносони тоҷик дар ҳамкорӣ бо шарикони хориҷии худ, махсусан олимони Федератсияи Россия, Фаронса, Олмон, Хитой, Италия, Дания ва дигар марказҳои илмӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи осори қадима ва аҳди бостон, аз ҷумла Саразм, Панҷакенти Қадим, осори давраи палеолити Ховалинг, Санҷаршоҳ, ёдгориҳои Мурғоб ва дигар мавзеҳо корҳои муштараки таҳқиқотӣ

гузаронидаанд.

Ҳамзамон, институт бо ташкилотҳои зиёди байналхалқӣ, пеш аз ҳама ЮНЕСКО ҳамкории пайваста дошта, дар ҳамкорӣ бо онҳо ҷашни 270-солагии интишори «Авесто», 1400-умин зодрӯзи Борбад, 575-умин солгарди Хоҷа Камол,1250-солагии зодрӯзи Ҳаким Тирмизӣ, 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ, 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 3000-солагии Ҳисор, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 5500-солагии шаҳри Саразм ва дигар чорабиниҳои муҳимми аҳамияти байналмилалӣ оштаро баргузор намуд [26, с. 60-63].

Дар мақолаи муштараки Н.М. Назаршоев ва Р.Н. Каримова «Рушди фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [115] дар баробари таҳлили раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ба бисёр масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои фарҳангӣ ва гурӯҳҳои эҷодӣ бо ҳампешагони хориҷии худ мавриди инъикос қарор гирифтаанд. Ин муаллифон, асосан ба барасии масъала аз назари таърихӣ нигоҳ намуда, ҷанбаҳои асосии ҳамкории кормандони театрҳо, бастакорон, коргардонҳо, иштироки ҳунармандони ҷумҳурӣ дар озмуну намоишҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҷашнвораҳо ва кунгураю дигар ҳамоишҳои ҳунарии байналмилалиро муфассал инъикос намудаанд.

Аз ҷумла, муаллифони таълифоти мазкур робитаҳои байналмилалии театрҳои ҷумҳуриро таҳли намуда, нақши театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, театри драмавии ба номи В. Маяковский, театри тамошибини ҷавони «Аҳорун», театри драмавии Хуҷанд ба номи К. Хуҷандӣ ва дигар муассисаҳоро дар ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва иштироки онҳо дар намоишу ҷашнвораҳои минтақавию байналмилаиро ҳамчун дастовард арзёбӣ менамянд. Бино ба таҳқиқоти онҳо «Танҳо аз тарафи театри тамошобини ҷавони «Аҳорун» дар Полша, Россия, Белгия чандин намоишҳо доир карда шуд ва соли 1999 ин театр дар

фестивали театрҳои Эрон бо спектакли «Юсуф» соҳиби ҷоизаи тиллоии ҳамоиш гардид. Театри драмавии ба номи В.Маякоский соли 2009 лаурети ҷоизаи давлатии Россия гардид театри давлати ҷавонони ба номи М. Воҳидов барои спектакли «Хоби муши паррон»соли 2000-ум дар Бишкек Гран-при ба даст овард» [115, с.236-237].

Ҳамкориҳои ҳунармандони самти мусиқии касбию мардумӣ дар арсаи байналмилалӣ аз назари ин муҳаққиқон дур намондааст. Бо оромшавии вазъи дохилии ҷумҳурӣ фаъолият овозхонҳои алоҳида ва дастаҳои гуногуни ҳунарӣ низ фаъол гардид ва онҳо дар баробари фаъолияти афзоишёбандаи худ дар дохили ҷумҳурӣ ба арсаи ҳунари ҷаҳонӣ низ тадриҷан фаъол гардида, дар кишварҳову шаҳрҳои гуногуни ҷаҳон барномаҳои ҳунарӣ мегузошанд. Дар фаъолшави ҳунармандони ҷумҳурӣ баргузоршави ҷашнвораву ҳамоишҳои ҳунарии байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ хеле мусоидат менамуданд. Аз ҷумла, баргузоршавии ҷашнвораи байналхалқии санъати тоҷик «Аржанг», джаз -фестивали байналхалқӣ, фестивали байналмилалии синамо «Дидор», фестивалҳои байналмилалии театрҳои касбии кишварҳои «Ҳавзаи Наврӯз», театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл», фестивали ҳарсолаи «Парасту», фестивали байалхалқии оркестрҳои камерии «Баҳористон» ва амсоли инҳо дар рушди ҳунарии ҳунармандони ҷумҳурӣ нақши бориз мегузоштанд. Баргузоршавии намоишу барномаҳои гуногуни байналмилалӣ ба ифтихори ду мероси гаронбаҳои санъати мусиқии тоҷик «Шашмақом» ва «Фалак» ба рушди ҳунари мусиқии тоҷик такони ҷиддӣ доданд ва ин ду унсури фарҳанги миллии тоҷикон ба номномаи мероси ҷаҳонӣ ворид гардиданд.

Ҳамин тавр, таҳлили асарҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки доир ба равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷа таҳқиқоту таълифоти зиёде ба чоп расидаанд. Вобаста ба мавқеи

ҷойгиршавӣ ва доираи сиёсати хориҷии кишвар як зумра муҳаққиқон дар заминаи асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз моҳи декабри соли 1993 доираи сиёсати хориҷии кишварро ба панҷ ҳавза ҷудо намудаанд. Ин пеш аз ҳама, аз ИДМ, Осиёи Марказӣ, фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон, доираи нуфузи давлатҳои исломии Шарқ ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат мебошад [169, с.4-5]. Албатта бо таъмини суботу оромӣ ва рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоӣ тадриҷан доираи ҳамкории фарҳангии ҷумҳурӣ васеъ гардида, ҳамкориҳои фарҳангию илмӣ бо давлатҳои зиёди ҷаҳон ба як танзими муайян ворид гардид. Асосан робитаҳои фарҳангӣ баробари дар шакли дуҷониба қарор доштанаш, дар доираи созмону ташкилотҳои калони минтақавию ҷаҳонӣ ба шакли чандҷониба низ ба роҳ монда шудаанд. Пеш аз ҳама, ҳамкориҳои фарҳангӣ дар чаҳорчӯбаи СММ ва сохторҳои он, аз ҷумла ЮНЕСКО, ИДМ, САҲА, СҲШ ва дигар ниҳодҳои ҷаҳонию минтақавӣ, ки Тоҷикистон дар бархе аз онҳо аъзои комилҳуқуқ ҳаст, ба роҳ монда шудаанд. Аз таълифоти таҳлилшуда ошкор мегардад, ки дар маҷрои таҳқиқу таҳлили робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои дунё мароми ягона ҷой надорад, агар ба ба ҳамкориҳо бо як зумра давлатҳо бештар таваҷҷуҳ равона гардида бошад, ба ҳамкориҳои мутақобилаи ҷумҳурӣ бо баъзе давлатҳо камтар эътибор дода шудааст. Имрӯз зарур аст, ки ба шакли ҷудогона робитаю ҳамкории фарҳангии ҷумҳурӣ бо ҳар як давлат ва ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ мавриди таҳқиқи алоҳида қарор гиранд.

Дар хулосаи боби сеюми рисола метавон ҷамъбаст намуд, ки таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ ва дигар асарҳои самти фарҳангшиносӣ ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқон, пеш аз

ҳама ба он назаранд, ки воситаи асосии аз харобӣ берун овардани ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ва ба роҳи тараққиёт гузоштани он асосан дар заминаи ду омили муҳим ба даст омадааст. Аввалан бо кӯшишу ҷадали Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст овардани ягонагии ҷомеаи кишвар ва ваҳдати миллӣ, соҳиб шудан ба фазои орому осоишта дар ҷумҳурӣ ва, баъдан пурра барқарорсозии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва рӯ ба инкишоф ниҳодани иқтисоди ҷумҳурӣ ба мал омад. Ин ду омили созанда ба болоравии ҳаёти фарҳангӣ, баланд гардидани сатҳи маърифатии ҷомеаи кишвар, худшиносию ҳувияти миллӣ пояи асосиро омода намуданд.

Таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, кӣ ҳангоми баррасии масъалаи инъикоси ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ пажӯҳишгарон бештар ба таҳлилу шарҳи сиёсати давлатӣ дар самти фарҳанг, нақши бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори сиёсати давлатӣ, пешрафти ҳаёти фарҳангӣ, маориф ва илм, дигаргунсозиҳои ҷиддӣ дар соҳаҳои мазкур, фаъолияти муассисаҳои илмӣ, бунёди пойгоҳи зарурии моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз таҳлили таҳқиқоти мазкур маълум мешавад, ки дар муддати хеле кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ дар самти фарҳанг, илм ва маориф ҷумҳурӣ соҳиби дастовардҳои ниҳоят назаррас гардида, дар эҳёи анъанаву суннатҳои аҷдодии фарҳангӣ, муаррифии онҳо дар дохили кишвар ва арсаи байналмилалӣ, ҳифзу ҳимояи мероси бузурги таърихию фарҳангӣ қадамҳои ниҳоят ҷиддӣ ба пеш гузоштааст. Аммо, баробари ин таҳқиқоти таърихнигорӣ нишон дод, ки на ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти фарҳангӣ, самтҳову шоҳаҳои он, вазъи муассисаҳои фарҳангӣ, илм ва маориф дар баъзе минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои

калон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Имрӯз замон ва шароити мусоиди ба миён омада талаб менамояд, ин холигиҳо комилан бартараф карда шаванд. Вақти он расидааст, ки доир ба пешрафту дастовардҳо ва мушкилоту норасоиҳои ҳар як соҳа ва самти алоҳидаи ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ таҳқиқоти мустақили илмӣ гузаронида шаванд. Масъалаи ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷи дуру наздик низ ниёз ба пажӯҳишҳои алоҳида вобаста бо ҳар як кишвар ва созмонҳои бузурги ҷаҳониро дорад. Махсусан, ҳамкории Тоҷикистон бо ташкилоти бонуфузи байналмилалии СММ ва сохторҳои он, бавижа ЮНЕСКО доир ба арҷгузорию муаррифии мероси бузурги моддию маънавии халқи тоҷик дар арсаи ҷаҳон бояд мустақиман маврид таҳқиқу баррасӣ қарор гиранд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлоли давлатӣ нишон дод, ки раванди рушди ҷумҳурӣ, бунёди аркони давлатдории миллӣ дар марҳалаи навин яке аз самтҳои асосии омӯзиш ва таҳқиқ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ, пеш аз ҳама дар илми таърихшиносии миллӣ мебошанд. Пеш аз ҳама, истиқлоли комили давлатӣ барои инкишофи илми таърихшиносии миллӣ як марҳалаи комилан навро ибтидо гузошт ва барои таҳқиқи таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик шароиту имконияти мувофиқро муҳайё сохт.

Аз таҳлили осори илмии ба чоп расида бармеояд, ки пажӯҳишгарон, махсусан муаррихон зиёдтар ба ҷанбаҳои сиёсии таърихи замони истиқлол, аз ҳам пошхӯрии давлати абарқудрати шуравӣ, раванди ташкили ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол, сабабҳо ва омилҳои асосии даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барқароршави ҳокимияти конститутсионӣ, интихоби роҳбарияти нави олии ҷумҳурӣ, музокироти сулҳи тоҷикон, таҷрибаи таърихии сулҳи тоҷикон, сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои байналхалқии ҷумҳурӣ диққат додаанд.

Боиси фараҳмандист, ки яке аз самтҳои вусъатёфтаи таҳқиқоти илмиро дар таърихшиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносии тоҷик тавсифу таҳлил ва инъикоси нақш ва мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории навини миллӣ, сиёсати сулҳофарӣ ва ваҳдату ягонагии ҷомеаи кишвар, пешрафти босуръати иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, сиёсати дарҳои бози хориҷӣ ва рӯз то рӯз болоравии нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва саҳми ҷумҳурӣ дар ҳалли масоилу мушкилоти ҷаҳони муосир ташкил медиҳанд. Дар ин самт муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм -

таърихшиносон, сиёсатшиносон, дипломатҳо, ходимони шинохтаи давлатию ҳизбӣ, кормандани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, рӯзноманигорон, фарҳангшиносон, шоҳидони ҳаводиси сиёсию фарҳангии ибтидои замони истиқлол саҳми муассир гузоштаанд.

Доир ба вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ низ таълифоти зиёде ба миён омадааст. Баррасии масъала нишон дод, ки асосан омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар самти илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодшиносӣ мавқеи асосиро соҳиб мебошад. Муҳаққиқон ба тарафҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ намуда, пеш аз ҳама сабабҳо ва омилҳои асосии ақибмондагии ҷумҳурӣ нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои шуравиро мавриди таҳлил қарор додаанд [2-М].

Ҳамзамон аз адабиёти илмӣ маълум мегардад, ки баъди расидан ба истиқлоли давлатӣ бо сабаби сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тамоми манотиқи ҷумҳурӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Амалиётҳои ҷангӣ, ки бештар дар манотиқи ҷанубии ҷумҳурӣ сурат гирифтанд, ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ хисороти зиёд ворид намуданд. Сатҳи зиндагии мардум хеле паст гардид, шаҳрвандони зиёд фирорӣ шуданд ва амволашон нобуд гардид.

Баробар ба ин таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар замони истиқлоли давлатӣ яке аз мавзуҳои ҷолиб ва диққатҷалбкунандаи раванди корҳои илмӣ-таҳқикотӣ маҳсуб меёбад. Ба таҳлилу таҳқиқи мавзуъ бештар аз ҳама муҳаққиқони самтҳои илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодшиносӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Агар таърихшиносон ба раванди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, заминаҳо ва наттҷаҳои ниҳоии он, ташаккулёби муносибатҳои нави истеҳсолӣ ва ба миён омадану рушди бахши хусусӣ дар иқтисодиёт бештар таваҷҷуҳ намуда бошанд, пажӯҳандагони самти иқтисодшиносӣ ба пояҳои назариявию м етодологии мавзуъ, роҳҳо ва усулҳои гузариш аз як шакли

муносибатҳои истеҳсолӣ ба шакли дигар, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии танзими он, таҳлили натиҷаҳои мушаххаси ислоҳоти иқтисодӣ, бурду бохти иқтисоди ҷумҳурӣ дар ин ҷараён диққат додаанд [2-М].

Вале, новобаста аз дастовардҳои назарраси илмӣ дар ин самт ҳоло ҳам паҳлуҳои ниёз ба таҳқиқ дошта, махсусан аз назари таърихшиносӣ дар ин самт ҷой доранд. Барои ҳамин зарур аст, ки ҷанбаҳои таърихии раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар маҷмуъ, яъне дар тамоми ҷумҳурӣ ва, инчунин ҳар як минтақа дар алоҳидагӣ вобаста ба хусусияту мавқеи ҷуғрофӣ ва табиӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шаванд. Аз таълифоти илмии мавҷуда ошкор мегардад, ки дар муддати ниҳоят кӯтоҳи таърихӣ дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои хуб ва назаррас ноил гардида, на танҳо давраи гузариш аз як шакли муносибатҳои истеҳсолӣ ба шакли дигарро дар кӯтоҳтарин муддат паси сар намудааст, балки рӯ ба инкишоф ниҳода, аввалин натиҷаҳои чашмрасро соҳиб гардидааст.

Ҳамзамон таҳлили таърихнигорӣ ошкор намуд, ки раванди ҳамкорӣ ва робитаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва саҳми онҳо дар азнавбарқарорсозии хоҷагии халқ ва рушди минбаъдаи он дар замони соҳибистиқлолӣ аз мадди назари муҳаққиқон берун намондааст. Махсусан, дар ин самт муҳаққиқони самти таърих, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ ва таҳлилгарони муносибатҳои хориҷӣ бештар таваҷҷӯх намудаанд. Аз таҳқиқоти таҳлилшуда маълум мегардад, ки дар шароити ҷаҳони муосир раванди рушди давлатҳо ва кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳ ва дараҷаи ҳамкории иқтисодӣ, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, бунёди корхонаву муассисаҳои муштарак вобастагии амиқро соҳиб мебошад. Махсусан, яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ин ҳар чӣ бештар ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва ниҳодҳои бузурги сармоягузорӣ ҷаҳонӣ ба ҷумҳурӣ мебошад.

Таҳқиқи таърихнигории инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва

ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар адабиёти илмӣ, пеш аз ҳама асарҳои таърихӣ ва иқтисодӣ нишон медиҳад, ки раванди гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар, аз як шакли муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба шакли дигар пайваста мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон будааст. Пажӯҳишгарони самти илмҳои ҷомеашиносӣ, ба вижа муаррихону иқтисодшиносон вобаста ба ҳадафҳои илмии худ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриро дар давраи гузариш ва барқарорсозии хоҷагии халқ ва тадриҷан рӯ овардан ба инкишофро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додаанд. Муҳаққиқон бештар ба масъалаҳои ивазшавии асосҳои иқтисодии ҷомеа дар давраи гузариш аз як сох ба сохти дигар, ҷараёни хусусигардонидани амволи давлатӣ, ташаккули бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва омилҳои рушддиҳандаю монеасози он, зина ба зина ташаккул ёфтани муносибатҳои нави иқтисодӣ ва аломатҳои асосии иқтисоди бозорӣ диққат додаанд. Сиёсати ҳадафмандонаи Ҳукумати Ҷумҳур Тоҷикистон дар роҳи ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворию энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, нақши Сарвари давлат дар ташаккул ва таҳкими сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва рушди ҷумҳурӣ низ дар асару таҳқиқоти илмӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Метавон хулоса намуд, ки дар инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ илми ҷомеашиносии тоҷик қадамҳои устуворро ба пеш гузошта, дар ин самт асару мақолот ва таҳқиқоти зиёдеро ба чоп расонидааст. Аммо баробари ин муваффақиятҳо ҳоло ҳам самтҳо, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, равишҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, бурду бохти иқтисоди ҷумҳурӣ дар шароити пур зи таззоди ҷаҳони муосир ниёз ба таҳқиқоти алоҳида ва жарфтар доранд.

Таҳлили дараҷаи инъикоси ислоҳоти аграрӣ дар асарҳои муҳаққиқон нишон медиҳад, ки асосан ба таҳқиқу таҳлили он намояндагони илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодӣ бештар таваҷҷуҳ

намудаанд. Муҳаққиқон, бештар ба вазъи умумии соҳаи кишоварзи замони шуравӣ ва ибтидои давраи истиқлол, душвориҳо ва мушкилоти комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, тибқи талаботи замон ва таҳаввулоти сиёсӣ гузаронидани ислоҳоти аграрӣ, бунёди пояҳои қонунгузории соҳа, инъикоси ҷараёни қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриию ҳуқуқӣ, ташкилёбии шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои ниҳоии раванди дигаргунсозиҳо диққат додаанд. Хулоса мешавад, ки маҳз дар натиҷаи татбиқи сиёсати ҳадафмандонаи давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва гузаронидани ислоҳот дар давраи истиқлол хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ аз ҳолати бухронӣ раҳо ёфта, зина ба зина рӯ ба инкишоф ниҳод ва дар ҳалли яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини истиқлолияти озуқаворӣ нақши муассир гузошт [3-М].

Таҳлили муфассали адабиёти илмии самти илмҳои ҷомеашиносӣ нишон медиҳад, ки масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ яке аз масъалаҳои диққтҷалбкунандаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷанбаҳои гуногуни он дар таҳқиқотҳо инъикоси худро пайдо намудаанд. Махсусан, дар асарҳои таърихӣ бештар ба масоили муҳоҷирати иҷборӣ, фирорӣ шудани аҳолӣ дар солҳои нобасомониҳои сиёсию ҷанги шаҳрвандӣ, тадбиру чораҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баҳри пурра баргардонидани онҳо ба маҳалли зисти худ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ, сабабу омилҳои он, рафт ва шумораи муҳоҷирон дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳ намудаанд.

Пас аз Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ ва ба сифати Раиси Шурои Олӣ интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи баргардонидани фирориён яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳокимияти конститутсионӣ гардид. Бевосита бо талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии кишвару созмонҳои байналмилалӣ моҳи июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо

расид, ки барои ҳалии пурраи масъалаи бозгардонидани фирориён ва барқарорсозии хоҷагии халқу рушди минбаъдаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Таҳлили бозтобиислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмӣ, пеш аз ҳама дар самти илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодшиносӣ нишон дод, ки дар инъикоси таърихи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ таҳқиқи масъалаҳои ислоҳоти замину об, ғайридавлатӣ гардонидани хоҷагиҳои давлатию ҷамъиятии деҳот, ташаккули бахши хусусӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкили заминаҳои ҳуқуқии ислоҳоти ҳаёти деҳот ва муҳоҷирати дохилию хориҷии аҳолӣ нақши меҳвариро ишғол менамоянд. Ба назари мо, омили асосии чунин таваҷҷуҳ ба масоили таърихи аграрӣ дар байни муҳаққиқон ин дар мақом ва нақши соҳаи кишоварзӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ маҳфуз мебошад. Дар нимаи дуюми асри гузашта бо талошу кӯшишҳо ва гузаронидани ислоҳоти зарурии соҳавӣ хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ба соҳаи нисбатан пешрафта ва муфиди иқтисоди ҷумҳурӣ табдил ёфта, вобаста ба рушди соҳаҳои гуногуни саноат, аз ҷумла соҳаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ ҷумҳурӣ ба минтақаи саноатию аграрӣ табдил ёфт. Аммо, сиёсати давлатии шуравӣ оид ба ҳамчун манбаи ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ нигоҳ доштани минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла ҷумҳурии мо барои марказҳои калони саноатии мамлакат, махсусан ба пойгоҳи ягонаи парвариши пахта ҳамчун манбаи стратегии зироати техникӣ табдил додани ин минтақа ба рушди умумии иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Маҳз ҳамин сиёсат яке аз омилҳои асосии ноороми сиёсӣ ва ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашидани ҷумҳурӣ дар аввали солҳои истиқлолият гардид. Ба замми он бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, ҳодисаҳои сиёсии ба миён омада хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ ба бӯҳрони сахт ва тӯлонӣ гирифтор шуд. Танҳо сиёсати мудаббиронаи хукумати ҷумҳурӣ

тахти роҳбарии Пешвои миллат тавонист бо роҳи гузаронидани ислоҳоти чандинтарафаи аграрӣ, ташаккули муносибатҳои комилан нави танзимкунанда ва идоракунии соҳа, ин самти муҳимми хоҷагии халқро аз бӯҳрон берун оварда, ба роҳи рушд ва пешрафт гузорад. Ин паҳлуҳои сиёсати аграрии давлат дар аксарияти таҳқиқоти илмҳои ҷомеашиносӣ инъикоси худро пайдо намудаанд[3-М].

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ низ аз масъалаҳои маркази таҳқиқотӣ маҳсуб ёфта, дар асарҳои зиёди таҳқиқотӣ ҳалли худро пайдо намудаанд. Вале имрӯз зарур аст, ки ҷанбаи таърихии ин масъала дар алоҳидагӣ вобаста ба шохаҳои он маврид таҳқиқи ниҳоят васеъ қарор гиранд. Таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бозгардонидани фирориёни солҳои нооромӣ, ки ҳамчун дастоварди беназир дар ин самт дар ҷаҳони муосир эътироф шудааст, ҳоло ҳам ниёз ба таҳқиқи таърихӣ ва ҳам иқтисодию сиёсӣ дорад. Баробари ин муҳоҷирати меҳнатӣ, ки танҳо хоси ҷумҳурии мо набуда, хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо намудааст, бояд мавриди боз ҳам таҳқиқи жарфтар дар робита ба раванди ҷаҳонии муҳоҷирати аҳолӣ қарор гирад.

Муайянкунадаи вазъи ҷомеа ва рушди он ин ҳаёти фарҳангӣ мебошад, аз ин рӯ ҳамеша ва пайваста ин соҳаи муҳим дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва барои пешрафти он санадҳои зиёди танзимкунанда ва шароиту имконоти муфид муҳайё карда шуд, ки ба рушди шохаҳоҳои ҷудогонаи он ва пешрафти фарҳанги халқи тоҷик мусоидат намуд.

Дар давраи барои ҷумҳурӣ мураккаб ва ҳассос маҳз сиёсати оқилона ва босуботи Сарвари давлат дар ҷодаи фарҳанг дар рушди ҷамъият, дар ташаккулёбии низоми арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқии миллӣ таъсири амиқ гузошт. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ташаккулёбии худогоҳии миллӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимми ин

марҳилаи бунёди давлатдорӣ табдил ёфта, нақши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик муассир гардид. Маҳз дар ҳамин давраи мураккаб Ҳукумати Ҷумҳурӣ кӯшиш мекард, ки ба фарҳанг- ҳамчун силоҳи муҳимми идеологӣ такя намояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эълони барномаи идеологияи миллӣ аз минбарҳои баланд баромад намуда, вазифаи ташаккулёбии ҷамъияти бисёрфарҳангӣ, чандандешии этникӣ ва фарҳангиро таъкид карданд. Илова бар ин, таърихи халқи тоҷик низ, ки Ҳукумати имрӯза ба он аҳаммияти хоса зоҳир менамояд, дар ин марҳилаи сарнавиштсоз нақши муассир дорад. Бунёди муҷассамаҳои ёдгорӣ ба шахсиятҳои таърихӣ- Исмоили Сомонӣ, Нуратулло Махсум, Абуабдулло Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, сохтмони осорхонаҳои нав, китобхонаҳо ва гузаронидани ҷашнҳо бахшида ба ёдбуди шахсиятҳои таърихӣ ва чеҳраҳои мондагор аҳаммияти бузург пайдо карданд[1-М].

Сиёсати давлат дар ҷодаи фарҳанг аз бисёр ҷиҳат фаъолияти қонугузории минбаъдаи давлатро дар ин соҳа муайян сохт. Воқеиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии нав дар ҷамъияти тоҷикон коркарди қонунҳои нави ҷумҳуриявиро тақозо мекард. Дар даврони истиқлолият як қатор қонунҳои муҳим, консепсияҳо ва барномаҳо ба тасвиб расиданд, ки муносибатро дар соҳаи фарҳанг муайян ва танзим месохтанд. Дар давраи солҳои 1994 то имрӯз Парлумони Тоҷикистон зиёда аз 350 қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқи ба тасвиб расонд, ки ба муназзам сохтани масъалаҳои иҷтимоии Тоҷикистон равона шудаанд. Таҳлили раванди вазъи умумии қонунгузорӣ бевосита дар соҳаи фарҳанг нишон дод, ки агар то соли 1994 ҳамагӣ як қонун дар ин самт қабул шуда бошад, пас дар давраҳои баъдӣ қариб 30 қонун, ки бевосита масъалаҳои фарҳангиро муназзам месохтанд ва қариб 20 кодекс, ки қисман ба ин масъалаҳо дахл мекарданд, ба имзо расиданд. Комёбии ҷиддӣ дар ин

самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» мебошад, ки 13 декабри соли 1997 аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст. Ин қонун доираи истифодабарии асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фарҳанг, ҳуқуқҳои ҳар шаҳрванд дар фаъолияти фарҳангӣ, ҳуқуқ оид ба ҳифз ва рушди арзишҳои фарҳангӣ-миллӣ, мафҳуми мероси фарҳангии халқи тоҷик ва вазифаҳои давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян менамояд. Масоили рушд ва амалкарди фарҳанг бисёрҷабҳа буда, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин самт пеш аз ҳама асару мақолаҳо ва баромадҳои Сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар онҳо масоили умдаи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз давраҳои қадим то имрӯз хеле возеҳ инъикос гардидаанд, бояд махсус таъкид кард [1-М].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар мулоқот бо зиёиёни кишвар қайд карда буданд: «Ба шарофати соҳибистиқлолӣ мо дар самти ҳифзу нигаҳдории мероси фарҳангии халқи куҳанбунёдамон тамоми тадбирҳои имконпазирро андешидем ва дар даврони начандон тӯлонӣ ба эҳё кардану таҳким бахшидани асолати миллӣ, забон ва фарҳанг, ки рукнҳои асосии давлатдорӣ мебошанд, муваффақ гардидем. Фарҳанги миллии мо заминаҳои устувор дошта, бо таъриху анъанаҳои қадима ва гуногунрангиву хусусиятҳои хоси худ, аз ҷумла осори хаттии нодир, мусавварахои камназир, мусиқии «Шашмақом», «Фалак» ва садҳо дастоварду падидаҳои дигари ҳунару адаб имрӯз дар ҷаҳон машҳур аст. Ин мероси пурғановати миллиро ҳифз кардан ва таъмин намудани рушди минбаъдаи он вазифаи на танҳо давлат, балки қарзи виҷдониву инсонии ҳар як фарди соҳибфарҳанги кишвар, махсусан, зиёиён мебошад» [5-М].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешрафти фарҳанги миллӣ, маорифи халқ пайваста талош намуда, бо ибтикороти созанда, аз ҷумла таъсиси квотаи Президентӣ (1997), стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999), ташкили мактабҳои Президентӣ, зиёд намудани маблағгузории соҳаи маориф ва дигар ташаббусҳо нақши муассир мегузоранд. Яке аз муҳимтарин таҳаввулот дар соҳаи маориф ин таъсиси муассисаҳои типи нави литсей, гимназия, коллеҷ, муассисаҳои ғайридавлатӣ мебошанд, ки ба рушди соҳаи маорифи кишвар таъсири амиқ расониданд.

Таҳаввулоти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ арзишҳои навро ба миён оварданд, даст кашидан аз силсилаи арзишҳои ҳизбӣ-шуравӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, дур афкандани чаҳорҷубаи идеологии таҳсилот, омӯзгоронро ки аксари онҳо дастпарвари низоми шуравии таҳсилоти олӣ буданд, ба шубҳа овард. Инчунин ривоҷ ёфтани арзишҳои динӣ дар ҷомеа, таваҷҷуҳи мардум ба азхудкунии донишҳои динӣ бештар гардида буд ва ин ба фаъолияти маҳфилҳою курсҳо ва доираҳои касбу ҳунаромӯзии хонандагон таъсири ҷиддӣ расонида буд. Масъалаи норасоии кадрҳоро низ боз ҳам шадидтар мегардид, роҳбарони муассисаҳо маҷбур буданд, дар ивази мутахассисони варзидаи тарки шуғл намуда, хатмкардагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ё омӯзишгоҳҳои касбиро ба кор гиранд.

Аммо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи маориф ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳониро ба роҳ монда, ба эъмори заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа шурӯъ намуд. Қабули санадҳои ҳуқуқии қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004); «Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009), «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2002), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»(1996), Консепсияи таҳсилоти

фарогир (инклюзивӣ) барои хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2011), «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (2012) аз ин гувоҳӣ медиҳанд.

Аз таҳлили таърихнигории адабиёти илмӣ бар меояд, ки раванди дигаргунсозиҳо, ислоҳот ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ сохтани низоми маориф ва илми ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ то ҳадди зарурӣ дар адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз таҳқиқоти мавҷуда бар меояд, ки истиқлоли давлатӣ барои инкишофи самтҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ шароит ва имконоти заруриро муҳайё сохт ва маблағгузории соҳа сол ба сол афзоиш ёфт, дар навбати худ дастовардҳои маориф ва илм барои пешрафту инкишофи ҷумҳурии тозаистиқлол таъсири муассир расониданд[5-М].

Дар рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ қабули санадҳои муҳимми танзимкунанда таъсири муассир гузоштанд. Аз ҷумла, «Консепсия рушди фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки маҳз дар заминаи он дар давоми 10 сол барномаҳои зиёди давлатӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки бахри танзим ва беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва рушди минбаъдаи онҳо хеле таъсири муассир гузоштанд.

Дар маҷмуъ, таҳлили таърихнигории масъалаи мавриди таҳқиқ нишон медиҳад, ки муҳаққиқону муаллифон тавонистаанд дар таҳқиқоти худ раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолиро бо самтҳою паҳлуҳои гуногунаш инъикос намоянд. Ба андешаи аксариати пажуҳандагон манобеи асосии рушди фарҳанг, пеш аз ҳама дар сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нуҳуфта буда, маҳз дастгирии ҳамаҷонибаи моддию маънавии роҳбарияти олии кишвар боиси

пешрафти босуръати ҳаёти фарҳангӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Аз асарҳои мавриди таҳқиқ қарор ёфта бар меояд, ки доир ба равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон таҳқиқоту таълифоти зиёде ба миён омадаанд. Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ ва доираи сиёсати хориҷии кишвар як зумра муҳаққиқон дар заминаи таъкиди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз моҳи декабри соли 1993 доираи сиёсати хориҷии кишварро ба панҷ ҳавза ҷудо намудаанд. Ин пеш аз ҳама, аз ИДМ, Осиёи Марказӣ, фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон, доираи нуфузи давлатҳои исломии Шарқ ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат мебошад. Албатта ба даст омадани суботу оромӣ ва инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ сол ба сол доираи робитаҳои фарҳангии ҷумҳуриро васеъ гардонид. Асосан робитаҳои фарҳангӣ баробари дар шакли дуҷониба қарор доштанаш, дар доираи созмону ташкилотҳои калони минтақавию ҷаҳонӣ ба шакли чандҷониба низ ба роҳ монда шудаанд. Пеш аз ҳама, ҳамкориҳои фарҳангӣ дар чаҳорчӯбаи СММ ва сохторҳои он, аз ҷумла ЮНЕСКО, ИДМ, САҲА, СҲШ ва дигар ниҳодҳои ҷаҳонию минтақавӣ, ки Тоҷикистон дар бархе аз онҳо аъзои комилҳуқуқ ҳаст, ба роҳ монда шудаанд. Аз таълифоти таҳлилшуда ошкор мегардад, ки дар маҷрои таҳқиқу таҳлили робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои дунё мароми ягона ҷой надорад, агар ба ба ҳамкориҳо бо як зумра давлатҳо бештар таваҷҷуҳ равона гардида бошад, ба ҳамкориҳои мутақобилаи ҷумҳурӣ бо баъзе давлатҳо камтар эътибор дода шудааст. Имрӯз зарур аст, ки ба шакли ҷудогона робитаю ҳамкории фарҳангии ҷумҳурӣ бо ҳар як давлат ва ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ мавриди таҳқиқи алоҳида қарор гиранд [1-М].

Таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони

соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ ва дигар асарҳои самти фарҳангшиносӣ ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқон, пеш аз ҳама таъкид ба он менамоянд, ки омили асосии аз харобӣ берун овардани ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ва ба роҳи рушд гузоштани он асосан дар заминаи ду омили муҳим, аввалан бо кӯшишу ҷадали Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст овардани ягонагию ваҳдати миллӣ ва фазои орому осоишта дар ҷомеа ва, баъдан пурра барқарорсозии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва рӯ ба инкишоф ниҳодани иқтисоди ҷумҳурӣ ҷумҳурӣ ба мал омад. Ин ду омили созанда ба болоравии ҳаёти фарҳангӣ, баланд гардидани сатҳи маърифатии ҷомеаи кишвар, худшиносию ҳувияти миллӣ пояи асосиро омода намуданд.

Таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, кӣ ҳангоми баррасии масъалаи инъикоси ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ пажӯҳишгарон бештар ба таҳлилу шарҳи сиёсати давлатӣ дар самти фарҳанг, нақши бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ, инкишофи ҳаёти фарҳангӣ, маориф ва илм, фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, эъмори пойгоҳи зарурии моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз талифоти муҳаққиқон бар меояд, ки дар як муддати кӯтоҳи истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фарҳанг, илм ва маориф соҳиби дастовардҳои ниҳоят назаррас гардида, дар эҳёи анъанаву суннатҳои аҷдодии фарҳангӣ, муаррифии онҳо дар дохили кишвар ва арсаи байналмилалӣ, ҳифзу ҳимояи мероси бузурги таърихию фарҳангӣ қадамҳои ниҳоят ҷиддӣ ба пеш гузоштааст. Аммо, баробари ин таҳқиқоти таърихнигорӣ нишон дод, ки на ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти фарҳангӣ, самтҳову шоҳаҳои он, вазъи муассисаҳои фарҳангӣ, илм ва маориф дар баъзе минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои калон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Имрӯз замон ва

шароити мусоиди ба миён омада талаб менамояд, ин холигиҳо комилан бартараф карда шаванд. Вақти он расидааст, ки доир ба пешрафту дастовардҳо ва мушкилоту норасоиҳои ҳар як соҳа ва самти алоҳидаи ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ таҳқиқоти мустақили илмӣ гузаронида шаванд. Масъалаи робитаҳои фарҳангии чумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷи дуру наздик низ ниёз ба пажӯҳишҳои алоҳида вобаста бо ҳар як кишвар ва созмонҳои бузурги ҷаҳониро дорад. Махсусан, ҳамкории Тоҷикистон бо ташкилоти бонуфузи байналмилалии СММ ва сохторҳои он, бавижа ЮНЕСКО доир ба арҷгузорию муаррифии мероси бузурги моддию маънавии халқи тоҷик дар арсаи ҷаҳон бояд мустақиман маврид таҳқиқу баррасӣ қарор гиранд [5-М].

Вале, зарур ба таъкид аст, ки умуман то имрӯз таърихнигории раванди ба даст омадани истиқлоли давлатӣ, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), ислоҳоти аграрӣ, саноатикунонии хоҷагии халқ, ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, рушд ва пешрафти илму маориф, равобити фарҳангии ҷумҳурии соҳибистиқлол бо кишварҳои хориҷӣ ва рӯ овардани ҷумҳурӣ ба роҳи рушди бемайлон дар маҷмуъ таҳқиқоти ягона ба миён наомадааст.

Таҳқиқи таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон аз ибтидои садаи XXI ба марҳлаи инкишоф ворид гардида, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, пешаз ҳама таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти комуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръат равон аст ва дар ин замина лоиҳаҳои бузурги сохтмониро анҷом дода, таҳти сарварии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардид.

Умуман, дар заминаи таҳлили таърихнигории адабиёти илмии мавҷуда хулоса намудан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона ва фаъолияти пайгиронаи амалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, барқарорсозии ин соҳаҳои хоҷагии халқ ва ба роҳи рушди перафт гузоштани онҳо, ташаккули асосҳои сиёсати мудабиронаи дохилии кишвар соҳиби дастовардҳои назаррас гаридиааст, ки онҳо ба таври муфассал бо шарҳу тасвири амиқ дар адабиёти илмӣ, махсусан адабиёти илмии таърихӣ инъикоси худро пайдо намудаанд.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Таҳқиқи таърихнигории адабиёти илмии самти таърих ва таърихи итисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар зарфи 25-соли замони истиқлол ҳидоят менамояд, ки ба хотири рушди илми таърихнигории ватанӣ ва истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот чанд тавсияи заруриро пешниҳод намоем:

1. Таҳқиқоти таърихнигорӣ, пеш аз ҳама таҳлили адабиёти сершумори илмӣ ва рисолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имкон доданд, ки на ҳама паҳлуҳои таърихи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол пурра мавриди таҳқик ва баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ин рӯ истифодаи натиҷаҳои амалӣ таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди таърихнигории миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.
2. Таҷрибаи давлатдории тоҷикон, бавижа таҷрибаи баромадан аз ҳолати парокандагию вомондагӣ ва дар як муддати кӯтоҳ рӯ ба инкишоф овардани хоҷагии халқи ҷумҳуриро метавон дар факултаҳои тахассусии таърих ва иқтисоди макотиби олӣ ҳамчун курси таълимӣ ҷорӣ намуд.
3. Ташаббусҳо ва ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва рушди суннатҳои волои аҷдодӣ, фарҳанги миллӣ ва ҳифзу гиромидошти мероси бою таърихию фарҳангӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ ҳамчун курси алоҳида бояд дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни соҳаи фарҳанг омӯхта шаванд.

4. Омӯзиши масоили умдаи таърихнигории замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳамчун курс ва ё фанни алоҳида дар факултетҳои тахассусии макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди тадрис қарор дода шаванд.

5. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур метавон силсилаи мақолаҳои ташвиқотию тарғиботӣ доир ба дастовардҳои иқтисодию фарҳангӣ дар замони истиқлоли давлатӣ тавассути расонаҳои хабарӣ ба чоп расонид.

6. Натиҷаи таҳлили ислоҳот ва дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ метавонанд барои мақомоти идоракунии маҳалии ҷумҳурӣ ҳамчун дастурамал истифода гарданд.

7. Хулосаҳои илмӣ ва маводи таҳқиқии диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи асарҳои маҷмӯии таърихӣ ва оид ба таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои 1991- 2016 ва ҳамчунон хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол» ба таври васеъ истифода кард.

# РУЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Асарҳо, паёмҳо, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон


1. Суханрониҳои Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат ва олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2025. – 438 с.

2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат [Манобеи электронӣ] // www. http://president.tj.–2017. – 20 март. (Санаи дастрас 8.11.2025)

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2009.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. – Душанбе. – 2021.– 22 декабр.

5. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон–таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон [Матн] //Маҷмӯи паёмҳо. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 156-158

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ] //. – Душанбе, 2009. http://www.president.tj (санаи дастрас 2025).

7. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих - Аз Ориён то Сомониён. Дар чор китоб [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, Ирфон, 2009. – 368с.

8. Раҳмон, Э. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э.Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018.– 436 с.

9. Рахмон Э. Таджикистан [Текст]: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. – Душанбе: Шарки озод, 2001. – Т.1.–512 с.

10. Рахмон, Э. Таджики в зеркале истории [Текст]: Арийцев до

Саманидов. Книга первая. / Э. Рахмон. – Лондон, 1999. – 140 с.

11. Рахмонов Э.Ш. Таджикистан по пути демократии и цивилизованного общества [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 230 с

12. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – Ҷ.7. – 477 с.

13. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост [Матн]/ Э.Раҳмон – Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 135с.

14. Эмомалӣ, Р. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (25 апрели соли 2008). – Душанбе, 2008. – С.36.

15. Эмомалӣ, Р. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони аҳли зиёи мамлакат 20 марти соли 2001 [Матн] / Р. Эмомалӣ, // Народная газета. – Душанбе. –2001.– 23 март

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ аз 6 августа соли 2001, таҳти № 42 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №7. – С. 511.

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Дар бораи фарҳанг аз 13 декабри соли 1997. №519 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. – С.352

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Дар бораи фаъолияти китобдорӣ аз 1 августи соли 2003, таҳти № 32 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №8. – С. 455.

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]:Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо. аз 3 июли соли 2012, таҳти № 838 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – №7. – Ст. 688.

20. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2002-2010. [Матн]: Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

солҳои 2007-2010».– 2006. –№ 239. – д.53, р.11, В. 257-262. аз 3 июни соли

21. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тартиби ба ҷамъиятҳои аксионерӣ табдил додани муассисаҳои давлатӣ» аз 18 июни соли 1997.

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ аз 3 марти соли 2006, таҳти № 178 [Манобеи электронӣ] // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http://base. mmk.tj/view_sanadhoview. php? showdetail =&sanadID=148(санаи дастрас 18.12.2025).

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи ҳунарҳои бадеӣ – халқӣ аз 1 августи соли 2003, таҳти № 43 [Манобеи электронӣ] // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php? Showdetail =&sanadI D=105. (санаи дастрас 15.12.2025).

24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ аз 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 [Манобеи электронӣ] // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http: //base.mmk. tj/view_ sanadhoview. php? Showdetail =&sana dID=92. (санаи дастрас 15.12.2025).

**Монографияҳо**

25. 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / Зери назари С. Аслов. - Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с

26. 70 сол дар роҳи омӯзиши таърихи миллат [Матн] / Таҳти назари профессор Н.К.Убайдулло. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – 296 с.

27. Абдурашитов, Ф.М. Феномен таджикского суверенитета [Тексмт]: / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.

28. Абдулзод, А. Ғозималик сарзамини мардуми сарбаланд. [Матн] / А Абдулзод. – Ғозималик, 2001. – 203с.

29. Абдулло, Б. Савти фалак ва фалаки Давлатманд [Матн] / Б. Абдулло. – Душанбе, 2006. – 138 с.

30. Абдулҳаев, Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми асри бист [Матн] / Р. Абдулҳаев. – Душанбе,2018. – 479 с.

31. Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои шӯравӣ дар Кӯлоб [Матн] / М.Х. Абдуллоев. – Душанбе, 2007. – 48 с.

32. Абдурашитов, Ф. М. Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце ХХ - начала XXI вв. [Текст]: Историко-правовые аспекты / Ф. М. Абдурашитов. – Дущанбе, 2015. – 142с.

33. Абдурашитов, Ф.М. Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце ХХ - начале XXI вв [Текст] / Ф. М. Абдурашитов. – Душанбе, 2018. – 365с.

34. Абулҳаев, Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000) [Текст] / Р.Абулҳаев. – Душанбе, 2009. – 439 с.

35. Абулхаев, Р. А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зерафшана [Текст] / Р.Абулҳаев. – Душанбе, 1972. – 260 с.

36. Абулхаев, Р.А. Вопросы новейшей истории Таджикистана [Текст] / Р.Абулҳаев. – Душанбе,2015. – 213с.

37. Абулхаев, Р.А. Из истории трудовой миграции Таджикистана в конце XX – начале XXIв / Р.Абулҳаев. – Душанбе, 2017. – 383с.

38. Абулхаев, Р.А. Ирано-таджикское сотрудничество в конце XX – начале XXI вв. [Текст] / Р.А.Абулхаев. – Душанбе, 2017. – 232 с.

39. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон [Текст].–Душанбе: Дониш, 2021. – 696 с.

40. Акрамова, С. История изучения музыкальной культуры Таджикистана [Текст] / С.Акрамова. – Душанбе, 2017. – 321с.

41. Актуальные проблемы становления и развития предпринимательства в Таджикистане. [Текст] / Коллектив авторов под общей редакцией д.э.н. профессора Г. Джурабаева. – Душанбе: Ирфон, 2003. –94с.

42. Антоненко, Б. А. Аграрные преобразования в доколхозном таджикском кишлаке [Текст] / Б. А. Антоненко. – Душанбе: Дониш, 1987. – 293с

43. Арабова, Ш. Документальное кино в культуре Таджикистана в XX в. [Текст] / Ш. Арабова. – Душанбе, 2006. – 127с.

44. Асоев, Н., Абдуназаров Х. Ахтар [Матн] / Н. Асоев., Х. Абдуназаров. – Душанбе, 2010. – 101с.

45. Ахророва А.Д., Аминджонов Р.М., Дороникин К.А. Энергетика Таджикистана [Текст]: современные тенденции и перспективы устойчивого развития / А. Д. Ахророва., Р.М.Аминджонов., К.А. Дороникин. – Душанбе: ООО РИА «Статус», 2005. – 238 с.

46. Баскакова, М. Некоторые вопросы образования, гендерное равенство и занятости молодежи на примере стран Кавказа и Центральной Азии [Текст] / М. Баскакова. – М.,2007. – 61 с.

47. Богуманова, З. З. На пути культурного взаимообогащения [Текст] / З. З. Богуманова. – Душанбе: Дониш, 1988. – 122

48. Бунёди давлатдории навин [Матн] / З. М. Алиев, М. Диноршоев., А.С. Достиев. – Москва: Радуница, 2002. – 416

49. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1997 [Матн]. – Душанбе: Кумитаи давлатии омор, 1997. – 97с

50. Ваҳдат, давлат, президент [Матн]. – Душанбе: Деваштич,2007. –Ҷ. 4. – 288с.

51. Ганиев, Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана [Текст] / Т.Б. Ганиев. – М.: Диалог-МГУ, 1997. –116 с.

52. Гимпелевич, Р. С. К вопросу о содержании земельно-водной реформы в Таджикистане [Текст] / Р. С. Гимпелевич // Уч. зап. ТГУ им. В. И. Ленина. Тр. Юрфака. – Сталинабад, 1958. – Т. 20. – Вып. 9.–

53. Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн]:

Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

54. Давлатманд, Х. Фалак [Матн] / Х. Давлатманд // Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2011. – 244 с.

55. Давлатов, К. К. Дехканские (фермерские) хозяйства [Текст]: проблемы становления и перспективы развития / К. К. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 150 с.

56. Дастовардҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].–Душанбе: Дониш, 2021. – 380

57. Демидчик, Л. Н. Таджикская драматургия 40-50-х годов [Текст] / Л. Н. Демидчик. – Душанбе: Изд-во АН Таджик. ССР, 1965. –204 с

58. Додобоева, З.А. Таджикистан-межнациональные отношения в период трансформации общества [Текст] / З. А. Додобоева. – Душанбе, 2000. – 232 с.

59. Додхудоева Л. Графика и скульптура Таджикистана XX века [Текст] / Л.Додхудоева. – Душанбе, 2006. – 269

60. Ёдгорӣ, Н. Энергетикаи Точикистон: дирӯз, имрӯз ва фардо [Матн] / Н.Ёдгорӣ. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 208 с.

61. Ёров, Дж. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка [Текст] / Дж. Ёров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 132 с.

62. Зиёдулло Шаҳидӣ ва суннатҳои бадеии мусиқии тоҷикон [Матн]: маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2015. – 410

63. Зубайдов, А. Д. История профессиональной деятельности народных музыкантов Таджикистана в 30 – 80-е годы XX века [Текст] / А. Д. Зубайдов. – Душанбе, 2005. – 29с

64. Из истории культурного строительства в Таджикистане [Текст]. – Душанбе, 1972. –Том 1. – 512с.

65. Имомалиева, Р.М., Зубайдуллоев, С.Х. Таҳкими

муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони соҳибистиқлолӣ (1991-2021) [Матн] / Р. М. Имомалиева., С. Х. Зубайдуллоев. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 84 с.

66. История культурного строительства в Таджикистане [Текст]. – Душанбе, 1979. – Т.1. – 284с.

67. История таджикского народа [Текст]: Новейшая история (1941-2010). / под ред. Р.Масова. – Душанбе, 2011. – Т.6. – 688 с.

68. История Таджикского народа [Текст]. –Москва: Наука. 1965 – Т.З. – 282 с.

69. История таджикского народа [Текст]. –Душанбе, 2004 . – Т.5. – 752

70. Кабилова, Б. История композиторского творчества в Таджикистане [Текст] / Б. Кабилова. – Душанбе, 2008. – 154 с.

71. Кабутов З., Махсумов М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара [Матн] / З. Кабутов., М. Махсумов. – Душанбе, 2003. –92с.

72. Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара [Матн] / З. Кабутов., М. Махсумов. – Душанбе, 2013. – 63 с.

73. Капаева, А. Культура и политика [Текст] / А. Капаева. – Алмата, 2004. – 328 с.

74. Каримова, Р. Н. Культура Таджикистана в годы независимости [Текст] / Р. Н. Каримова. – Душанбе, 2013. – 212 с.

75. Кароматов. Ф., Нурджанов, Н., Кабилова, Б. Музыкальное искусство Памира [Текст] / Ф.Кароматов., Н. Нурджанов., Б.Кабилова.– Бишкек, 2010. – Кн.3. – 184 с.

76. Каюмов, Н. К., Умаров, Х. У. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана [Текст] / Н. К. Каюмов., Х. У. Умаров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 192 с.

77. Ким, М.П. Проблемы теории и истории реального

социализма [Текст] / М.П. Ким. – М., 1983. – 557с.

78. Композиторы и музыковеды Таджикистана [Текст]. – Душанбе, 2010. – 312 с.

79. Кӯлоб. Энсиклопедия [Матн]. – Душанбе, 2006. – 636с.

80. Культура и независимость [Текст]: Сб. статей.– Душанбе: Адиб, 2011. – 292 с. (на тадж. языке)

81. Ҷалилзода, И. Одина Ҳошим [Матн] / И. Ҷалилзода. – Душанбе, 1985 – 54 с.

82. Мадвалии, М. Арғуштгари оташниҳод [Матн] / М. Мадвалии. – Душанбе, 2017. – 48 с.

83. Маликов, М. Энергетическая независимость Таджикистана [Текст]: история, проблемы и перспективы. – Душанбе, 2013. – 392 с

84. Маҷмӯи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000-2016) [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 516 с

85. Маҳкамов, Р. Проблемы реформирования экономики Республики Таджикистан и становления частного сектора в переходном периоде к рынку [Текст] / Р. Маҳкамов. – Душанбе, 1998. –136 с.

86. Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн]. – Душанбе, 2006. – 226с.

87. Масов, Р. М. Историография социалистической реконструкции сельского хозяйства и дальнейшего развития колхозного строительства в Таджикистане. (1917-1967 гг.) [Текст] / Р. М. Масов. – Душанбе: Дониш, 1974. –126 с

88. Масов Р., Абулҳаев, Р. Чароғи маърифат [Матн] / Р. Масов, Р. Абулҳаев. – Душанбе, 1985. – 123 с.

89. Масов Р.М. Таджики [Текст]: история национальной трагедии / Р.М. Масов. –Душанбе, 2008. – 535с.

90. Масов, Р. История исторической науки и историография

социалистического строительства в Таджикистане [Текст] / Р.М. Масов. – Душанбе, 1988. – 316 с.

